Между тем мировой опыт показывает, что характерной особенностью расходов на НИОКР в промышленно развитых странах является соотношение государственных и частных корпоративных вложений в пользу последних. В 2019 г. в США эта пропорция выглядит как 10,4:72; в Японии – 7,8:79,4; в Германии – 13,5:68,9; во Франции – 12,5:65,4; в Великобритании – 6,6:67,6. В странах СНГ пропорция сложилась следующим образом: в Азербайджане – 85,4:2,4; в Армении – 86,7:0; в Беларуси – 21,6:68,7; в Казахстане – 30,6:42,9; в Кыргызстане – 58,8:29,3; в России – 28,3:60,7; в Узбекистане – 41,6:40,4, в Украине – 34,9:58,5[3].

Следовательно, важнейшим приоритетом в совершенствовании структуры НИОКР в Республике Таджикистан является вовлечение предпринимательского сектора в систему НИОКР, особенно в разработки. Реализация этого приоритета даст возможность государству развивать фундаментальные и прикладные науки, а предпринимательскому сектору – разработки, в т.ч. опытно-конструкторские. Например, в Японии университеты и колледжи выполняют 52,6% фундаментальных исследований, в то время как 71,1% разработок приходится на долю частных компаний[4].

Важнейшим условием вовлечения предпринимательского сектора в систему НИОКР является формирование у него спроса на НИОКР. При этом «зачастую именно инженерно-конструкторский потенциал является ключевым фактором инновационной деятельности и главной движущей силой спроса на НИОКР после того, как

[2] Рассчитано по: Индикаторы науки: 2021: статистический сборник. – М.: НИУ ВШЭ, 2021. – С. 303.

[3] Там же. - С. 300.

[4] Электронный журнал «Эксперт Казахстана»; http://expert.ru/kazakhstan/2007/04/programma_razvitiya_nauki/

предприятия достигают определённого технологического уровня»[5]. Как известно, в Республике Таджикистан только единичные предприятия, в том числе промышленности имеют высокий технологический уровень. При этом республика располагает и слабым инженерно-конструкторским потенциалом. Об этом свидетельствуют данные по Обследованию рабочей силы за 2016 г. (ОРС). Наиболее распространённые 15 профессий занятого населения на основной работе: неквалифицированные рабочие, занятые на строительстве, бухгалтеры, преподаватели средних профессиональных учебных заведений, уборщики и прислуга в учреждениях, отелях и других местах, продавцы и помощники продавцов в магазинах и на рынках, швеи, вышивальщицы и рабочие родственных занятий, преподаватели в средней школе, руководители подразделений в сельском хозяйстве, работники сферы торговли, не входящие в другие группы, водители легковых автомобилей, такси и фургонов, разнорабочие. Они оставляют 48,4% от всего занятого населения республики[6].

В ОРС-2016 отмечается, что «…несмотря на значительный рост между 2009г. и 2016 г. доли лиц с оконченным профессионально-техническим и высшим образованием, занятое население Таджикистана работало преимущественно на рабочих местах, требующих более низкую квалификацию»[7]. Из всего занятого населения в 2016 г. только 29,8% имеют профессиональное образование, и лишь 17,0% - высшее образование (среднее профессиональное – 8,9%; начальное профессиональное – 3,9%). Необходимо отметить, что в 2004 г. 27,8% населения имело профессиональное образование, с высшим образованием было 11,2% населения[8] (среднее профессиональное – 7,9%; начальное профессиональное – 7,5%). Отсюда и вывод: поскольку основой формирования инженерно-конструкторского потенциала являются специалисты с высшим образованием, то возможности создания спроса на НИОКР в предпринимательском секторе в Республике Таджикистан на сегодняшний день ограничены.

Уровень развития системы НИОКР также зависит и от масштабов изобретательской активности.

Общепринятым показателем, характеризующим изобретательскую активность, является количество заявок на патентное изобретение. Динамика заявок на патенты по Республике Таджикистан представлена на рис. 4.




**Рис. 4. Динамика заявок на патенты**

[5] Обзор инновационного развития Республики Таджикистан. Европейская экономическая комиссия Организации Объединённых Наций. – Нью-Йорк и Женева, 2015. – 199 с. eISBN 978-92-1-057740-3. – С. 86.

[6] Положение на рынке труда в Республике Таджикистан (Отчёт, подготовленный по результатам обследования рабочей силы, проведённого с 20 июля по 20 августа 2016 года) – Душанбе, 2017. – С. 47.

[7] Там же. – С. 47.

[8] Рассчитано по: Положение на рынке труда в Республике Таджикистан. - 2017. – С. 30.

***Рассчитано по:*** *Материалы ГУ Национального информационно-патентного центра Министерства экономического развития и торговли Республики Таджикистан (письмо НПИ-Центра за № 187/01.1 от 19.05.2017); Научно-технический потенциал Республики Таджикистан в 2010 году. – С. 38-46; Там же. – 2015 – С. 50-54; Там же. - 2016. – С. 65-69; Там же. – 2020. – С. 84.*

Как видно из рис. 4, самое большое количество заявок на патенты было сделано в 2010 г. и по сравнению с 2005 г. возросло в 2,5 раза, но в 2018 г. наблюдается значительное снижение - до 47 заявок, или на 67% и является самым низким показателем за весь рассматриваемый период.

В целом, оценивая количество заявок на патенты, можно отметить, что изобретательская активность в Таджикистане не отличается высокой интенсивностью, а потому её масштабность (т.е. число заявок на патенты, приходящиеся на 1 млн. населения) меньше, чем в других странах СНГ (рис. 5).




* 2018 г.

**Рис. 5. Заявки на патенты на 1 млн. человек по странам СНГ за 2014 г.**

***Рассчитано по:*** *Научно-технический потенциал Республики Таджикистан в 2018 году. – С. 88; http://knoema.ru; http://cisstat.ru.*

Как видно из рис. 5, Таджикистан занимает последнее место среди стран СНГ по масштабности изобретательской активности, измеряемой заявками на патенты на 1 млн. населения.

Анализ соотношения заявок на патенты юридических и физических лиц показывает, что удельный вес юридических лиц является абсолютно преобладающим (более 80%). Поскольку в качестве юридических лиц, подающих заявки на патенты, в данном случае, как правило, выступают научно-исследовательские организации и вузы Республики Таджикистан, занимающиеся научно-технической деятельностью, постольку можно сделать вывод, что уровень изобретательской активности в республике во многом будет определяться её развитием в этих научных учреждениях и вузах. Проанализируем динамику и уровень изобретательской активности научных работников, занятых основной научно-технической деятельностью. Соответствующие данные за 2010-2018 гг., т.е. количество заявок на патенты, как показатель, характеризующий изобретательскую активность, по научным организациям и вузам, приведены в табл. 2.

Таблица 2.

**Количество заявок на патенты, поданных научно-исследовательскими организациями и вузами**

| Организации | Годы | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
| АН РТ | 23 | 12 | 9 | 12 | … | 16 | 18 | 13 | 10 |
| ТАСХН | 4 | 8 | - | 3 | … | 6 | 4 | 7 | 9 |
| АМН | 13 | 20 | 11 | 3 | … | 4 | 10 | 6 | 2 |
| Вузы | 103 | 66 | 81 | 41 | … | 47 | 67 | 35 | 26 |
| ОНИО | - | 8 | 3 | 3 | … | - | - | - | 1 |
| **Итого** | **143** | **114** | **104** | **62** | … | **73** | **99** | | **48** |

… - данных не имеется.

***Составлено по:*** *Научно-технический потенциал Республики Таджикистан в 2010 году. - С. 38-46; Там же. – 2013. – С. 31-35; С. 48-54; С. 36-40; Там же. – 2015. – С. 50-54; Там же. – 2017. – С. 65-70; Там же. – 2018. – С. 66-70; Там же. – 2020. – С. 88.*

Данные в табл. 2. показывают, что изобретательская активность по всем научно-исследовательским институтам, кроме ТАСХН, и вузам снизилась в два и более раз.

Следовательно, как показывает анализ, в Республике Таджикистан уровень изобретательской активности снижается, что отрицательно влияет на уровень развития системы НИОКР.

Для повышения изобретательской активности занятых научными исследованиями и разработками большое значение имеет совершенствование практики оценки законченных научно-исследовательских работ в области НИОКР. Поскольку исследования и разработки по НИОКР осуществляются по естественным, техническим, сельскохозяйственным, медицинским, общественным и гуманитарным направлениям науки, и при этом одни из них связаны с материальным производством, а другие - с социально-культурной сферой экономики, постольку, по нашему мнению, оценивать завершённые в этих направлениях научно-исследовательские работы по одним и тем же стандартам невозможно.

Научно-технические исследования и разработки, связанные с материальным производством, следует считать завершёнными, когда они приняты специальной комиссией, состоящей из учёных Национальной академии наук Таджикистана и соответствующих специалистов республиканских министерств и ведомств. При этом организация – исполнитель научно-технических разработок должна представить комиссии:

1. научно-технический отчёт о выполнении разработки, рецензии, заключения экспертов;
2. конкретный результат научно-технической разработки - образцы изделия и/или новые технологии;
3. материалы испытаний;
4. полученные авторские свидетельства и патенты.

Научные исследования и разработки, связанные с социально-культурной сферой, считаются завершёнными, когда они приняты специальной комиссией, состоящей из учёных Национальной академии наук Таджикистана и соответствующих специалистов министерств и ведомств республики. В этом случае организация – исполнитель научных исследований и разработок представляет комиссии:

1. отчёт о научных исследованиях и разработках, рецензии, заключения экспертов, подтверждающие актуальность исследования и его научную новизну;
2. публикации статей в рецензируемых журналах и официально изданные монографии по итогам темы исследования;
3. практическое использование рекомендаций и предложений, подтверждённых официальными документами о принятии их к внедрению.

*Литература:*

*1. Индикаторы науки: 2021: статистический сборник. – М.: НИУ ВШЭ, 2021.*

*2. Материалы Государственного агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан, письмо № 5-88 от 3.11.2020 г.*

*3. Материалы Совета по координации научно-исследовательских работ в области естественных, технических, медицинских, сельскохозяйственных, гуманитарных и общественных наук в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2020.*

*4. Обзор инновационного развития Республики Таджикистан. Европейская экономическая комиссия Организации Объединённых Наций. – Нью-Йорк и Женева, 2015. – 199 с. eISBN 978-92-1-057740-3. – С. 86.*

*5. Положение на рынке труда в Республике Таджикистан (Отчёт, подготовленный по результатам обследования рабочей силы, проведённого с 20 июля по 20 августа 2016 года) – Душанбе, 2017.*

*6. Статистика науки и образования. Вып. 6. – М.: 2015. – С. 280.*

*7. Электронный журнал «Эксперт Казахстана»; http://expert.ru/kazakhstan/2007/04/programma_razvitiya_nauki/*

**Довгялло Я.П.**

## САТҲИ РУШДИ НИОКР ВА ВАЗИФАҲОИ ТАКМИЛИ СОХТОРИ ОН

**Институти иқтисод ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

*Дар мақола сатҳи таҳияи лоиҳаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар асоси тамоюлҳои сохтори хароҷоти ҷории дохилӣ аз рӯи намудҳои кор (таҳқиқоти бунёдӣ, амалӣ ва рушд), аз рӯи соҳаҳои илм ва манбаъҳои маблағгузорӣ баррасӣ карда мешавад. Таҳлили омилҳое, ки ба ин тағйирот таъсир мерасонанд, оварда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *таҳқиқоти бунёдӣ, амалӣ; хароҷоти ҷории дохилӣ барои таҳқиқоти илмӣ; самтҳои илмҳо; манбаъҳои маблағгузорӣ.*

**Dovgyallo Y.P.**

## LEVEL OF R&D DEVELOPMENT AND TASKS FOR IMPROVING ITS STRUCTURE

**Institute of economics and demography of the National academy of sciences of Tajikistan**

*The article examines the level of development of research and development projects based on trends in the structure of internal current costs by type of work (fundamental, applied research and development), by areas of science and funding sources. The analysis of the factors influencing these changes is given.*

***Key words:*** *fundamental, applied research and development; internal current expenditure on R&D; directions of sciences; sources of funding, inventive activity.*

*Сведения об авторе:*

*Довгялло Яна Павловна - ведущий научный сотрудник Отдела экономической теории и международных отношений ИЭД НАНТ, к.э.н., Республика Таджикистан, 734024, г. Душанбе, ул. Айни 44, e-mail: ydovgyallo@mail.ru.*

УДК: 336.74, 330.12 (575.3) Бобоев О.

**Посвящается памяти академика НАНТ Рахимова Р.К.**

# О КАЧЕСТВЕННОМ АСПЕКТЕ ТЕОРИИ ДЕНЕГ ПРИ АНАЛИЗЕ УРОВНЯ БЛАГОСОСТОЯНИЯ НАСЕЛЕНИЯ

**Институт экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана**

*В данной статье рассматриваются исследования Рахимова Рашид Каримовича об оценке реального конечного продукта в макроэкономике путем вычленения показателя инфляции из единственно учитываемого показателя валового внутреннего продукта (ВВП), которые показывают, что параметры инфляции и реального роста экономики, определенные таким образом, не всегда оказываются точными, поэтому не могут адекватно оценить уровень благосостояния населения. Проанализированы также другие научные труды Рахимова Р.К. и зарубежных ученых об использовании инструментов денежно-кредитной политики, а также теоретической конструкции межотраслевой модели анализа, в которой нет противопоставлений макроэкономики и микроэкономики, рыночных и плановых методов экономического управления.*

***Ключевые слова:*** *макроэкономика, валовый внутренний продукт, экономический рост, модернизация, денежный и реальный сектор экономики, капитал, деньги, теория функционирования экономики, метод математического моделирования, приемы систематизации, обработка экономической информации.*

Следует сказать, что имеющиеся у аналитиков инструменты измерения реального объема использованного в экономике конечного продукта не позволяют определить истинную стоимость потребленных в стране товаров и услуг. На сегодняшний день реальный конечный продукт в макроэкономике определяется путем вычленения показателя инфляции из единственно учитываемого показателя валового внутреннего продукта (ВВП). Однако, исследования Рахимова Рашида Каримовича [4, 4-12] показали, что параметры инфляции и реального роста экономики, определенные таким образом, не всегда оказываются точными, поэтому не могут адекватно оценить уровень благосостояния населения.

Исследования, проведенные академиком НАНТ Рахимовым Р.К. со своими коллегами из отдела экономической теории Института экономики и демографии НАНТ на тему “Модернизация народнохозяйственных пропорций в экономике Республики Таджикистан” [4] указывают, что «на основе анализа фактических материалов, в которых отражаются разнообразные формы и способы взаимодействия денежного и реального секторов, определяются положительные и отрицательные стороны современного состояния взаимодействия этих секторов. Кроме того, сделана первая попытка определения, с учетом особенностей переходной экономики Таджикистана, возможности использования инструментов денежно-кредитной, т.е. монетарной политики для развития реального сектора экономики республики. Поэтому особое внимание уделяется определению новых форм взаимодействия денежного и реального секторов экономики» [4, 9].

Следует сказать, что проведенные авторами исследования двух секторов экономики (денежных и реальных) и анализа народнохозяйственных пропорций развития экономики выполнены с применением количественной теории денег, поэтому выводы авторов получились недостаточно адекватными из–за того, что не были приняты во внимание качественный аспект применения теории денег на практике экономического управления экономического роста и благосостояния населения.

В анализ народнохозяйственных пропорций национальной экономики привлечены такие важные параметры экономического развития, указывающие на взаимосвязь макро и микроэкономических показателей и их увязки, как: производительность труда,

капиталоёмкость и материалоёмкость продукции, соотношение ВВП и роста основных фондов, стоимости промежуточного потребления к ВВП, фондоёмкость продукции и фондовооруженность труда, рост объёма производства товаров и услуг, промежуточной продукции и валовой добавленной стоимости, оплата труда наёмных работников, чистые налоги на продукт и импорт, чистая прибыль и смешанные доходы, результаты экономической деятельности совместных предприятий с иностранными инвестициями и т.д. [4, 13-26].

Следует сказать, что все эти показатели подвержены влиянию количественной теории денег, что без достаточного учета качественных аспектов в анализе, результаты исследования не могут быть адекватными.

**Постановка проблемы.** Анализ макроэкономической динамики с применением двухсекторной (денежной и реальной) модели воспроизводства с учетом микроэкономических тенденций, исследованных Рахимовым Р.К., показал, что лицом принимающим управленческое решение определяется, какое подразделение экономики будет развиваться каким темпом роста. Ключевое значение при этом имеет снижение удельной материалоемкости валовой продукции страны. Но это снижение, согласно модельному представлению Рахимова Р.К., «оказывает более сложное влияние на динамику двух подразделений» [4], поскольку изменение коэффициентов затрат одного подразделения вызывает изменение коэффициентов затрат другого подразделения.

Ключи к решению задачи Р. К. Рахимова, связанной с проблемой снижения материалоемкости валовой продукции, можно найти в дополнениях к «Капиталу» Ф. Энгельса, где он по поводу позитивных изменений, происходящих в структуре затрат на производство писал: «…та часть стоимости, которая происходит от сырья и вспомогательного материала, с повышением производительности труда по отношению к этим материалам обнаруживается именно в том, что их стоимость понижается. Напротив, наиболее характерным для повышения производительной силы труда является то, что основная часть капитала претерпевает очень сильное увеличение, а вместе с тем увеличивается и та часть его стоимости, которая переносится на товары вследствие износа (амортизации) основного капитала. Для того, чтобы новый метод производства проявил себя как метод действительного повышения производительности, он должен в результате износа основного капитала переносить на отдельный товар меньшую стоимость, чем та стоимость, которая экономится, сберегается вследствие уменьшения затрат живого труда по сравнению с затратами прошлого труда: одним словом, этот метод, должен уменьшить стоимость реализуемого товара. Само собой разумеется, это должно иметь место и тогда, как это бывает в отдельных случаях, когда в образование стоимости товара, кроме дополнительно изнашиваемой части основного капитала, входит дополнительная часть стоимости, соответствующая увеличивающимся по количеству или более дорогим видам сырья и вспомогательных материалов. Все надбавки к стоимости должны более чем уравновеситься уменьшением стоимости, вытекающим из уменьшения живого труда» [2, 286].

В соответствии с этими дополнениями Ф. Энгельса, правильное соизмерение показателей капитала, в его форме денег ($Y = V+m$), и капитала, в его форме товара ($X=C+V+m$), может стать ключом решения задачи Рахимова Р.К. по проблемам снижения материалоемкости валовой продукции страны.

Таким образом, необходимо обеспечить двухмерное соизмерение показателей номинального ВВП ($Y$), который определяет стоимость конечного продукта с показателями валового совокупного продукта ($X=C+V+m$), состоящего из суммы затрат, в том числе материальных, необходимых для производства данного объема конечного продукта, в форме годового дохода ($Y = V+m$).

Без двухмерных методов соизмерения показателей данной двойственной пары не представляется возможным решение задачи Рахимова Р.К. с определением удельной материалоемкости валовой продукции.

Постановка задачи Рахимова Р.К. об объективной необходимости слежения за уровнем материальных затрат и учета экономии производственных ресурсов при

анализе технологии экономического управления в полной мере соответствует следующему утверждению М. Портера: «Движение к развитой экономике требует развития сильной местной конкуренции. Соперничество должно идти по пути смещения акцента с низкой заработной платы к низким общим издержкам, что требует совершенствования эффективности производства и предоставления услуг» [3, 220].

**Вклад Рахимова Р.К. в раскрытие сущности «парадокса Леонтьева»**. Академик НАНТ Рахимов Р.К., крупный специалист в области анализа межотраслевых структурных сдвигов и баланса страны, раскрыл не только функции затрат производственных ресурсов, но и правильно ориентировал своих последователей - учеников на поиск истинной стоимости товаров и услуг, фактически раскрыв сущность «парадокса Леонтьева» как одного из вариантов без инвестиционного экономического роста. Суть подхода лауреата Нобелевской премии в области экономики В. Леонтьева состоит в том, что он охватил цифрами не только производство, но и распределение общественного продукта, и таким путем построил общую схему воспроизводства общественного продукта.

Объяснение системности научного подхода В. Леонтьева сводится к тому, что он создал новое синтетическое направление в экономической науке, «соединив теорию функционирования экономики с методами математического моделирования, приемами систематизации и обработки экономической информации» [1, 153-184].

Тем более, его методология связана с практикой анализа и оценки структурных сдвигов (пропорций) в экономике и торговле. Часто его методология позволяла сделать неожиданные выводы. Среди них – «парадокс Леонтьева», вошедший в известные учебники высших учебных заведений.

«Парадокс Леонтьева» исходит из убеждения, что многие годы США, как страна с избыточным капиталом и относительно ограниченным рынком высокооплачиваемой рабочей силы, должна осуществлять экономические связи с остальным (более бедным) миром, таким образом, чтобы в американском экспорте преобладали капиталоемкие товары, а в импорте – более трудоемкие. А Рахимов Р.К. для условий Таджикистана доказал, что для целей развития экономики страны следует наладить в стране производство товаров более высокой трудоемкости и низкой материалоемкости.

Но В. Леонтьев впервые обнаружил, что с учетом косвенных межотраслевых связей и полных затрат труда и капитала, США, наоборот, «экспортирует» труд и «импортирует» капитал. Данная закономерность экономики обнаружена Рахимовым и в условиях экономики Таджикистана. Она действует как «парадокс Леонтьева», т.е. страна экспортирует труд и импортирует капитал. И данный эмпирический результат имеет теоретическое объяснение, не учитываемое в известных теориях внешней торговли [1, 163-164]. В частности, существующая до сих пор теория Хекшера-Олина эту же ситуацию объясняет, как раз наоборот.

В основе «парадокса Леонтьева» лежит оценка изменений в структуре затрат материальных, трудовых и капитальных ресурсов на производство единицы конечного продукта.

И самое главное, в теоретической конструкции межотраслевой модели анализа В. Леонтьева нет противопоставлений макроэкономики и микроэкономики, рыночных и плановых методов экономического управления.

По его убеждению, нужен определенный баланс между действием рыночного механизма на уровне микроэкономики и регулирующей ролью государства на уровне макроэкономики [1, 181]. На наш взгляд, двухмерное измерение капитала, в его форме денег, как эффективный механизм рыночного управления реальной микроэкономикой, и капитала, в его форме товара, как эффективный механизм государственного управления ограниченными макроресурсами полностью соответствует концепции анализа Рахимова Р.К. [4].

*Литература*

*1. Леонтьев Василий в мировой и отечественной экономической науке. - В кн. «К 80-летию со дня рождения Александра Григорьевича Гранберга: Ученый, учитель, человек» / под ред.чл-корр. РАН В.И.Суслова, д.э.н. С.А Суспицына – Новосибирск: ИЭОПП СО РАН, 2016. – 324 с.*

*2. Маркс К., Энгельс Ф. Соч. 2- е изд., т.25, ч.1, с.286.*

*3. Портер М.Э. Конкуренция: пер с англ. М.: Изд.Дом «Вильямс», СПб, Москва, Киев – 2002. - 496 с.*

*4. Модернизация народнохозяйственных пропорций в экономике Таджикистана. - Душанбе, 2014. -184 с.*

**Бобоев О.**

**Бахшида ба хотираи академики**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**
**Раҳимов Р.К.**

## ДАР БОРАИ ҶАНБАИ СИФАТИИ НАЗАРИЯИ ПУЛ ДАР ТАҲЛИЛИ САТҲИ НЕКӮАҲВОЛИИ АҲОЛӢ

**Институти иқтисодиёт ва демографияи**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

*Дар мақолаи мазкур таҳқиқотҳои Раҳимов Рашид Каримович таҳлил карда шудаанд, ки дар он оиди баҳодиҳии маҳсулоти воқеии ниҳоӣ дар макроиқтисодиёт бо роҳи ҷудо кардани сатҳи таваррум аз нишондиҳандаи ягона баррасишудаи ММД нишон медиҳад, ки параметрҳои таваррум ва рушди воқеии иқтисод, ки бо ин роҳ муайян карда шудаанд, на ҳама вақт дуруст баромад мекунанд, аз ин рӯ онҳо сатҳи некӯаҳволии аҳолиро ба қадри кофӣ арзёбӣ карда наметавонанд, акс ёфтааст. Инчунин дигар корҳои илмии Раҳимов Р.К. ва олимони хориҷӣ оид ба истифодаи воситаҳои сиёсати пулию қарзӣ, инчунин сохтори назариявии модели таҳлили байнисоҳавӣ, ки дар он мухолифатҳои байни макроиқтисодӣ ва микроэкономика, усулҳои бозорӣ ва нақшавии идоракунии иқтисодӣ вуҷуд надоранд, таҳлил карда шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *макроиқтисодиёт, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, рушди иқтисодӣ, навоварӣ, соҳаҳои пулӣ ва воқеии иқтисодиёт, сармоя, пул, назарияи фаъолияти иқтисодиёт, усули моделсозии математикӣ, усулҳои систематикӣ, коркарди иттилооти иқтисодӣ.*

**Boboev O.**

**Dedicated to memory**
**Academician of National academy of science of Tajikistan**
**Rakhimov R.K.**

## ABOUT THE QUALITATIVE ASPECT OF THE THEORY OF MONEY AT ANALYSIS OF THE LIVING STANDARDS OF THE POPULATION

**Institute of economics and demography**
**of the National academy sciences of Tajikistan**

*This article examines the studies of Rakhimov Rashid Karimovich on the assessment of the real final product in macroeconomics by isolating the inflation indicator from the only considered indicator of gross domestic product (GDP), which show that the parameters of inflation and real economic growth, determined in this way, are not always accurate. therefore, they cannot adequately assess the level of well-being of the population. Other scientific works of Rakhimov R.K. are also analyzed. and foreign scientists on the use of monetary policy instruments, as well as the theoretical construction of an intersectoral analysis model, in which there are no oppositions between macroeconomics and microeconomics, market and planned methods of economic management.*

***Key words:*** *macroeconomics, gross domestic product, economic growth, modernization, monetary and real sectors of the economy, capital, money, theory of functioning of the economy, method of mathematical modeling, methods of systematization, processing of economic information.*

***Сведения об авторе:***

***Бобоев О.*** *– д.э.н., профессор, главный научный сотрудник отдела Инфраструктурных исследований ИЭД НАНТ. E-mail: boboev.52@mail.ru*

**УДК 330. 338 (575.3)** **Саидова М.С.**

# ҶАЛБИ САРМОЯИ ХОРИҶӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Донишкадаи сайёҳӣ,соҳибкорӣ ва хизмат**

*Дар мақола ҷалби сармояи хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши он дар рушди иқтисодӣ дида баромада шудааст. Дар шароити муосир масъалаи ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон хело муҳим ба шумор меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби сармояи хориҷӣ ,дастгирии таркиби бозор ва рушди низоми тиҷоратӣ, молиявӣ ва бонкӣ муҳити хуб ташкил шудааст. Дар сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалби сармояи хориҷӣ дар шакли мустақим хело муҳим ба ҳисоб меравад. Диққати махсус ба моҳияти сармоягузории мустақим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст, чунки онҳо самаранокии ҳамгироии иқтисоди миллиро дар ҷаҳон таъмин менамоянд. Дар мақола мафҳуми сармоягузорӣ ва намудҳои он шарҳ дода шудаст. Инчунин муҳити сармоягузорӣ дар мамлакат нишон дода шуда, вазъи сармоягузории хориҷӣ дар иқтисодиёти Ҷумхурии Тоҷикистон таҳлил карда шудааст.*

***<u>Калидвожаҳо:</u>*** *маблағгузорӣ, сармоягузорӣ, сармоягузории хориҷӣ, сармоягузори мустақим , сармоягузории ҷувздонӣ, дигар намуди сармоягузорӣ, муҳити сармоягузорӣ, фаъолияти сармоягузории муштарак.*

Сармоягузории хориҷӣ яке аз омилҳои асосии рушди иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Дар солҳои охир масъалаи ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумхурии Тоҷикистон басо муҳим ба ҳисоб меравад, чунки манбаъҳои дохилӣ имконияти пурраи таъмини рушди иқтисодиётро надоранд.

Дар паёми худ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01.2021 чунин таъкид намуд: “Беҳтар гардонидани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ ва ҷалби сармояи мустақим барои таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии мо ба ҳисоб меравад” [7, 3].

Қайд кардан бомаврид аст, ки ҳатто давлатҳои мутараққӣ, ба монанди ИМА, Олмон , Фаронса, Ҷопон , Британия Кабир ҷалби доимии сармояи хориҷиро ҳамчун воситаи асосии рушди иқтисодӣ, баланбардории некуаҳволии аҳолӣ меҳисобанд.

Сармоягузории хориҷӣ ба сармоягузориҳои мустақим, ҷуздонӣ ва дигар намудҳо ҷудо мешавад.

Сармоягузории мустақими хориҷӣ ин сармоягузорие мебошад, ки ба сармоягузор имкон медиҳад назорати самараноки идоракунии корхонаро ба роҳ монад ва манфиати дарозмуддатро барои фаъолият ва рушди бомуваффақияти ин корхона фароҳам орад. Ба сармоягузории мустақими хориҷӣ сармоягузорӣ ба дороиҳои моддӣ ва ғайримоддии корхона дохил мешавад. Сармоягузории мустақими хориҷӣ манбаи афзоиши сармояи истеҳсолӣ ва сармоягузорӣ дар соҳаи хизматрасонӣ, ҷалби технологияҳои пешрафта, ноу-хау ва усулҳои тиҷорат мебошад. Сармоягузории мустақими хориҷӣ ҳамгироии самарабахши иқтисодиёти миллиро ба ҷаҳон таъмин менамояд [11, 98].

Сарфи назар аз ҳама хусусиятҳои мусбӣ, сармоягузории мустақими хориҷӣ як қатор нуқсонҳои назаррас дорад. Камбудии асосии сармоягузории мустақими хориҷӣ аз даст додани назорат аз болои корхона мебошад. Ҳангоми идоракунии корхонаҳо сармоягузорони хориҷӣ пеш аз ҳама манфиатҳои шахсии худро ба назар мегиранд, ки аксар вақт бо манфиатҳои миллии кишваре, ки он ҷойгир аст, рост намеояд. Аз ҷумла, ин метавонад дар аз кор озод намудани коргарон, зарар оварда ба муҳити зисти мамлакат ва ғайра зоҳир шавад. Аз ин рӯ, ҷалби сармояи хориҷӣ дар бисёр кишварҳо танҳо бо соҳаҳои аз нигоҳи стратегӣ муҳим маҳдуд аст.

Ба сармоягузории хориҷии ҷуздонӣ – сармоягузорие дохил мешавад, ки маблағҳои сармоягузорон ба коғазҳои қимматнокӣ корхонаҳои сердаромад, инчунин ба коғазҳои

қиматноке, ки мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ барои ба даст овардани фоидаи максималӣ ба даст меоранд . Сармоягузорони хориҷӣ дар идоракунии корхона иштирок намекунанд, мавқеи "нозири беруна" -ро нисбат ба корхона ишғол намуда танҳо дивидендҳо ба даст меоранд . Бо кӯмаки сармоягузории ҷуздонии хориҷӣ асосан мушкилоти молиявӣ ҳал карда мешаванд.

Ба дигар сармоягузориҳои хориҷӣ пасандозҳои бонкӣ, қарзҳои молӣ ва дигар қарзҳо дохил мешаванд [11, 98].

Барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ муҳити хуби сармоягузорӣ лозим аст.

Ташкили муҳити хуби сармоягузорӣ яке аз масъалаҳои асосии сиёсати иқтисодии давлатҳои тараққикарда, инчунин давлатҳое, ки дар давраи гузариш ба иктисоди бозорӣ қарор доранд, ба ҳисоб меравад.

Муҳити сармоягузорӣ дар ҳамаи мамлакатҳо аз омилҳои зерин вобастагӣ дорад:

- устувории сиёсӣ;
- устувории макроиқтисодӣ;
-низоми имтиёзҳову кафолатҳо ;
- иқтисодиёти кушод;
-маҷмӯи чораҳое, ки аз сиёсати иқтисодии давлат бар меоянд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ муҳити хуб муҳайё карда шуда, таркиби бозор ва низоми тараққиёти тиҷоратӣ, молиявӣ ва бонкӣ дастгирӣ меёбанд.

Барои муҳити хуби сармоягузорӣ чунин чораҳо дида шудааст:

- мустаҳкам ва рушди муносибатҳои байналмилалӣ;
- ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳон;
- фоизи пасти ААИ ;
- паст кардани андоз аз фоида;
- ҷорӣ кардани принсипи « Равзанаи ягон» барои бақайдгирии шахсони ҳуқуқи ва субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ;
- қабул кардани барномаи ҳукуматии « Беҳтаргардонии муҳити соҳибкорӣ -200 рӯзи ислоҳот»;
- ташкил кардани шӯрои машваратӣ оиди беҳтаргардонии муҳити маблағгузорӣ дар назди Президенти ҶТ;
- ҳар сол «Барномаи давлатии маблағгузорӣ ,грантҳо ва сохтмони асосӣ», инчунин дигар барномаҳои соҳавӣ барои беҳтаргардонии муҳити маблағгузорӣ ва дасгтирии соҳибкорӣ» қабул карда мешавад [3, 2 ];

15 сентябри 2016 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сармоягузорӣ» қабул шуд, ки он Қонуни қаблан қабул намудаи "Сармоягузории хориҷӣ"-ро иваз намуд. Дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ” сармоягузорони хориҷӣ, инчунин сармоягузорони ватанӣ барои рушди иқтисодии кишвар сармоягузорӣ карда метавонанд [4, 3].

Воситаҳои амалкунанда барои ҳалли масъалаи пурзуршавии ҷараёни сармоягузорӣ ташкил ва тараққӣ додани минтақаҳои озоди иқтисодӣ ( МОИ) ба ҳисоб меравад Дар қаламравии Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 минтақаҳои озоди иқтисодӣ вуҷуд доранд - “Суғд”, “Панҷ”, “Данғара” , “Ишкошим” ва «Кулоб».

Дар минтақаҳои озоди иқтисодии ҷумҳурӣ 72 ширкатҳои ватанию хориҷӣ ҳамчун субъект ба қайд гирифта шуда, 1091 корманд дар ин минтақаҳои кишвар кору фаъолият мекунанд. Дар соли 2020 дар ин минтақаҳо ба маблағи 199,81 млн.сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шудааст. Ба минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар дар соли 2020 ба миқдори 43,3 млн. сомонӣ сармоягузории мустақим ворид гардид [13,3].

Соҳаҳои афзалиятнок барои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон энергетика, саноати кӯҳӣ, саноати кимиёвӣ, маводҳои сохтмонӣ, саноати хурокворӣ ва сабук, хоҷагии қишлок, нақлиёт ва коммуникатсия, сайёҳӣ, тандурустӣ ва дорубарорӣ, маориф ба ҳисоб меравад .

Воридоти умумии сармоягузории хориҷӣ дар соли 2020-ум тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 428,4 млн. доллари ИМА-ро ташкил додааст, ки аз он 162,5 млн. доллари ИМА сармоягузории мустақим ва 265,9 млн. доллари ИМА қарзҳои аз ҷониби корхонаву ташкилотҳо ҷалбгардида мебошанд. Нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта воридоти сармоягузории мустақим ба миқдорӣ 183,3 млн. доллари ИМА ё 53% коҳиш ёфтааст[3, 3].

Асосан сармояи мустақим ба чунин соҳаҳо равона шуданд: соҳаҳои саноати коркард – 8,6 млн. дол. ИМА ,саноати истихроҷи маъдан – 103,6 млн. дол. ИМА , фаъолияти молиявӣ ва ҳаргуна хизматрасонии тиҷоратӣ – 3,6 млн. дол. ИМА , нақлиёт ва алоқа – 14,5 млн. дол. ИМА , сайёҳӣ – 10,4 млн. дол. ИМА , саноати сохтмон – 4,1 млн. дол. ИМА ва ғайраҳо – 17,7 млн.доллари ИМА равона карда шудаанд[3, 3].




**Расми 2. Воридоти сармояи мустақими хориҷӣ ба соҳаҳо .**

***Сарчашма**: Кумитаи давлаии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

Дигар намуди сармоя аз ҷумла, қарзҳо ба соҳаҳои саноат – 1,1 млн. доллари ИМА , хизматрасонии молиявӣ – 168,4 млн. доллари ИМА , сохтмон – 40,9 млн. доллари ИМА , нақлиёт ва алоқа – 0,2 млн. доллари ИМА ва дигар соҳаҳо –55,3 млн. доллари ИМА равона гардидаанд[3,3]. .




**Расми 3. Воридоти сармояи хориҷӣ аз рӯи дигар намуди сармоягузорӣ( млн.дол.США).**

***Сарчашма:** Кумитаи давлаии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

Ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар аз ҷониби **Ҷумҳурии Халқии Хитой( 120,3 млн.дол.США), Федератсияи Россия ( 14,0 млн.дол.США), Кипр(8,2 млн.дол.США), Туркиё( 7,8 млн.дол.США), Швейтсария(5,9 млн.дол.США), Фаронса( 3,2 млн.дол.США), Шоҳигарии Британияи Кабир ( 0,9 млн.дол.США)ворид гардид.**




**Расми 4. Ҷалби сармояи хориҷӣ аз давлатҳои гуногун**

***Сарчашма:*** *Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

Воридоти сармояи хориҷӣ дар соли 2019 дар вилояти Суғд 97524,8, ҳ.д., вилояти Хатлон 11231,2 ҳ.д., ш.Душанбе 132932 ҳ.д. НТҶ 19415,7 ҳ.д., ташкил дод.

**Ҷадвали 1.**

**Маълумот дар бораи сармоягузориҳо дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019( ҳазор доллар)**

| Минтақаҳо | Дар аввали соли 2019 андӯхт шудасст | | | Ворид шудааст дар соли 2019 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Сармоягузории мустақим | Сармоягузории ҷомадонӣ | Дигар сармояҳо | Сармоягузории мустақим | Сармоягу-зории ҷомадонӣ | Дигар сармояҳо |
| Ҳамагӣ дар мамлакат | 3948421,1 | 576068,6 | 2128391,4 | 345893,2 | 141,7 | 261103,9 |
| ВМБК | 129945,0 | 0,0 | 7715,0 | 2246,0 | 0,0 | 0,0 |
| Вилояти Суғд | 799111,5 | 823,8 | 275526,8 | 182350,7 | 141,7 | 97524,8 |
| Вилояти Хатлон | 1471484,6 | - | 184429,6 | 10595,2 | - | 11231,2 |
| ш. Душанбе | 1052695,0 | 575244,8 | 1654302,1 | 137372,7 | - | 132932,2 |
| НТҶ | 495184,9 | - | 6417,9 | 13328,6 | - | 19415,7 |

***Сарчашма:*** *Омори солона. АОНПҶТ, 2020. С.266.*

Яке аз воситаҳои ҷалб намудани сармояи хориҷӣ барои рушди иқтисодиёт дар кишвар ташкили корхонаҳои муштарак ба ҳисоб меравад.

**Ҷадвали 2.**

**Шумораи корхонаҳои муштараки фаъолияткунанда дар ҳудуди Ҷумҳурӣ**

| | *2013* | *2014* | *2015* | *2016* | *2017* | *2018* | *2019* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **172** | **190** | **221** | **266** | **373** | **649** | **624** |
| аз он ҷумла: | | | | | | | |
| ВМКБ | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| Вилояти Суғд | 19 | 21 | 21 | 21 | 21 | 34 | 26 |
| Вилояти Хатлон | 3 | 2 | 1 | 23 | 27 | 29 | 29 |
| ш. Душанбе | 143 | 159 | 190 | 216 | 319 | 507 | 499 |
| НТҶ | 6 | 7 | 8 | 5 | 5 | 78 | 68 |

***Сарчашма:*** *Омори солона. АОНПҶТ, 2020. С.230.*

Аз соли 1991 ин ҷониб корхонаҳои муштарак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолият шурӯъ намуданд. Дар соли 2019 шумораи корхонаҳои муштараки амалкунанда дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 624 -ро ташкил медиҳад. Аксарияти корхонаҳои муштарак дар шаҳри Душанбе фаъолият мекунанд. [12,3].

**Ҷадвали 3.**

**Нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти корхонаҳои муштарак**

| **Пули нақд аз савдои молҳо (корҳо, хизматрасонӣ), бо нархҳои амалӣ, млн. сомонӣ** | *2013* | *2014* | *2015* | *2016* | *2017* | *2018* | *2019* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ** | **3178,8** | **3282,7** | **3818,1** | **6395,0** | **7041,7** | **10751,0** | **18171,1** |
| аз он ҷумла: | | | | | | | |
| ВМКБ | - | 2,2 | 2,8 | 5,7 | 10,7 | 7,8 | 45,6 |
| Вилояти Суғд | 816,2 | 969,5 | 1243,9 | 1862,9 | 2072,4 | 2561,1 | 2817,8 |
| Вилояти Хатлон | 3,2 | 3,6 | 0,3 | 1567,6 | 1712,2 | 2418,9 | 2736,7 |
| ш. Душанбе | 2346,4 | 2299,0 | 2549,7 | 2950,7 | 3240,9 | 5331,9 | 11787,1 |
| НТҶ | 13,0 | 8,4 | 21,4 | 8,1 | 5,5 | 431,3 | 783,9 |
| **хароҷоти истеҳсолот ва савдои маҳсулот (корҳо, хизматрасонӣ), млн. сомон** | | | | | | | |
| **Ҳамагӣ** | **2354,7** | **2526,2** | **3187,8** | **5323,5** | **5639,8** | **9488,6** | **15145,8** |
| аз он ҷумла: | | | | | | | |
| ВМКБ – | 4,4 | 6,1 | 6,9 | 6,3 | 12,7 | 9,1 | 47,7 |
| Вилояти Суғд | 726,0 | 890,9 | 1145,6 | 1643,2 | 1806,9 | 2008,3 | 2320,2 |
| Вилояти Хатлон | 12,3 | 18,7 | 19,6 | 1375,4 | 777,9 | 1129,8 | 1374,4 |
| ш. Душанбе | 1598,2 | 1602,5 | 1995,1 | 2290,4 | 3037,1 | 5704,3 | 10553,9 |
| НТҶ | 13,8 | 8,0 | 20,6 | 8,2 | 5,2 | 637,1 | 849,6 |

***Сарчашма:*** *Омори солона. АОНПҶТ, 2020. С.230.*

Чуноне, ки аз маълумоти Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, пули нақл аз савдои молҳо дар фаъолияти корхонаҳои муштарак дар соли 2019 18171,1 млн.сомониро ташкил дод [12,3].

Самти асосии сиёсати давлатии ҶТ ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба иқтисоди миллӣ мебошад, чунки манбаъҳои дохилӣ имконияти пурраи таъмини рушди иқтисодиро надоранд. Барои дар муддати кӯтоҳ ноил шудан ба рушди иқтисодӣ ва навкунии истеҳсол бе сармоягузории хориҷӣ ва истифодаи техника ва технологияи нав номумкин аст. Дар ояндаи наздик тибқи сиёсати сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки маблағгузорӣ бештар ба соҳаҳои воқеъӣ иқтисодиёт равона гардад. Беҳтарнамоии муҳити сармоягузорӣ ҷараёни сармоягузориро дар ҷумҳурӣ фаъол гардонида имкон медиҳад, ки мамлакат соҳиби сармояи иловагӣ барои рушди иқтисод гардад.

**Адабиёт:**


*1.Дадоматов Д.Н. Ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкории саноатӣ: назария, методология ва амалия. Диссертатсия, Душанбе . 2020.270 с.*

*2. Гитман Л.Д. Основы инвестирования /Пер.с англ. яз. С.В.Буклемишева и др. -М.: «Дело», 1997.-108 с.*

*3. Кумитаи давлаии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. www.ki.tj.*

*4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “ Дар бораи сармоягузорӣ ” . Душанбе. 2016.*

*5. Инвестиции : источники и методы финансирования /А.Г.Ивасенко, Я.И.Никонова .-М.: «Омега-Л»,2009.-261 с.*

*6. Инвестиции: учебное пособия/ М.В.Чиненов .-М.: «КНОРУС», 2010.-368 .*

*7. Раҳмон Э. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат ба маҷлиси Олӣ . 26.01.2021. ш. Душанбе.*

*9.Розенберг Д.М. Инвестиции. (Терминологический словарь. /Пер.с англ. -М.: «ИНФРА», 1997.- 400 с.*

*10. Саидова М.С. Социально-экономические аспекты иностранных инвестиций в экономику Республики Таджикистан в переходный период»-Душанбе, «Сохибкор» 2007., 101 стр.*

*11. Инвестиции : источники и методы финансирования /А.Г.Ивасенко, Я.И.Никонова .-М.: «Омега-Л»,2009.-261 с.*

*12. Омори солона. АОНПҶТ, Душанбе ,2020,495.*

*13. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон . https://www.medt.tj.*


**Саидова М.С.**

## ПРИВЛЕЧЕНИЕ ИННОСТРАННЫХ ИНВЕСТИЦИИ В РЕСПУБЛИКУ ТАДЖИКИСТАН И ИХ РОЛЬ В РАЗВИТИИ ЭКОНОМИКИ

**Институт туризма, предпринимательства и сервиса**

*В данной статье рассматриваются вопросы привлечения иностранных инвестиции в Республику Таджикистан и их роль в развитии экономики страны. В современных условиях проблемы привлечения иностранных инвестиций в экономику Республики Таджикистан являются весьма актуальными. В Республике Таджикистан созданы благоприятные условия для привлечения иностранных инвестиций, поддержки рыночных структур и развития коммерческой, финансовой и банковской систем. В экономической политике Республики Таджикистан приоритетным является привлечение иностранных инвестиции в форме прямых . Особое внимание уделяется*

*сущности прямых иностранных инвестиции в Республику Таджикистан, так как они обеспечивают наиболее эффективную интеграцию национальной экономики в мировую. В статье расскрыта сущность, формы и виды инностранных инвестиции. Показан инвестиционный климат страны и дан анализ состояния иностранных инвестиции в Республике Таджикистан.*

***Ключевые слова:*** *инвестиция, капиталовложения, иностранные инвестиции, прямые инвестиции, портфельные инвестиции, частные инвестиции,инвестиционный климат, совместная инвестиционная деятельность.*

**Saidova M.S.**

## ATTRACTING FOREIGN INVESTMENTS AND THEIR ROLE IN THE DEVELOPMENT OF THE ECONOMY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Institute of tourism, entrepreneurship and service.**

*The article examines the issues of attracting foreign investment to the Republic of Tajikistan and their role in the development of the country's economy. it noticed that in modern conditions, the problem of attracting foreign investment in the economy of the Republic of Tajikistan is very relevant. The Republic of Tajikistan has created favorable conditions for attracting foreign investment, supporting market structures and developing commercial, financial and banking systems. In the economic policy of the Republic of Tajikistan, the priority is to attract foreign investment in the form of direct investments. Particular attention is paid to the essence of foreign direct investment in the Republic of Tajikistan, as they provide the most effective integration of the national economy into the world one. The article reveals the essence, forms and types of foreign investments. The investment climate of the country is shown and the analysis of the state of foreign investment in the Republic of Tajikistan is given.*

***Key words:*** *investment, capital investment, foreign investment, direct investment, portfolio investment, private investment, investment climate, joint investment activities.*

***Сведение об авторе:***

***Саидова Мавлуда Саъдуллоевна*** *– к.э.н., дотсент кафедры экономической теории и предпринимательской деятельности ИТПС. Конт. инф...: эл.почт. saidova.m. 70@mail.ru*

**УДК 338. 242(575.3)**

**Раҳимзода Ш.,**
**Назарова Н.С.**

# СТРАТЕГИЯИ ПЕШГИРИИ ХАВФҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР КОРХОНАҲОИ ЭНЕРГЕТИКӢ

**Институти иқтисодиёт ва демографияи**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**
**Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон**

*Муаллифон дар мақолаи худ масъалаи стратегияи пешгирии хавфҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои энергетикиро мавриди таҳлил қарор дода, қайд намудаанд, ки мақсади ташаккули стратегияи пешгирии хавфҳои корхонаҳои энергетикӣ ҳангоми идоракунии захираҳои сармоягузории он ва моделсозии ҷараёни захираҳо таҳия ва татбиқи чораҳое мебошад, ки барои бартараф намудани падидаҳои манфӣ ташкил ва гузаронида мешаванд, инчунин корхонаҳоро аз раванди ғайрисамараноки сармоягузорӣ, ки нишонаи асосии он нокифоя будани сармояи дохила ё худии корхонаҳост, барои беҳсозии сарчашмаи молиявӣ ва фонди захиравии корхона эмин нигоҳ медоранд.*

***<u>Калидвожаҳо:</u>*** *стратегия, хавф, сармоягузорӣ, корхона, энергетика, идоракунӣ, сармояи дохилӣ, сарчашмаи молиявӣ, самаранокӣ, захираҳои сармоягузорӣ, метод.*

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 «Баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар бар пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ бо роҳи таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ» ҳамчун ҳадафи дарозмуҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст. Бинобар он дар мамлакат сармоягузориҳо дар самти таъмини рушди низоми энергетикии мамлакат амалӣ гашта истодаанд. Дар мамлакат, вилояти Хатлон минтақаи муҳими стратегӣ дар ҷодаи рушди иншоотҳову корхонаҳои бузурги энергетикӣ ба ҳисоб меравад. Тули 4 соли охир дар вилояти Хатлон 31 лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба корхонаҳои энергетикӣ татбиқи худро ёфтаанд, ки ин дар соли 2015 – 6 лоиҳа, соли 2016 – 6 лоиҳа, соли 2017- 7 лоиҳа ва соли 2018 12 лоиҳаҳои сармоягузорӣ мебошанд. Аз шумораи умумии лоиҳаҳои татбиқшуда 25,8 % ба шаҳри Норак, 13% ба ноҳияи Ҷ.Балхӣ, 9,6 % ба ноҳияи Ёвон, 9,6 %-и ноҳияи Қумсангир ва 42 % ба дигар ноҳияҳо рост меоянд. Дар шаҳри Норак айни ҳол лоиҳаи минтақавии интиқоли қувваи барқ, корҳои батанзимдарории таҷҳизотҳо дар утоқҳои серверӣ ва манбаи мунтазами қувваи барқи 48В ва корҳои насбу васли системаи ҳавотозакунӣ ва насбу васли қубурҳои системаи вентилятсионӣ ба итмом расид.

Дар баробари ин, насбу васли таҷҳизотҳои системаи SCADA бо барномаҳояшон ва маҳдудкунакҳои барқии кондесаторҳои алоқа, таҷҳизотҳои телекоммуникатсионӣ, АТС ва системаи алоқаи конференсӣ воридшуда, мавриди батанзимдарорӣ, ноқилҳои нурию нахӣ ва барои экрани девории BARCO кондитсионерҳо насбу васл гардиданд.

Инчунин, таҷҳизотҳои 48В дар зеристгоҳҳои шаҳри Норак насбу васл карда шудааст. Дар маҷмуъ аз оғози татбиқи лоиҳа дар шаҳр 13219,1 ҳазор доллари ИМА азхуд карда шудааст. Ҳамзамон, таҷҳизотҳои 48В дар зеристгоҳҳои МБГ-и Ёвон ва корҳои насбу васли таҷҳизотҳои терминалҳои зеристгоҳҳои дурдасти Ёвон (ш. Ёвон) ба анҷом расидааст. Ҳаҷми умумии маблағҳои азхудгардида дар ноҳия 89,96 ҳаз. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Дар баробари ин дар ноҳияи Ҷ.Балхӣ насбу васли таҷҳизотҳои системаи SCADA бо барномаҳояшон ва маҳдудкунакҳои барқии кондесаторҳои алоқа, таҷҳизотҳои телекоммуникатсионӣ, АТС ва системаи алоқаи конференсӣ ворид шуда, мавриди батанзимдарорӣ, ноқилҳои нурию нахӣ ва барои экрани девории BARCO кондитсионерҳо насбу васл гардиданд. Инчунин, таҷҳизотҳои

48В дар зеристгоҳҳои шаҳри Бохтар насбу васл карда шудааст. Ҳаҷми умумии маблағҳои азхудшуда 5,55 млн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.




| | Душанбе | НТМ | вил.Суғд | вил.Хатлон | ВМКБ |
|---|---|---|---|---|---|
| адад | 0 | 16 | 16 | 12 | 9 |

**Диаграммаи 1. Татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба соҳаи энергетика аз рӯи минтақаҳо дар соли 2018** . (*Таҳияи муаллифон).*

Татбиқи ин лоиҳаҳо, чун қоида ҷалби захираҳои меҳнатиеро, ки ба баландшавии шароити иҷтимоиву иқтисодӣ ва сатҳи зиндагии аҳолии вилояти Хатлон мусоидат менамоянд, ба амал овард. Зеро татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ таъсири иҷтимоиву иқтисодии мустақим ва ғайримустақим дорад[1].




| | шаҳри Бохтар | шаҳри Левакант | шаҳри Норак | Вахш | Ч. Балхи | Дусти | Чайхун | Қабодиён | Данғара | Ёвон | Чиликул | Қумсангир |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2015 | 0 | 0 | 2 | 0 | 1 | | 0 | 1 | | | 1 | 1 |
| 2016 | 0 | 0 | 2 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 1 | 1 |
| 2017 | 0 | 0 | 2 | 0 | 1 | 1 | 1 | 1 | 0 | 1 | 0 | 0 |
| 2018 | 1 | 2 | 2 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 0 | 0 |

**Диаграммаи 2. Татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи энергетикаи вилояти Хатлон вобаста ба ноҳияҳо барои солҳои 2015-2018.** (Таҳияи муаллифон)

Бо вуҷуди ин, таъсири ғайримустақим нисбат ба таъсири мустақимашон бештар ба назар мерасад. Бинобар ин, зарурате ба миён меояд, ки пеш аз ҳама, пешгирии хавфу хатари сармоягузориҳоро дар корхонаҳои энергетикӣ таъмин намоем. Зеро пешгирии руи хавфу хатари сармоягузориҳо муҳити созгорро дар ҷалби сармоягузорӣ муҳайё сохта, рушди устувори корхонаҳои энергетикиро таъмин менамояд. Бояд қайд намуд, ки хавфу хатар табиати захираи истеҳсолиро дошта, хусусияти динамикӣ дорад ва ҳаракати пешравандаро дар самти ҳадафҳои муайяни корхонаҳои энергетикӣ, яъне рушдро пешбинӣ мекунад. Бинобар он ҳангоми интихоби стратегияи рушд, пеш аз

ҳама, онро аз нуқтаи назари паст намудани хавфу хатар, таҳдидҳо баррасӣ кардан зарур аст[2]. Вобаста ба ин зарурати таҳия ва татбиқи стратегияи пешгирии хавфҳои корхонаҳои энергетикӣ ба миён меояд.

Мақсади ташаккули стратегияи пешгирии хавфҳои корхонаҳои энергетикӣ ҳангоми идоракунии захираҳои сармоягузории он ва моделсозии ҷараёни захираҳо таҳия ва татбиқи чораҳое мебошад, ки барои бартараф намудани падидаҳои манфӣ ташкил ва гузаронида мешаванд, инчунин корхонаҳоро аз раванди ғайрисамараноки сармоягузорӣ, ки нишонаи асосии он нокифоя будани сармояи дохила ё худии корхона барои беҳсозии сарчашмаи молиявӣ ва фонди захиравии корхонаҳо ба шумор меравад, эмин нигоҳ медорад.

Хусусияти фарққунандаи ташаккули стратегияи пешгирии хавфи корхонаҳои энергетикӣ ҳангоми идоракунии захираҳои сармоягузории он ва моделсозии ҷараёни захираҳо ин ба ҳам мувофиқ омадани идоракунии стратегӣ ва тактикие мебошад, ки имкон медиҳад, дар ҳамаи марҳилаҳои раванди сармоягузорӣ алоқаи мутақобила дар байни хавфҳо ва даромаднокӣ ҷалб ва истифодаи захираҳои сармоягузории корхонаҳо ошкор ва танзим карда шавад.

Ба андешаи Саидмуродов Ш.М., хатар варианти тақсимоти имконпазирии ҳамаи оқибатҳои эҳтимолии ҳодисаҳои хатарнок мебошад[3,69].

Мураккабии асосии ташаккули стратегияи пешгирии хавфи корхонаҳои энергетикӣ ҳангоми идоракунии захираҳои сармоягузории он ва моделсозии ҷараёни захираҳо аз он иборат аст, ки детерминантҳоеро ошкор кардан лозим аст, ки онҳо ба ташкили унсурҳо ба як воҳиди том оварда расонида, асоси махсус, алоқа ва муносибатро муайян карда, қонунмандиҳои сохтори фаъолият ва рушди ин механизми ташкилию иқтисодиро ошкор намоянд. Асоси муносибати индикативии муайян кардани фаъолияти корхонаи энергетикӣ, шаклбандии вазифаҳои дастрасӣ ва асосноккунии меъёрҳои оптималии ҳалли вазифаҳо, ошкор намудани роҳҳо ва методҳои ҳалли вазифаҳо мебошад[4,77].

Системаҳои бузурги иҷтимоию иқтисодие, ки корхонаҳои энергетикӣ ба онҳо тааллуқ доранд, имкон медиҳанд, стратегияи пешгирии хавф, чунин хислатҳои муҳимтарин, ба монанди теъдоди зиёди унсурҳо бо хусусиятҳои комилан возеҳи маҳаллии идоракунии захираҳои сармоягузорӣ, сохтори мураккаби иерархии ташкили чорабиниҳои ҷудогонаи стратегӣ бо алоқаҳои амудӣ, мавҷуд будани теъдоди зиёди унсурҳо, гуногунии функсияҳои моделсозии ҷараёни захираҳо тавсиф карда шавад. Ҳамин тариқ, ба стратегияи пешгирии хавфи корхонаҳои энергетикӣ ҳангоми идоракунии захираҳои сармоягузории он ва моделсозии ҷараёни захираҳо якчанд унсур дохил мешавад – роҳҳои ҳаллу фасл бо хусусиятҳои комилан возеҳи маҳаллӣ: санадҳои меъёрӣ, таъмини методӣ, нақшаи ташкили ҷараёни захираҳо, нақшаи принсипиалии идоракунии маҷмуи даромадҳо шомили омилҳои таркибдиҳанда, инъикоскунандаи хислати дохилӣ дар соҳаи ба амал баровардани раванди сармоягузории корхонаҳои энергетикӣ. Иерархияти (пайдарҳамии) ин чорабиниҳо дар сатҳи идоракуние, ки ҷанбаҳои гуногуни пешгирии хавфи корхонаҳои энергетикиро фаро мегирад, зоҳир мегарданд.

Дар асоси таҳлили мақсадҳои пешгирии хавфҳои корхонаҳои энергетикӣ, метавон вазифаи нуфузӣ дар ҳамаи иерархияҳоро ҷудо кард: – таъмини афзалияти рақобатпазирии корхонаҳои энергетикӣ дар ҳамаи марҳилаҳои сикли ҳаётӣ аз ҳисоби идоракунии самараноки захираҳои сармоягузорӣ ва моделсозии ҷараёнҳои захиравӣ[5,с.64]. Меъёри ҳаллу фасли оптималии ин вазифа ва такмили оптималии стратегияи пешгирии хавфҳои корхонаҳои энергетикӣ ҳангоми идоракунии захираҳои сармоягузории он ва моделсозии ҷараёни захираҳо дастоварди моҳияти экстремалӣ доштаи нишондиҳандаҳои хулосаи (интегралӣ) фаъолияти самараноки сармоягузорӣ (фоида аз захираҳо) дар ҳар яке аз сикли ҳаётии афзалияти рақобатпазири корхонаҳо

мебошад. Ҳамаи навиштаҳои боло имконият медиҳанд, ки стратегияи пешгирии хавфи корхонаҳои энергетикиро ҳангоми идоракунии захираҳои сармоягузории он ва моделсозии ҷараёни захираҳо ифода намоем (расми.1), татбиқи он дар амал ба корхонаҳои энергетикии вилояти Хатлон имконият медиҳад, ки дар ҳамаи марҳилаҳои сикли ҳаётӣ аз фаъолияти бесамари сармоягузорӣ канораҷӯйӣ кунанд ва сифати истифодаи захираҳои сармоягузориро баланд бардоранд.

Аммо истифодаи муваффақонаи стратегияи пешгирии хавфҳо ба амал баровардани чунин чорабиниҳои мушаххаси оптималиро ба монанди нақшаи умумии ташкили ҷараёни захираҳо, сохтани нақшаи принсипиалии идоракунии маҷмуи даромадҳо, сохтани нақшаи оптимизатсияи ҳайат ва сохтори ҷараёнҳои захиравиро талаб мекунад.

Таркиби муҳими иҷроиши буҷети захираҳои сармоягузории корхонаҳои энергетикӣ дар шароити хавф ва номуайянӣ идоракунии оқилонаи қарзи кредитории корхона мебошад. Ҳукумат дар баробари буҷети сатҳҳои гуногун, фондҳои ғайрибуҷетӣ ва инҳисории табиии корхонаҳои энергетикӣ метавонад, як қисмати захираҳои сармоягузориро бифиристад. Гуфтаҳои болоро хулоса карда, қайд кардан мумкин аст, ки ҳангоми татбиқи ин чорабинӣ стратегияи пешгирии хавфи корхонаҳои энергетикӣ ҳангоми идоракунии захираҳои сармоягузории он ва моделсозии ҷараёни захираҳо метавон якчанд блокҳои махсусгардонидашудаи идоракуниро ҷудо кард: идоракунии қарзи дебиторӣ; идоракунии қарзи кредиторӣ; идоракунии воситаҳои пулӣ (хазинадорӣ); оптимизатсияи ҷараёни захираҳо. Ду блоки аввалии идоракунии қарзҳои дебиторӣ ва кредиториро шартан асосӣ ҳисобидан мумкин аст, чунки онҳо бевосита дар раванди сохтани пойгоҳи захиравӣ ва ташкили фаъолияти сармоягузорӣ иштирок мекунанд. Блокҳои баъдиро шартан устуворкунанда меномем, чунки онҳо барои тақвият додани устувории иловагии пойгоҳи захираҳои сармоягузории корхонаи энергетикӣ зарур мебошанд.

Блокҳои асосии махсусгардонидашудаи идоракунӣ дар ин ё он намуд дар дилхоҳ корхонаи энергетикӣ фаъолият мекунанд. Онҳо бо дигар блокҳои махсусгардонидашуда, ки ба идоракунии ҷараёни захираҳои дохилии корхонаҳои энергетикӣ ба монанди идоракуни хароҷотҳои захираҳои сармоягузорӣ, тиҷорат, банақшагирӣ, идоракунии захираҳо, сиёсати андози корхонаҳо, бозоршиносӣ ва бисёр самтҳои дигари муҳимми менеҷмент нисбат доранд, ба таври зич ҳамкорӣ мекунанд[6,250]. Дар ин ҷо хеле муҳим аст, зарурати пешгирии хавфи ташкили блокҳои устуворкунандаи захираҳои сармоягузорӣ, ки системаи захиравии корхонаҳои энергетикиро ташкил медиҳанд, нишон диҳем. Таҷрибаи чунин идоракунии захираҳои сармоягузорӣ ҳангоми пешгирии хавфҳо хеле ба нудрат дар корхонаҳои энергетикии вилояти Хатлон дучор меояд ва ин чиз инъикоси воқеии норасоии менеҷменти сармоягузории мамлакат мебошад. Қайд кардан муҳим аст, ки барои ташаккули чунин стратегияи пешгирии хавфҳои корхонаҳои энергетикӣ харҷи назарраси вақт, захираҳои моддӣ ва инсонӣ лозим мебошад. Аз ин рӯ, дар аксарияти мавридҳо ба корхонаҳои энергетикӣ ҳамкорӣ бо ширкати махсусгардонидашудаи идоракунӣ фоидаовар мебошад, нисбат ба сохтани сохтори худӣ.

Хусусан дарки ин масъала аз тарафи бисёре аз роҳбарони корхонаҳои энергетикии вилоят бояд асоснок шуда тавонад махсусан барои сафарбаркунии захираҳои дохилии сармоягузории корхонаҳои энергетикии минтақаи Хатлон. Дар асоси ин ақидаҳо мо метавонем нақшаи стратегияи маҳдудсозии хатарҳои корхонаҳои энергетикиро барои идоракунии захираҳои молиявии корхона тартиб диҳем (Расми 1).

**Расми 1. Стратегияи маҳдудсозии хавфу хатарҳои корхонаҳои энергетикӣ ҳангоми идоракунии захираҳои сармоягузорӣ (таҳияи муаллиф)**



Гуфтаҳои болоро хулоса карда, қайд кардан мумкин аст, ки вазифаи интегралии пешгирии хавфҳои корхонаҳои энергетикӣ ҳангоми идоракунии захираҳои сармоягузории он ва моделсозии ҷараёнҳои захиравӣ аз муайян кардани унсурҳои стратегии зерин иборат мебошад;

- хислат ва мазмуни вазифаҳои идоракунии захираҳои сармоягузорӣ (ба тамоюлҳои мақсадноки корхонаҳо дар бозори захираҳои сармоягузорӣ вобаста мебошад);
- таъмини иттилоотии равандҳои пешгирии хавфҳо;
- мавҷуд будани чорабиниҳои омодакардашуда доир ба пешгирии хавфҳо мутобиқ ба ҳар як аз вазифаҳои гузошташуда;
- масъалаи мураттаб намудани хадамоти (шуъба) идоракунии сифати захираҳои сармоягузорӣ;
- мавҷудияти идоракунии ягонаи амудӣ дар раванди ҷалб ва истифодаи захираҳои сармоягузорӣ; мавҷудияти маркази ягонаи иттилоотию таҳлилӣ ва пешгӯйи вазъият ҳангоми ҷалб намудани сармоягузорӣ ва истифодаи намудҳои энергия дар корхонаҳои энергетикӣ.
- захираҳои сармоягузорӣ, инчунин дар соҳаи пешгирии хавфҳои пайдошуда;
- мавҷудияти алоқаи мутақобила дар байни сохтори воҳидҳо доир ба идоракунии захираҳои сармоягузорӣ ва тақсими функсияҳои пешгирии хавфҳо;
- сатҳи касбии мутахассисон ва роҳбарони хадамот доир ба пешгирии хавфҳои идоракунии захираҳои сармоягузорӣ;
- ба таври кофӣ таъмин будани ташкилот ба захираҳо ва пешгирии хавфҳо дар корхонаҳои энергетикӣ.
- тартиб додани нақшаи тиҷорат дар шакли дурнамои пешгирии хавфҳо дар корхонаҳои энергетикӣ бахусус дар нерӯгоҳҳо.

***Адабиёт***


*1. Сафарова Л.Д. Организационно-экономические особенности становление и развития государственно-частного партнерства в сфере услуг. //Автореферат на соискание ученой степени кандидат экономических наук. – Душанбе, 2016. – С. 45*

*2. Мирсаидов А.Б.Файзизода М. Вазъи муосири таъмини амнияти иқтисодии Тоҷикистон//Экономика Таджикистан-2020. - № 4. – С. 149 – 156.*

*3. Саидмуродов Ш.М., Холов Т.А. Муайянкунии омилҳои хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои энергетикӣ. /Паёми ДДБ ба номи Н.Хусрав, №1/4 (68). Бохтар – 2019. С.69*

*4. Мятишкин Г.В. Внедрение системы управления энергозатратами на промышленных предприятиях // Самарский научный центр РАН, Известия Самарского научного центра РАН, Специальный выпуск “Технологии управления организацией. Качество продукции и услуг”. 2008. Выпуск 8. С. 77.*

*5. Тарасова Е.В. Инвестиционное проектирование: конспект лекций. – М.: «Издательство «ПРИОР», ИВАКО Аналитик, 1998. - 64с.*

*6. Леонтьев В.Е., Ахтямова Г.Д., Кагилев А.В. Механизмы привлечения инвестиций в рамках реформы электроэнергетики России // Вестник Ивановского государственного энергетического университета. 2007. Вып. 1. – с.250*

**Шариф Рахимзода,**
**Назарова Н. С.**

## СТРАТЕГИЯ ПРЕДОТВРАЩЕНИЯ ИНВЕСТИЦИОННЫХ РИСКОВ В ЭНЕРГЕТИЧЕСКИХ ПРЕДПРИЯТИЯХ

**Институт экономики и демографии**
**Национальной академии наук Таджикистана,**
**Институт энергетики Таджикистана**

*Авторы в своей статье анализируют стратегию предотвращения инвестиционных рисков в энергокомпании, отмечая, что цель стратегии - предотвратить риски энергокомпании при управлении своими инвестиционными ресурсами и моделировать поток ресурсов для разработки и реализации мероприятий. Это также защищает предприятие от неэффективных инвестиционных процессов, основным признаком которых является недостаток внутреннего или собственного капитала предприятия для улучшения финансовых ресурсов и резервного фонда предприятия.*

***Ключевые слова:*** *стратегия, риск, инвестиции, предприятие, энергетика, менеджмент, внутренний капитал, источник финансирования*, эффективность, инвестиционные ресурсы, метод.

**Sharif Rahimzoda,**
**Nazarova N. S.**

## STRATEGY FOR PREVENTING INVESTMENT RISKS IN ENERGY ENTERPRISES

**Institute of economics and demography**
**of the National academy of sciences of Tajikistan**
**Institute of energy of Tajikistan**

*In this article, the authors analyze the strategy for preventing investment risks in the energy company, noting that the goal of the strategy is to prevent the risks of the energy company in managing its investment resources and to model the flow of resources for the development and implementation of measures. It also protects the company from ineffective investment processes, the main symptom of which is the lack of internal or equity capital of the company to improve the financial resources and the company's reserve fund.*

***Key words:*** *strategy, risk, investments, enterprise, energy, management, internal capital, source of financing, efficiency, investment resources, method.*

***Сведение об авторах:***

***Шариф Рахимзода*** *- Директор Института экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана. Тел /Факс: Приемная: +992 37 221 67 50, e-mail: shama100@inbox.ru;*

***Назарова Назира Саидкодировна-*** *преподаватель математики и экономики, Институт энергетики Таджикистана.*

УДК 339.1; 339.19

Раджабов Р.К.,
Зубайдов С.

# МАЛОЕ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВО ВАЖНЫЙ ФАКТОР ИСПОЛЬЗОВАНИЯ РЕСУРСНОГО ПОТЕНЦИАЛА ПОТРЕБИТЕЛЬСКОГО РЫНКА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Таджикский государственный университет коммерции**

*В статье изучен опыт зарубежных стран и выявлены проблемы, сдерживающие развитие малого предпринимательства. Проведен анализ и дана оценка малого предпринимательства, в том числе сферы малого бизнеса Республики Таджикистан. Кроме того, определены критерии оценки функционирования и развития малого бизнеса в увеличении ресурсного потенциала и емкости рынка потребительских товаров Республики Таджикистан. Предложены инновационные приоритетные направления развития потребительского рынка.*

***Ключевые слова:*** *потребительский рынок,* малое *предпринимательство, малые предприятия, анализ, структура, оценка, направление малого бизнеса, инновационные приоритеты, развитие.*

В современных условиях развития рыночных отношений значительно возросло влияние глобализации на экономику и развитие малого предпринимательства в Республике Таджикистан. Изучив опыт стран с развитой рыночной экономикой, процессы проведения социально-экономических реформ, нами установлено, что в республике большую роль малое предпринимательство играет в повышении использования ресурсного потенциала и уровня рынка потребительских товаров, а также обеспечивает решение важных социально-экономических и политических задач, как:

- создание новых рабочих мест;
- увеличение рынков товарами и услугами отечественного производства;
- стабильное налоговое поступление.

На сегодняшний день малое предпринимательство Республики Таджикистан стабильно развивается, а также повышается роль и ее значимость в обеспечении экономического роста.

Исследование зарубежного опыта показало, что общепринятым показателем уровня развития предпринимательства является число действующих малых предприятий на тысячу населений, а в странах Евросоюза и Японии этот показатель составляет от сорока пяти до пятидесяти [1].

Количество действующих малых предприятий на 1000 населения в Республике Таджикистан за 2019год приведён в таблице 1.

**Таблица 1**

**Количество функционирующих малых предприятий на тысячу жителей в Республике Таджикистан за 2019г.**

| | Количество действующих малых предприятий | Численность постоянного населения, тыс. человек | Количество действующих малых предприятий на 1000 жителей |
|---|---|---|---|
| По республике | 4572 | 9313,8 | 2,03 |
| Хатлонская область | 218 | 3348,3 | 15,35 |
| Согдийская область | 1084 | 2707,3 | 2,49 |
| г. Душанбе | 2387 | 863,4 | 0,36 |
| РРП | 804 | 2165,9 | 2,69 |
| ГБАО | 31 | 228,9 | 7,38 |

*Источник: составлено на основе Статистического ежегодника Республики Таджикистан-2020.-Душанбе: «ТоРус»,2020.- 495с.*

Как видно из табл. 1, по республике количество функционирующих малых предприятий на тысячу жителей в Республике Таджикистан за 2019г. составляет 2,03 предприятия на 1000 жителей, в г. Душанбе - 0,36; в Согдийской области - 2,49; в Хатлонской области - 15,35; в РРП - 2,69 и в ГБАО – 7,38. Однако следует отметить, что этот показатель в России составляет 6.

Вместе с тем, для обеспечения социально-экономического развития страны нужно эффективно использовать потенциал сектора малого предпринимательства, так как в Таджикистане количеств малых предприятий составляет более двадцати тысяч единиц.

Анализ сферы малого бизнеса развитых стран показал, что по показателю трудовой деятельностью занимаются до 70% от числа занятых жителей, в республике и областях соответственно 49,9%, 16,9% до 41,4%. Малый бизнес в Республике Таджикистан успешно развивается в сфере торговли и общественного питания. Около 8,6 процентов, эта численность малых предприятий функционирует в промышленности; двадцать целых и шесть десятых процентов в строительстве; две целых и семь десятых процентов в сфере науки; шесть целых и шесть десятых процентов на транспорте и одна целая и восемь сотых процентов в сельском хозяйстве. Вместе с тем, следует отметить, что инновационный бизнес составляет всего 6% общего количества малых предприятий.

Для того чтобы определить перспективу развития малого бизнеса, необходимо выделить нижеследующие позитивные тенденции:

- динамичное развитие малого бизнеса;
- рост занятых в этом секторе экономики;
- стабилизация их финансово-экономического положения;
- увеличение налоговых поступлений в бюджеты;
- легализация предпринимательской деятельности;
- раст численность предпринимателей, работающих в условиях рынка;
- совершенствование нормативно-правовой базы для поддержки предпринимательства.

В Республике Таджикистан приняты законы «О государственной поддержке малого предпринимательства» от 10 мая 2002г. №4 (от 25 марта 2011 года № 701 «О внесении изменений и дополнений в Закон), «О господдержке инвестиционной деятельности», «Об упрощенной системе налогообложения, учета н отчетности для субъектов малого предпринимательства» от 12 декабря 1997 года № 513, «О едином налоге на вмененный доход для определенных видов деятельности» для эффективности господдержки малого предпринимательства, улучшения налогообложения и инвестиционной политики. Таким образом, можно отметить, что в республике положительное влияние в развитии малого бизнеса оказывают комплектные программы господдержки малого предпринимательства.[2,3]

Также действует выработанная система информационного и консультационного обеспечения малого бизнеса, включающие государственные и негосударственные структуры.

Однако, для эффективной деятельности инфраструктурного комплекса отсутствует система поддержки начинающим предпринимателям, то есть стартующий бизнес. Исходя из этого, для решения проблемы малого бизнеса был организован экспертно-консультативный орган «Совет по предпринимательству при Хукуматах областей», координирующий и объединяющий стремление всех структурных подразделений Хукуматов. Такие советы нужно организовать при главах администрации в городах и районах областей.

При участии областных Хукуматов в республике был организован бизнес-инкубатор, а в высших учебных заведениях студенческие бизнес-инкубаторы, где они должны были выполнять роль организационно-методических центров для создания инновационных предприятий [4,5].

Основной целью этих организаций является подготовка предпринимательских кадров в республике, так как в экономических ВУЗах подготавливают специалистов в этом направлении.

Товарам производящимся малыми предприятиями для таджикского и зарубежного рынка, оказывают значительную поддержку Хукуматы области для продвижения товаров на рынках, участие на выставках и ярмарках.

Кроме этого, имеется финансово-кредитная поддержка предпринимательских проектов на льготных условиях, а источником финансовой поддержки бизнеса являются субсидии на компенсацию части процентной ставки по кредитам, привлеченным на осуществление инвестиционных проектов.

В случаи нехватки республиканского бюджета необходимо привлечение средств из внебюджетных источников в малый бизнес. К примеру, в 2000-2017гг. выделено 5 миллионов сомони из средств Республиканского фонда поддержки малого предпринимательства, а 7 миллионов сомони из Республиканского фонда содействия развитию малых форм предприятий в научно-технической сфере на финансирование инновационных проектов.

Одним из средств стимулирования развития малого предпринимательства является применение лизинговых операций и развитие системы государственных заказов на поставку их продукции [6].

«…В своем послание Основатель мира и примирения, лидер нации Президент Республики Таджикистан Э. Рахмон от 26 декабря 2018 года с целью устранения безосновательных проверок и создания благоприятных условий для развития предпринимательства объявил мораторий в течение двух лет на все виды проверок деятельности производственных предпринимателей, что благотворно сказалось на деятельности порядка двух тысяч субъектов предпринимательства в производственных сферах». Однако малое предпринимательство сталкивается с рядом проблем, сдерживающих их развитие, к которым следует отнести:

- отсутствие мотивации со стороны государства малых предприятий;
- деление активов предприятий, где теневой оборот становится большим препятствием на пути сотрудничества с инвесторами.

При ведении законного бизнеса появляются административные барьеры для начинающихся предприятий (заключение договоров на аренду, получения разрешения на землю и помещений, сбор документации).

Чтобы решить эти вопросы малым предприятиям нужна процедура, которая будет упрощенной для подготовки, а также для прохождения и подготовки документов. Таким образом, считаем, что пустующие помещения на льготных условиях нужно сдавать в аренду малым предприятиям.

Учитывая развитие предпринимательской деятельности, нами предлагаются инновационные приоритеты в развитии потребительского рынка (рис.1).

Для поддержки предпринимательства необходимо партнерство с предпринимательской общественностью, которая сможет активно и инициативно предлагать свои предложения, а также передавать некоторые функции.

Следовательно, для эффективного ведения малого бизнеса необходимо использовать:

- рациональные налоги;
- доступные кредиты;
- константные правила игры и другие.

Исходя из этого, нами предложены нижеследующие важные направления государственной поддержки предпринимательской деятельности:

- налоговая политика;
- устранение административных препятствий,
- финансовая поддержка и эффективное ее применение;
- развитие инфраструктуры,
- подготовка переподготовка и повышение квалификации кадров,
- переход на цифровую экономику.




**Рисунок 1. Инновационные приоритеты в развитии потребительского рынка**

Следовательно, для того чтобы создать единое экономическое пространство для бизнеса, необходимы приоритеты для инновационного малого бизнеса в социальной сфере, а также в сельских местностях.

Таким образом, для определения критерия оценки функционирования и развития малого бизнеса необходимо использовать следующие показатели:

- установить величину - 9 предприятий на тысячу жителей;
- повышение доли к валовому продукту республики до пятнадцати процентов;
- рост налоговых поступлений в бюджет до 12,0-13,0 процентов и др.

В целом, это обеспечивает усилении роли малого бизнеса в использовании ресурсного потенциала и емкости рынка потребительских товаров Республики Таджикистан.

**Литература**

*1. Розничные торговые сети: стратегии, экономика и управление / [Н. В. Егарева и др.]. – Москва: КноРус, 2010. – 416 с.*

*2.Закон Республики Таджикистан «О предпринимательской деятельности Республики Таджикистан», № 450 от 23 декабря 1991г.*

*3.Закон Республики Таджикистан «О государственной поддержке малого предпринимательства» от 10 мая 2002г. №4 (от 25 марта 2011 года № 701 «О внесении изменений и дополнений в Закон).*

*4. Факеров Х.Н.,Зубайдов С. Социально-экономическая среда формирования рынка потребительских товаров в Республике Таджикистан в условиях рынка //Весник ТНУ (научный журнал),№2/9(190),Душанбе,Сино,2015,стр.48-56.*

*5. Зубайдов С. Национальные особенности функционирования и развития потребительского рынка// Вестник ТГУК. №1(35)/2021. -Душанбе. -2021. С. 83-87.*

*6. Шаропов Ф.Р. Управление социально-экономическим развитием розничной торговли: теория, методология, стратегия: дисс…докт.экон.наук 08.00.05 / Фарход Разокович Шаропов.-Душанбе.- 2018.-305с.*

**Раҷабов Р.К.**
**Зубайдов С.**

## СОҲИБКОРИИ ХУРД ОМИЛИ МУҲИМИ ИСТИФОДАИ ИҚТИДОРИ ЗАХИРАВИИ БОЗОРИ ИСТЕЪМОЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

*Дар мақола таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба соҳибкории хурд мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Масоиле, ки ба рушди соҳибкории хурд халал мерасонанд, муайян карда шудаанд. Таҳлил ва арзёбии соҳибкории хурд, аз ҷумла соҳаи тиҷорати хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад. Ғайр аз ин, меъёрҳои баҳодиҳӣ ба фаъолият ва рушди соҳибкории хурд дар баланд бардоштани иқтидори захиравӣ ва иқтидори бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд. Самтҳои афзалиятноки инноватсионии рушди бозори истеъмолӣ пешниҳод гардидааст.*

***Калидвожаҳо:*** *иқтисоди бозор, таҳлил, рушд, навоварӣ, корхонаҳо, соҳибкории хурд, баҳодиҳӣ, тиҷорати хурд.*

**Rajabov R.K.**
**Zubaidov S.**

## SMALL BUSINESSES AN IMPORTANT FACTOR OF USING THE RESOURCE POTENTIAL OF THE CONSUMER MARKET IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Tajik state university of commerce**

*The article studies the experience of foreign countries and identifies the problems that hinder the development of small business. The analysis and assessment of small business, including the sphere of small business in the Republic of Tajikistan, is carried out. In addition, criteria for assessing the functioning and development of small business in increasing the resource potential and capacity of the consumer goods market in the Republic of Tajikistan have been determined. The innovative priority directions for the development of the consumer market are proposed.*

***Key words:*** *consumer market, small business, small businesses, analysis, structure, assessment, direction of small business, innovation priorities, development.*

***Сведения об авторах:***

***Р****аджабов Р.К.- д.э.н., профессор Таджикского государственного университета коммерции, E-mail: drrajab@mail.ru;*

***Зубайдов Саидахмад****- к.т.н., доцент Таджикского государственного университета коммерции. e-mail: zubaydov57@mail.ru.*

**УДК: 336.71**

**Хайрзода Ш. Қ.**
**Бобомуродов Б.Э.**

# АРЗЁБИИ ИҚТИДОРИ САРМОЯГУЗОРИИ ПАСАНДОЗҲОИ ХОНАВОДАҲО ДАР ПАСМАНЗАРИ КОҲИШИ ЭЪТИМОД БА НИЗОМИ БОНКӢ

**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

*Дар мақолаи мазкур муаллифон оид ба иқтидори сармоягузории пасандозҳои хонаводаҳо дар шароити коҳиш ёфтани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ ибрози ақида намудаанд. Барои рушди бомуваффақияти иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он ба маблағгузорӣ ниёз ба миён меояд. Ҳамзамон, дар ҳама кишварҳое, ки дар онҳо муносибатҳои бозорӣ рушд кардаанд, пасандозҳои хонаводаҳо манбаи асосии сармоягузорӣ маҳсуб меёбанд. Барои ташаккул ва афзоиши пасандозҳо низоми бонкии кишвар нақши асосиро мебозад. Муаллифон ҳодисаҳои номатлуберо, ки сабабгори фалаҷ гардидани низоми бонкӣ шуданд, чунин гурӯҳбандӣ намудаанд: коҳиши интиқоли пули муҳоҷирони меҳнатӣ; паст рафтани нархи маҳсулоти содиротии асосии Тоҷикистон дар бозорҳои байналмилалӣ; идоракунии ғайрисамараноки низоми бонкӣ; додани қарзҳо бидуни баҳисобгирии дурусти хавфҳо; интервенсияи асъорӣ ҷиҳати танзими қурби асъор, ки хонаводаҳои кишварро ба бозпас талаб кардани амонатҳои худ аз низоми бонкӣ водор намуда, боиси буҳрони пардохтпазирии низоми бонкии кишвар гардиданд.*

***Калидвожаҳо:*** *хоҷагиҳои хонавода, низоми бонкӣ, пасандоз, қарз, бонкҳои тиҷоратӣ, сармоягузорӣ, қурби асъор, интиқоли пул, муҳоҷирати меҳнатӣ, буҳрони пардохтпазирӣ, буҳрони эътимод, маблағгузориҳои қарзӣ.*

Аз аввали солҳои 90-уми асри XX, дар робита ба гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибатҳои бозоргонӣ, як низоми дузинагии бонкӣ дар кишвар рушд ёфт. Фаъолияти бонкӣ, хусусан, пас аз соли 2000-ум ба таври бесобиқа тараққӣ кард. Дар давоми солҳои истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қаттор санадҳои қонунгузорӣ бахшида ба низоми бонкӣ ва танзими фаъолияти бонкӣ қабул гардида, мавриди иҷро қарор гирифт, ки дар онҳо меъёрҳои асосии ҳуқуқӣ ва қоидаҳои фаъолияти бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ муқаррар карда шудааст. Дар кишвар вобаста ба фазои мусоиди қонунгузорӣ яке аз паси дигар бонкҳо, филиалҳои онҳо ва ташкилотҳои қарзӣ таъсис меёфтанд. Барои мисол, мувофиқи бюллетени омори бонкӣ дар соли 2005 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ 12 бонк, аз ҷумла, 1 бонки давлатӣ ва 11 бонки ғайридавлатӣ, ки 201 филиали худро доштанд, 8 ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ, 21 ташкилоти молиявии хурд ва 20 фонди қарзии хурд амал мекарданд. Дар тӯли 10 сол, яъне то шиддатёбии буҳрони низоми молиявӣ дар кишвар дар нимаи дуюми соли 2015 бошад, теъдоди бонкҳо то ба 17 адад (зимнан, шумораи бонки давлатӣ ҳамон як адад боқӣ монда, зиёдшавӣ танҳо ба бонкҳои ғайридавлатӣ рабт доштааст), шумораи филиалҳои бонкӣ то ба 355 адад, ташкилотҳои қарзии хурд то ба 31 адад, фондҳои қарзии хурд то ба 36 адад афзуда, шумораи воҳидҳои сохтории бонкҳо аз 201 адад дар соли 2005 то ба 2679 адад дар соли 2015 зиёд шудааст [2, 85-88]. Аз тарафи дигар, нуқтаҳои интиқоли маблағ, ки дар соли 2005 умуман вуҷуд надоштанд, дар соли 2015 ба 1312 адад расиданд, ки ин худ аз миқёси интиқоли маблағҳои муҳоҷирон гувоҳӣ медиҳад. Дар солҳои баъдӣ, дар натиҷаи чораҳои қатъии Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати пешгирӣ кардани болоравии сатҳи таваррум дар асари омилҳои субъективӣ, ин шумора хеле коҳиш ёфт. Чунончӣ, танҳо дар худи соли 2016 ин шумора то ба 419 адад, яъне зиёда аз 3,1 маротиба кам карда шуд.

Чуноне ки маълум аст, буҳрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ 2007-2009 ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири ҷиддӣ расонд. [9.] Суръати рушди иқтисодӣ

аз 8% то 3,9% солона коҳиш ёфт, норасоии буҷети давлатӣ беш аз 1 миллиард сомониро ташкил дод. Ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ коҳиш ёфта, воридоти асъор ба кишвар кам гардид. Баъдан, дар солҳои 2015-2016 низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазъияти душворе, ки бо таъсири омилҳои беруна (коҳиши рушди иқтисоди Россия, ҳамчун шарики асосии кишвари мо, бинобар татбиқи таҳримҳои Ғарб нисбат ба он, пастравии нархҳо барои молҳо кам шудани даромади содиротӣ, коҳиш ёфтани ҳаҷми интиқоли пули муҳоҷирон, беқурбшавии рубли русӣ ва ғ.) ва омилҳои дохилӣ алоқаманд аст.

Кам шудани шумораи ташкилотҳои қарзӣ, бақияи қарз ва ҳаҷми пардохтҳо дар Тоҷикистон дар солҳои 2014-2016 бо зуҳуроти буҳронӣ алоқаманд буданд. Буҳрон ба он оварда расонид, ки аз нимаи дуюми соли 2015 муштариёни бонкҳо бо мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ шуданд. Бонкҳои бузург ба мисли Агроинвестбонк, Тоҷиксодиротбонк, Тоҷпромбонк ва Фононбонк уҳдадориҳои худро дар назди муштариён иҷро накарданд. Супоришҳои пардохтии шахсони ҳуқуқӣ бо таъхири зиёд иҷро мешуданд, баъзан моҳҳо пардохт намешуданд. Мушкилот ҳатто дар пардохти андозҳо - уҳдадориҳо дар назди давлат ба миён омад. Кормандони аксар ташкилотҳо, корхонаҳо ва муассисаҳо имконият надоштанд пули қонунии бадастовардаашонро саривақт гиранд. Бонкҳо инчунин пасандозҳои муҳлати истифодаашон гузашта ва фоизҳояшонро барнагардониданд.

Ҳаводиси номатлубе, ки аз ҷониби иқтисоддонҳо «буҳрони пардохтпазирӣ» ном гирифта, аз 18 муассисаи калони молиявии Тоҷикистон чортои онро ба худ гирифтор карда, дутои он - «Фононбонк» ва “Тоҷпромбонк”-ро варшикаста ва кори дутои дигар “Тоҷиксодиротбонк” ва «Агроинвестбонк»-ро фалаҷ кард. Издиҳоми муштариён дар назди ин муассисаҳои қаблан бонуфузи молиявӣ барои бозпас гирифтани пулҳои ҳаққи ҳалоли худ ба як рӯйдоди муқаррарӣ табдил ёфт. «Агроинвестбонк» ва “Тоҷиксодиротбонк” хизматрасониҳо ба шахсони воқеӣ ва амалиёти байналмилалиро мавқуф карданд. Мизоҷони оддӣ метавонистанд аз ҳисоби худ танҳо дар идораи марказии бонк дар Душанбе ҳар рӯз ба андозаи 500 сомонӣ бигиранд. Барои ин баъзеҳо маҷбур буданд, ки аз минтақаҳои дурдасти кишвар ба пойтахт биёянд. Дорандагони суратҳисобҳои шахсӣ ва ҳуқуқӣ имкони гирифтани пули нақдро аз ҳисобҳои худ надоштанд.

Тавре маълум аст, Ҳукумати кишвар ба таври ҳамаҷониба бо тамоми имкониятҳои мавҷуда барои тавсеа ва афзоиши сармоя дар ташкилотҳои молиявии хусусӣ кумак мерасонад. Ҳамин тавр, дар соли 2017 БМТ бо дастгирии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ду бонки кишвар ба маблағи 3,5 миллиард сомонӣ кумак расонд. Рӯйхати аввали кумакҳо «Тоҷиксодиротбонк» ва «Агроинвестбонк»-ро дар бар мегирад. Бонкҳои дигар ба сармоякунонӣ сахт ҳассосият нишон медоданд ва мушкили камбуди маблағ барои фаъолияти минбаъдаи як қатор бонкҳои тиҷоратӣ дар кишвар ҳанӯз ҳам ҳалношуда боқӣ мондааст. Инҳо «Тоҷиксодиротбонк» (2 миллиарду 250 миллион сомонӣ), «Агроинвестбонк» (1 миллиарду 70 миллион сомонӣ), «Тоҷпромбонк» (450 миллион сомонӣ) ва «Фононбонк» (80 миллион сомонӣ) мебошанд [8]. Аммо бояд қайд кард, ки давлат наметавонад холигоҳеро, ки дар бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити гуногун ба вуҷуд омадааст, таъмин ва пур кунад. Дар ин ҷо, сухан асосан дар бораи напардохтани қарз аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, амалиёти нодурусти муроФиавӣ ҳангоми интиқол ё додани маблағ, пастравии қурби пули миллӣ, паст ё зиёд шудани меъёри фоизӣ ва ғайра меравад. Сарфи назар аз чораҳои андешидаи худи бонкҳои низомсоз, дастгирии иловагии ҳукумат ба системаи бонкӣ имкон дод, ки уҳдадориҳои худро дар назди амонатгузорон, мақомоти андоз қисман иҷро кунад ва бо ҳамин, ба низоми бонкӣ дар маҷмӯъ таъсири мусбӣ расонад. Ҳамзамон, қарор қабул карда шуд, ки иҷозатномаҳои ду бонки тиҷоратӣ, аз ҷумла ҶСК «Тоҷпромбонк» ва

ҶСП «Фононбонк», ки дар онҳо идоракунии барҳамдиҳӣ ҷорӣ карда шудааст, бекор карда шавад.

Оид ба сабабҳои бавуҷудоии ин буҳрони пардохтпазирии низоми бонкии кишвар олимону коршиносони хориҷию ватанӣ таҳқиқоти зиёде анҷом додаанд, ки бо истинод ба онҳо дар ин ҷо мухтасар қайд карда мегузарем.

Аввалан, интиқоли пули муҳоҷирони меҳнатӣ дер боз қисми асосии даромади иқтисоди кишварро ташкил мекард. Ҳамин тариқ, пеш аз буҳрон, дар соли 2013 муҳоҷирони меҳнатӣ ба Ватан зиёда аз 4 миллиард доллари ИМА интиқол доданд, ки андаке камтар аз нисфи маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад, ки ба 8,5 миллиард доллар баробар буд (диаграммаи 1).

Мувофиқи омори ғайрирасмӣ дар он солҳо тақрибан як миллион муҳоҷири меҳнатӣ аз кишвари мо дар Россия кор мекарданд. Ҳол он ки иқтисоди Россия дар асари таҳримҳои байналмилалӣ ва коҳиши минбаъдаи рубл дар моҳи декабри соли 2014 ба мушкилоти шадид дучор омада буд.




**Диаграммаи 1. - Таносуби интиқоли маблағҳо аз Федератсияи Россия ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ММД кишвар (млн доллари ИМА) дар солҳои 2008-2018***

Манбаъ:* Таҳияи муаллиф дар заминаи маводҳои Бонки Марказии Россия ва маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сол ба сол ҳиссаи даромад аз ҳисоби музди меҳнату нафақа афзуда, аз ҳисоби хоҷагиҳои ёрирасон бошад, коҳиш ёфта, ин омил аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ҷумҳурӣ сол ба сол аҳолии қобили меҳнат бо шуғли доимӣ таъмин шуда истодааст. Ҳиссаи зиёди маблағҳои воридотии дигар аз интиқоли маблағҳои пулии муҳоҷирон сол ба сол зиёд шуда истодааст, ки ин аз афзудани шумораи муҳоҷирон хабар медиҳад. Дар ин робита, муҳаққиқи ватанӣ Н. Умаров дуруст қайд кардааст, ки «дар шароити иқтисодиёти трансформатсионии Тоҷикистон робитаи мустақим байни сатҳи камбизоатӣ бо афзоиши муҳоҷирати меҳнатӣ вуҷуд дорад»[5, 83].

Азбаски иқтисодиёти мо аз содироти қувваи корӣ ва воридоти маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ вобастагии сахт дошт, ин зуҳурот ба он таъсири ҷиддӣ расонд. Бисёре аз муҳоҷирон маҷбур шуданд ба Ватан баргарданд. Дар солҳои 2014 ва 2015 интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ба Тоҷикистон 47 фоиз коҳиш ёфт.

Тибқи омори Бонки марказии Россия, маблағи миёнаи интиқоли муҳоҷири меҳнатӣ аз Россия ба Тоҷикистон дар соли 2016 ба 99 доллар баробар шуд, ҳол он ки

дар соли 2015 ин нишондод 137 доллари ИМА ва дар соли 2014 – 228, дар соли 2013 бошад 275 долларро ташкил медод.

Сониян, нархи маҳсулоти содиротии асосии Тоҷикистон - пахта ва алюминий низ паст шуд. Ин боиси 3 фоиз коҳиш ёфтани рушди ММД дар кишвар гардид - коҳишёбии назаррас дар 20 соли охир. Дар баробари ин, қурби сомонӣ ба доллари ИМА ба андозаи 40% дар муқоиса бо аввали соли 2014 коҳиш ёфт. Бахши бонкӣ аз сабаби он, ки бисёр муштариён ғайри қобили пардохт ё муфлис шуданд, ба буҳрон мувоҷеҳ гардид.

Сеюм, мушкилоти бавуҷудомадаи пардохтпазирӣ натиҷаи буҳрони васеътари идоракунии ғайрисамаранокии низоми бонкӣ буд. Пас аз буҳрони солҳои 2008-2009, дороиҳои бонкҳои Тоҷикистон афзоиш ёфтанд, дар ҳоле ки пардохтпазирӣ коҳиш меёфт. Бо вуҷуди афзоиши ҳаҷми сармоя, қарздиҳӣ ва ҷалби маблағҳо, баъзе нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкӣ, аз қабили даромаднокии дороиҳо ва даромаднокии сармоя, дар тӯли якчанд сол тамоюли пастравиро доштанд.

Чорум, бонкҳои маҳаллӣ қарзҳоро бидуни баҳисобгирии дурусти хавфҳо медоданд. Дар тӯли якчанд сол, саноати сохтмонии Тоҷикистон босуръат тараққӣ кард ва чун натиҷа, бисёриҳо бо камоли майл пасандозҳоро дар сохтмони хонаҳои нав сармоягузорӣ карданд. Аммо пас аз он ки ҳаҷми интиқоли пули муҳоҷирон дар соли 2014 коҳиш ёфта, мизоҷон имконияти бозпас гардонидани қарзҳои худро аз даст доданд, бонкҳо ба камбуди пули нақд дучор шуданд.

Панҷум, чуноне ки коршиносон исрор меварзиданд, идоракунии тамоми низоми бонкӣ, аз ҷумла сиёсати танзими Бонки миллӣ бояд аз нав дида баромада мешуд. Ҳукумат бояд назорати бахши бонкиро пурзӯр менамуд. Таҷрибаи бо роҳи интервенсияи асъорӣ ба танзим даровардани қурби асъор, ки аксар вақт аз ҳисоби захираҳои бонкҳо бо усули "ихтиёрӣ-маҷбурӣ" роҳандозӣ мешуд, натиҷаҳои дилхоҳ надоданд.

Дар соли 2015, қурби мубодилавии сомонӣ нисбат ба доллари ИМА 31,7% коҳиш ёфт. Ҷиҳати ба эътидол овардани қурби сомонӣ, Бонки миллии Тоҷикистон миқдори зиёди пули нақдро ба муомилот баровард.

Ҳамин тавр, бахши бонкии Тоҷикистон то солҳои 2012-2013 динамикаи андак ҳам бошад, аммо ҳамоно мусбати рушдро нишон медод. Коршиносон динамикаи пасти рушдро, пеш аз ҳама, бо он шарҳ медиҳанд, ки бонкҳои Тоҷикистон барои ҷалби қарзи берунӣ иқтидори кофӣ надоштанд ва талабот ба иқтисодиёти кишвар ба қарзҳо паст боқӣ монд. Бо вуҷуди ин, бонкҳои системавӣ натиҷаҳои хуб нишон дода, мутаносибан ба ин даромади муайяне низ ба даст меоварданд.

Яке аз сабабҳои бад шудани вазъи бонкҳо, ин буд, ки тӯли солҳои зиёд бонкҳо ба соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт қарзҳои мақсаднок медоданд, гарчанде ки тибқи қонун онҳо ба ин кор ҳуқуқ надоштанд. Ғайр аз ин, худи бонкҳо аз ҳисоби худ (дар асл аз ҳисоби амонатгузорон) меҳмонхонаҳо, хонаҳои истироҳатӣ, корхонаҳо ва ҳатто биноҳои истиқоматӣ месохтанд.

Ҳол он ки мувофиқи қоидаи оддитарини бонкдорӣ, фоидаи бонкҳо асосан аз ҳисоби фарқи фоизи амонатҳо ва қарзҳои додашуда ба даст меояд. Ба ибораи дигар, бонкҳои нисбатан муваффақ ба коре ғайри кори худ машғул гаштанд. Ҳамзамон, бешубҳа ягон бонкдор гумон намекард, ки бо сабаби сафарбар кардани маблағҳои амонатгузорон ба мақсадҳои дигар, бонк худро зери хатар мегузорад.

Мавриди тазаккур аст, ки БМТ бонкҳои мушкилдорро дар баробари дигар иштибоҳот, барои «риоя накардани қонунгузории бонкӣ, идоракунии бесамари хавфҳо, аз ҷумла, хавфҳои қарзӣ ва пардохтпазирӣ, норасоии молиявӣ ва дар ниҳоят вайрон кардани меъёрҳои пруденсиалӣ» айбдор мекунад, ки комилан дуруст аст. Вале чунин эътироф ҳамзамон маънои онро дорад, ки БМТ дар ҳамон вақт ба сифати ягона танзимгари миллӣ аз болои вайрон кардани қонунгузории бонкӣ, ғайримақсаднок

додани қарзҳои дорои хавфи аз ҳад зиёд, норасоиҳои молиявӣ ва вайронкунии меъёрҳои пруденсиалӣ назоратро ба таври бояду шояд ба роҳ намондааст.

Шашум, дар айни авҷи норасоии шадиди пардохтпазирӣ зарбаи ҳалкунанда ба баъзе бонкҳо аз ҷониби рақибони онҳо расонида шуд, ки бо пахши овозаҳои воҳиманок ҳамаи амонатгузоронро дар назди ин ташкилотҳои қарзӣ ҷамъ овobserved. Бонкҳои мушкилдошта ба ин гуна ранг гирифтани ҳодиса омода набуданд, зеро пулҳои амонатгузорон на дар бонкҳо, балки дар дасти қарзгирандагон буданд.

Ҳамин тавр, дар раванди буҳрони эътимод ба низоми молиявӣ бо ҳисобҳои ғайрирасмӣ зиёда аз 5 миллиард сомонӣ амонатҳо аз низоми бонкӣ бозпас гирифта шуданд. Бо эҳтимоли зиёд ин маблағҳо дар сандуқҳо ва зери болини амонатгузорони собиқ монданд ва ба суратҳисобҳои амонатии рақибон нарафтанд. Ба ибораи дигар, рақибоне, ки ба кашида гирифтани мизоҷони бонкҳои мушкилидошта умед мебастанд, нақшаҳои худро то охир фикр накарданд: на танҳо бонкҳои алоҳида, балки дар маҷмӯъ низоми бонкӣ эътимоди мардумро аз даст дод. Дар натиҷа, аксар бонкҳои кишвар танҳо ба туфайли дастгирии молиявии ҳукумат ё саҳмдорони хориҷӣ дар рӯйи об боқӣ монданд. Ташкилотҳои қарзие, ки иқболашон баландӣ накард, иҷозатномаҳои худро барои идомаи фаъолият аз даст доданд.

Дар тӯли ду соли буҳронӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллӣ ва мақомоти соҳа маҷмӯи чорабиниҳо оид ба пешгирии оқибатҳои манфии зуҳуроти буҳронӣ таҳия ва дар амал татбиқ карда шуд. Сарфи назар аз ин, имрӯз низ дар низоми бонкӣ як қатор мушкилот вуҷуд дорад, аз ҷумла: сармоякунонии нокифоя ва манбаъҳои маҳдуди маблағгузории дарозмуддат; ҳиссаи назарраси амалиёт бо тарафҳои алоқаманд; ношаффоф будани бизнес; ҳиссаи назарраси амалиётҳо бо асъори хориҷӣ; сатҳи нокифояи рушди фарҳанги қарзӣ; ҳиссаи назарраси қарзҳои муҳлати пардохташон гузашта; ҳимояи нокифояи ҳуқуқҳои вомдиҳандагон; самаранокии нокифояи идоракунии хавфҳо ва идоракунии корпоративӣ ва амсоли он.

Хонаводаҳо мебинанд, ки одамон ба бонкҳо эътимод надоранд ва мехоҳанд маблағҳояшонро ҳарчи зудтар бозпас баргардонанд. Бонкҳои мушкилдор, дар навбати худ, наметавонанд уҳдадориҳои худро дар назди муштариён иҷро кунанд, зеро онҳо қарзҳои додашударо бозпас гирифта наметавонанд. Бисёр қарзҳо, чӣ тавре ки худи ин бонкҳо имрӯз иқрор мекунанд, бе таҳлили пешакӣ ба шахсони шубҳаовар, инчунин ба хешовандон ва дӯстон таҳти гарави амволе, ки арзиши хеле камтар доштанд, дода шудаанд. Ҳамаи кӯшишҳои ин бонкҳо барои ҷалби сармоягузориҳои дарозмуддати созмонҳои байналмилалии молиявӣ, ки яке аз шартҳои пешниҳоди кӯмаки молиявӣ аз ҷониби ҳукумат буд, ба нокомӣ анҷомид. Аз ин рӯ, як доираи сарбастае ба вуҷуд омад, чунончӣ барои амонатгузорон дар кӯтоҳтарин муддат баргардонидани пасандозҳояшон мушкил шуд ва қарзгирандагон қарзҳои нав гирифта наметавонистанд.

Таркиби маблағгузориҳои қарзӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ вобаста ба шакли моликияту самти фаъолият нишон медиҳад, ки ҳаҷми маблағгузориҳои қарзӣ дар давоми солҳои 2012-2019 тақрибан 180,5% зиёд гардидааст. Чунончӣ, ҳаҷми маблағгузориҳои қарзӣ дар таркиби маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар соли 2012-ум 14,99%-ро ташкил дода, дар соли 2019 ин рақам ба 12,65% баробар шудааст (ҷадв. 1).

Чуноне дида мешавад, аз ҳама бештар маблағгузориҳои қарзӣ дар соҳаи қарзи манзил (ипотека) -3,75 маротиба, шахсони хусусӣ – 2,13 маротиба, корхонаҳои хусусӣ - 133% сурат гирифтааст, ки ба хонаводаҳо марбут мебошанд. Дар баробари ин, шартномаҳои лизингӣ ҳамчун василаи молиявӣ тамоили зиёдшавӣ доранд.

Захираҳои молиявии хоҷагиҳои хонавода аз сатҳи пасандозкунии онҳо вобастагӣ дорад. Дар аксар давлатҳои тараққикардаи дунё ҷалби пасандозҳои хонаводаҳо ба низоми бонкӣ масъалаи хеле муҳим муҳим дониста мешавад, чунки қисмати бештари воситаҳои ҷалбгардидаи бонкҳои тиҷоратиро маҳз амонатҳои гузоштаи хонавода ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 1.**

**Таркиби маблағгузориҳои қарзӣ ба соҳаҳои иқтисоди миллӣ вобаста ба шаклу самти фаъолият 2012-2019. (млн. сомонӣ)**

| Солҳо / Нишондиҳандаҳо | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2019 ба 2012 (маротиба) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамаи маблағгузориҳо | 5421,3 | 7530,9 | 9783,1 | 11 341 | 9 930,1 | 8606,1 | 8741,4 | 9 789, 5 | **1,81** |
| Бо % ба ММД | 14,99 | 18,56 | 21,45 | 23,43 | 18,23 | 14,08 | 12,69 | 12,65 | **-16%** |
| Корхонаҳои давлатӣ | 772,9 | 914,9 | 930,3 | 1 626,0 | 1 669,9 | 2182,6 | 1 942,3 | 2 441, 2 | **3,16** |
| Корхонаҳои хусусӣ | 2070,5 | 2880,7 | 3953,7 | 4 981,9 | 4 027,4 | 2672,6 | 3 436,9 | 2 760,4 | **133,3%** |
| Шахсони хусусӣ | 1072,1 | 1639,0 | 1797,3 | 1858,9 | 1 665,4 | 1577,7 | 1 600,3 | 2 294,2 | **2,14** |
| Қарордодҳои лизингӣ | 2,3 | 3,0 | 4,6 | 5,7 | 6,4 | 2,1 | 2,8 | 1,1 | **-53%** |
| Бо асъори миллӣ | 0,352 | 1,09 | 2,472 | 2,858 | 3,219 | 2,068 | 2,812 | 1,149 | **3,2** |
| Бо асъори хориҷӣ | 1,955 | 1,91 | 2,123 | 2,796 | 3,15 | - | - | - | **-** |
| Ипотека | 57,01 | 116,57 | 139,53 | 166,05 | 167,71 | 185,83 | 209,13 | 214,3 | **3,75** |
| Овердрафт | 19,82 | 99,03 | 62,24 | 102,53 | 271,85 | 141,85 | 108,64 | 244,8 | **12,35** |
| Ба соҳибкорон | 1420,4 | 1875,5 | 2895,3 | 2595,9 | 2095,2 | 1836,5 | 1814,6 | 1833,4 | **129%** |
| Ба дигарон | 6,2 | 2,2 | 0,2 | 4,7 | 26,3 | 9,02 | 0,7 | 0,117 | **-188%** |

*Манбаъ: Бюллетени омори бонкӣ. – Душанбе, 2020 (266). С.36-37.*

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар сурати пурра барқарор намудани эътимоди хонаводаҳо ба устувории низоми бонкӣ имконияти ҷалби маблағҳои беандоза калон ба бонкҳои тиҷоратӣ, ҷиҳати афзун намудани захираҳои пулӣ вуҷуд дорад [1, 127]. Азбаски дар маҷмӯаҳои оморӣ ҳаҷми пасандозҳои хоҷагиҳои хонавода ҷудо карда нашудааст, мо дар зимни мураттабсозии ҷадвали поёнӣ аз маълумоти омории марбут ба пасандозҳои шахсони ҳуқуқию воқеӣ истифода кардем. Зеро чуноне ки дар фаслҳои қаблӣ изҳор кардем, хоҷагии хонавода метавонад ҳам дар шакли шахси воқеӣ ва ҳам дар шакли шахси ҳуқуқӣ фаъолият намояд.

Ҳамон тавре ки болотар гуфта гузаштем, низоми бонкии кишвар дар солҳои охир бо як қатор мушкилоту монеаҳо дучор гардид. Иқтидори сармоягузории пасандозҳои хонаводаҳо дар шароити барқарор намудани боварӣ ба устуворӣ ва пардохтпазирии бонкҳо манбаи асосии ташкили сармояи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ ва омили маблағгузории дохилӣ ба самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодӣ шуда метавонад.

Чуноне ки аз маълумоти ҷадвали 3 бармеояд, иқтидори пасандозкунии хоҷагиҳои хонавода дар мамлакат хеле бузург буда, он метавонад ба сарчашмаи асосии маблағгузории дохилӣ табдил ёбад, танҳо солимгардонии низоми бонкӣ ва афзудани эътимоди аҳолӣ ба он талаб карда мешавад. Мувофиқи маълумоти овардашуда бақияи пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар бонкҳо сарфи назар аз таъсири омилҳои гуногуни берунаю дохилӣ ба иқтисодиёт, ба истиснои соли оғози буҳрони молиявии ҷаҳонӣ – соли 2008, дигар мунтазам афзудааст.

**Ҷадвали 2.**

**Ҳаҷми бақияи пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар бонкҳои кишвар дар солҳои 2007-2019** (млн сомонӣ)

| Солҳо | Бақияи умумии пасандозҳо | Шахсони воқеӣ | | | Шахсони ҳуқуқӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | бо асъори миллӣ | бо асъори хориҷӣ | Ҳамагӣ | бо асъори миллӣ | бо асъори хориҷӣ |
| 2007 | 2197,4 | 570,1 | 81,2 | 488,8 | 1627,3 | 434,7 | 1192,6 |
| 2008 | 1923,2 | 733,1 | 226,8 | 606,3 | 1990,1 | 576,3 | 613,8 |
| 2009 | 2640,8 | 1131,6 | 223,8 | 907,8 | 1509,2 | 739,8 | 769,1 |
| 2010 | 3269,7 | 1515,6 | 291,8 | 1223,8 | 1754,1 | 1088,5 | 665,5 |
| 2011 | 4423,5 | 2298,3 | 353,1 | 1945,2 | 1225,2 | 1272,6 | 852,6 |
| 2012 | 4927,2 | 2937, | 469,8 | 2767,6 | 1989,9 | 1140,9 | 849,0 |
| 2013 | 5521,6 | 5521,6 | 3660,1 | 681,1 | 1861,5 | 1066,8 | 794,7 |
| 2014 | 6690,6 | 4253,3 | 838,0 | 3415,3 | 2437,3 | 1470,4 | 966,9 |
| 2015 | 8613,5 | 5423,5 | 1058,3 | 4365,3 | 3190, | 1624,30 | 1567,5 |
| 2016 | 9243,2 | 5352,6 | 1312 | 4040,6 | 3890,5 | 2162,5 | 1728 |
| 2017 | 9283,5 | 4473,9 | 1647,5 | 2826,4 | 4809,5 | 2495,8 | 2313,7 |
| 2018 | 9362,8 | 4217,2 | 1525,5 | 2691,6 | 5145,6 | 2734,2 | 2411,3 |
| 2019 | 8975, 2 | 4239,3 | 1932,7 | 2306,6 | 4736,1 | 2680,7 | 2055,4 |

*Манбаъ: Бюллетени омори бонкӣ. Душанбе- солҳои 2007-2020*

Усули таҳлили омориро истифода бурда, мо муайян кардем, ки суръати афзоиши миёнаи солонаи бақияи пасандозҳо дар давоми 13 соли охир 1,124 маротиба зиёд гардида, соли 2019 нисбати соли 2007 ҳаҷми бақияи пасандозҳои аҳолӣ дар бонкҳои кишвар 4 маротиба афзудаанд, ки аз устуворшавии низоми бонкдорӣ ва афзоиши боварии мардум ба бонкҳо ва низоми бонкдорӣ шаҳодат медиҳад.

$$x = \sqrt[n-1]{\frac{An}{A1}} = \sqrt[13-1]{\frac{8975{,}2}{2197{,}4}} = \sqrt[12]{4{,}084463} = 1{,}124$$

$$\text{X} = \sqrt[n]{\Pi(\text{X})} = \sqrt[12]{4{,}084463} = 1{,}124$$

Ҳамин таносуб дар таҳқиқоти Шоасалов Н.Қ.,[7, 118] ки солҳои 2006-2018-ро фаро гирифтааст, мутаносибан 1,195 ва 8,5 маротибаро ташкил додааст. Фарқияти таносуби ҳисобкардаи мо ва ӯро бо буҳрони молиявии соли 2008 оғозгардида ва нисбат ба соли 2018 тақрибан 4,1% коҳиш ёфтани ҳаҷми пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар соли 2019 шарҳ додан мумкин аст.

Инчунин, афзоиши мутлақи бақияи пасандозҳои аҳолӣ дар ин муддат тамоюли зиёдшавӣ дошта, ба ҳисоби миёна дар як сол 564,8 ҳазор сомониро ташкил додааст.

$$\text{X} = \frac{\text{X}n - \text{X}n - 1}{n-1} = \frac{8975{,}2 - 2197{,}4}{13-1} = 564{,}8$$

Таҳлили таркиби бақияи пасандозҳои аҳолӣ нишон медиҳад, ки он яксон боқӣ намонда, дар солҳои охир тағйир ёфтааст. Масалан, соли 2007 ҳиссаи бақияи пасандозҳои шахсони воқеӣ 26,7%, шахсони ҳуқуқӣ 73,3 % ташкил додааст, ки бартарияти асосиро бақияи пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ дар бар гирифтааст. Дар муқоиса бо он, соли 2019 ҳиссаи бақияи пасандозҳои шахсони воқеӣ 47,2% афзуда, бақияи пасандозҳои шахсонӣ ҳуқуқӣ бошад, тамоюли пастравӣ дошта, ҳамагӣ 52,8%-ро ташкил додааст. Дар ин муддат бақияи пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ 20,3 банди фоизӣ кам гардида, бақияи пасандозҳои шахсони воқеӣ ба ҳамин миқдор афзудааст.

Бояд тазаккур дод, ки таносуби бақияи пасандозҳои аҳолӣ бо асъори хориҷӣ ва пули миллӣ гуногун буда, мунтазам дар тағйирёбист. Агар ҳиссаи бақияи пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ соли 2007 бо асъори хориҷӣ 76,5% ва бо пули миллӣ 23,5% ташкил дода бошад, пас соли 2019 ҳиссаи бақияи ин пасандозҳо бо асъори хориҷӣ 48,6% ва бо пули миллӣ 51,4% дар бар гирифтааст, ки 27,9 банди фоизӣ афзоиши ҳиссаи пасандозҳои аҳолӣ бо пули миллӣ ба назар мерасад. Афзоиши ҳаҷми пасандозҳо бо пули миллӣ дар натиҷаи сиёсати қотеонаи БМТ нисбат ба танзими амалиёти асъорӣ, ки бо ғайри пули миллӣ дар кишвар муомилотро маҳдуд сохтааст, ба вуҷуд омадааст.

Таҳлили динамикаи тағйирёбии ҳаҷми воқеии пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ нишон дод, ки солҳои 2014-2015 давраи афзоиш ва авҷи пасандозгузорӣ буда, аз ибтидои соли 2016 ҳолати таназзулёбии ин раванд ва дар соли сипаришудаи 2019 тадриҷан болоравии онро мушоҳида намудан мумкин аст, ки чунин ҳолат дар нақшаи додашуда хеле хуб ифода ёфтааст.




**Расми 1.- Ҳаҷми пасандозҳои аҳолӣ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2007-2019 (бо %)**

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф дар заминаи маводҳои бюллетени омори бонкӣ ва маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Чӣ хеле ки мебинем (расми 1), дар соли 2008, яъне дар оғози буҳрони молиявӣ, нишондиҳандаҳо нисбат ба соли қаблӣ яку якбора ба андозаи 13% коҳиш ёфтаанд. Баландтарин нуқтаро дар расми мазкур маълумоти соли 2009 бо нишондоди 37,3% нисбат ба соли қаблӣ ишғол кардаанд, ки ин мантиқист, зеро соли 2008 бо қимати манфӣ ҷамъбаст гардида буд.

Мувофиқи маълумотҳои омори расмӣ ба ҳолати моҳи августи соли 2019 ҳаҷми бақияи пасандозҳо маблағи 8,9 млрд. сомониро ташкил дод, ки дар он мутаносибан, ҳиссаи пасандоз бо асъори хориҷӣ-4,2 ва бо пули миллӣ -4,7 млрд мебошад. Дар маҷмӯъ, ин рақамҳо дар бораи тадриҷан муътадил гардидани вазъи бозори молиявии кишвар дар асари бароҳмонии сиёсати самараноки пулию қарзӣ аз тарафи танзимгари миллӣ шаҳодат медиҳад.[3, 20-35] Зимнан бояд гуфт, ки сиёсати молиявӣ ва муаммоҳои имрӯзаи пешбурди он хеле дақиққорона аз тарафи профессор Ш.Раҳимзода таҳқиқ шудааст[4, 21-24].

Агар таносуби ҳаҷми қарзҳо ва бақияи пасандозҳоро таҳлил карда бароем, солҳои охир нисбатан камтар гардидани пешниҳоди қарзҳо ба назар мерасад (расми 2).




**Расми 2.- Таносуби қарзҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ нисбат ба пасандозҳо дар давраи солҳои 2012-2019 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо %)**

Манбаъ: Таҳияи муаллиф дар заминаи маводҳои Бюллетени омори бонкӣ,Душанбе-2019

Ҳоло он, ки коэффитсиенти суръати миёнасолонаи афзоиши ҳаҷми умумии қарзҳо дар солҳои 2012-2019 ба 1,076 лекин, коэффитсиенти суръати афзоиши миёнасолонаи бақияи пасандозҳои аҳолӣ дар бонкҳо бошад, ба 1,077 баробар буда, афзоиши он мутаносибан ба 0,01 банди фоизӣ баробар аст. Аз ин лиҳоз, бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкиро зарур аст, ки пешниҳоди маблағҳои қарзиро барои доираи васеи мизоҷон бо тахфиф ва имкониятҳои дастрас бештар намоянд.

8. *Раҳимзода Ш., Одинаев Ш.Т., Самиев Ш.Ф., Рушди сармоягузории кишоварзӣ - асоси таъмини амнияти озуқаворӣ // Паёми ДМТ. – Душанбе: «СИНО», №3/1. 2020 – с.124-129.*
9. *Фасеҳзода И.С. Роҳҳои такмили истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар рушди истеҳсоли маҳсоли озуқаворӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -Душанбе, 2018. -№10. - с.114.*

**Доутова А.Р., Сафаров А.С.**

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ И РОЛЬ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В ОБЕСПЕЧЕНИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

**Кулябский государственный университет имени Абуабдуллохи Рудаки**

*В статье раскрыто понятие «продовольственная безопасность» и ее основные составляющие как части национальной экономической безопасности государства в целом. Увязывается понятие «национальная экономика» с понятием «продовольственная безопасность». Продовольственная безопасность характеризируется как одна из составляющих национальной экономически. Делается вывод о том, что государство должно выступать гарантом обеспечения продовольственной безопасности. Также отмечается, что фундаментом национальной экономической безопасности является безопасность продовольственная, характеристикам которой и посвящена данная статья.*

**Ключевые слова:** *продовольствия, продовольственная безопасность, национальная экономика, государственная поддержка, экономическая безопасность, сельское хозяйство, АПК.*

**Doutova A.R., Safarov A.S.**

## THEORETICAL ASPECTS AND THE ROLE OF FOOD SECURITY IN PROVIDING THE NATIONAL ECONOMY

**Kulob state university named after Abuabdulloha Rudaki**

*The article reveals the concept of "food security" and its main components as part of the national economic security of the state as a whole. The concept of "national economy" is linked with the concept of "food security". Food security is characterized as one of the components of the national economy. It is concluded that the state should act as a guarantor of food security. It is also noted that the foundation of national economic security is food security, the characteristics of which this article is devoted to.*

**Key words:** *foodstuffs, food security, national economy, government support, economic security, agriculture, agro-industrial complex.*

***Сведения об авторах:***

***Доутова Адиба Рачабалиевна*** *– докторант PhD, кафедра экономика предприятий и предпринимательства - КГУ имени А. Рудаки, город Куляб,* ***Электронная почта: d-adiba.r1995@mail.ru***

***Сафаров Аҳлиддин Сайвалиевич*** *– ассистент кафедры менеджмент и маркетинг – КГУ имени А. Рудаки, город Куляб,* ***Электронная почта: assafarov19@mail.ru***

УДК 330 ББК 65-434 Сангин Илхом

# ДИВЕРСИФИКАЦИЯ КАК ФАКТОР УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики**

*В статье показана актуальность обеспечения устойчивого развития промышленных предприятий для обеспечения индустриализации национальной экономики Республики Таджикистан. В рамках исследования систематизированы 4 подхода к обеспечению устойчивого развития предприятий.*

*В статье исследуются 4 вида диверсификации промышленных предприятий, анализируются их положительные и отрицательные черты. На примере конкретных предприятий республики в статье исследуются преимущества и недостатки выбранных стратегий.*

*Подытоживается статья заключением автора о причинах выбора видов диверсификации, аргументацией применения типов диверсификации в условиях Республики Таджикистан.*

***Ключевые слова:*** *устойчивое развитие промышленных предприятий, диверсификация, горизонтальная диверсификация, вертикальная диверсификация, конгломератная диверсификация, концентрическая диверсификация.*

После объявления ускоренной индустриализации в качестве четвертой стратегической цели развития в послании Маджлиси Оли от 26 декабря 2018 года Президентом Республики Таджикистан, проблема развития промышленных предприятий, обеспечения устойчивого их развития стала одним из самых обсуждаемых вопросов среди политиков и экономистов республики. В этом же послании Правительству республики была поставлена задача увеличить долю промышленности до 22% к 2030 году.

Актуальность устойчивого развития промышленных предприятий вызвана переходом на рыночную экономику, которая подразумевает функционирование принципиально новых производственных отношений, постоянной изменчивости внутренней и внешней сред. Национальная стратегия развития до 2030г. предусматривает индустриальный сценарий развития страны, где Правительство Республики Таджикистан за счет проведения успешных структурых реформ в реальном секторе экономики, системе государственного управления, создания благоприятного инвестиционного климата планирует увеличить объем промышленного производства в 4,2 раза до 2030 года, повысить долю промышленности в ВВП до 20-20,5% [8, 121].

В рамках данного исследования автором изучены научные труды таджикских ученых. Их труды, в основном, направлены на изучение направлений развития промышленного сектора экономики, роли малого и среднего предпринимательства в развитии промышленности (Рахимов Р.К, Саидмурадов Л.Х., Комилов С.Дж., Лолаев З.). Вопросы повышения устойчивости промышленности республики через призму финансово-кредитных отношений изучены в научных трудах Ураковой К.Д. Однако, вопросам обеспечения устойчивого развития промышленных предприятий путем диверсификации, в трудах таджикских ученых уделено мало внимания.

Анализ экономической литературы позволил нам выделить и систематизировать четыре подхода к определению устойчивого развития предприятия:

1) Коммерческий подход;
2) Антропоцентрический подход;
3) Природоохранный подход;
4) Интегральный подход.

Суть коммерческого подхода заключается в минимизации внутренних и внешних факторов воздействия на хозяйственную деятельность предприятия в целях решения проблем роста доходов и финансовых ресурсов предприятия, снижения влияния

неблагоприятных макроэкономических условий. Приверженцами коммерческого подхода являются Коряков А.Г., Худякова Е.В., Бариленко В.И.

Сторонниками антропоцентрического подхода являются социологи. Суть данного подхода заключается в том, чтобы обеспечить равенство и благополучие. Так, по мнению Кандауровой Д.С. суть устойчивого развития сводится к сохранению стабильности существующего общества, культурного капитала, сокращению конфликтов между людьми (работниками предприятия), обеспечению справедливого распределения ресурсов между ними.

Природоохранный подход предполагает сбалансированный и управляемый процесс развития предприятия, который не вызывает деградацию окружающей среды и не подрывает интересы будущего поколения [12, 13]. Началу научного обсуждения природоохранного подхода послужила Стокгольмская конференция ООН по окружающей среде, которая состоялась в 1972 году. Главная цель этой международной конференции заключалась в координации и объединении усилий государств в целях обеспечения экологической безопасности, активизации международного сотрудничества в деле природоохранных мероприятий.

Сторонники интегрального подхода несколько объединяют вышеперечисленные подходы. Представители интегрального подхода трактуют устойчивое развитие преприятия, и вообще общества в целом, как совокупность процессов позитивных изменений и воплощающих их технологий, направленных на гармонизацию отношений между экономической, экологической и социальной сферами для удовлетворения потребности социально-экономической системы в долгосрочном существовании [1, 3].

Устойчивое развитие промышленного предприятия предполагает такое его функционирование, при котором под воздействием факторов внешней среды проявляется способность в сохранении его целостности, независимости, адаптивности. По мнению Рассветова С.А., устойчивость можно рассматривать как способность предприятия сохранять в условиях изменяющейся бизнес-среды внутрисистемные связи, компоненты, параметры, процессы, стабилизирующие ее в целом при сохранении целостности [10].

Важно отметить, что решение проблемы обеспечения устойчивости промышленных предприятий представляется возможным путем преобразования системы управления, разработки механизма адаптации к условиям бизнес-среды, оптимизации структуры хозяйственных связей. Выявление направлений устойчивого развития промышленного предприятия предполагает проведение глубокого анализа и диагностики внутренних процессов, имеющих место на предприятии. Кроме внутренних факторов, немаловажное место в обеспечении устойчивого развития промышленных предприятий играют анализ макро и мезо-среды.

Обычно исследователи выделяют следующие ключевые аспекты повышения устойчивого развития промышленных предприятий:

- ✓ Производственный;
- ✓ Финансовый;
- ✓ Организационный;
- ✓ Кадровый;
- ✓ Информационный;
- ✓ Научно-технический;
- ✓ Информационный;
- ✓ Сбытовой и т.д.

Диверсификация представляется одной из важных экономических стратегий промышленных предприятий, которые заинтересованы обеспечить рост в бизнес-цикле предприятия, уменьшить риски, повысить конкурентоспособность. Стратегия диверсификации также важна для обеспечения выживаемости промышленных предприятий.

В научной литературе выделяют следующие типы диверсификации:

1) Вертикальная диверсификация

Данная стратегия роста направлена на обеспечение контроля за всем производственным процессом: от сырья до готовой продукции. Суть вертикальной диверсификации заключается в создании собственных входов и выходов при создании стоимости. Различают обратную и прямую диверсификацию. Обратная диверсификация подразумевает контроль над поставкой сырьевых ресурсов путем их производства. Обычно обратная интеграция осуществляется в следующих случаях:

- Дороговизна покупаемых сырьевых ресурсов;
- Необеспечение ненадежности поставки сырья;
- Необходимость усиления контроля качества над сырьевыми ресурсами;
- Возрастает необходимость усиления позиций в отрасли, путем снижения стоимости продукции.

Примером обратной диверсификации может послужить деятельность одной из лидирующих на рынке молочной продукции Таджикистана компании «Афзали Сугд». Эта компания производит 20 видов молочной продукции. Для снижения стоимости закупаемого молока и молочных изделий, которые являются основными видами сырья, а также бесперебойного обеспечения сырьем, руководство компании решило открыть собственное фермерское хозяйство. Данный шаг обеспечивает устойчивость поставок сырья, некоторое снижение уровня себестоимости закупаемых молочных продукций.

Прямая диверсификация подразумевает укрепление позиций предприятия по дистрибуции и продажам готовой продукции. К причинам прямой диверсификации промышленных предприятий следует отнести:

- Наличие высокой маржи прибыли у оптовых и розничных сетей дистрибуции;
- Снижение уровня зависимости от оптовиков, розничных сетей, высокое давление на цены производителя со стороны торговых сетей;
- Наличие достаточных ресурсов (финансовых, кадровых и т.д.) у промышленного предприятия.

2) Горизонтальная диверсификация

Предполагает производство дополнительных параллельных продуктов или услуг к существующей линейке продуктов (услуг). Существующий на промышленном предприятии технический, маркетинговый и финансовый опыт применяется также к новым продуктам, новому товару, несвязанному с выпускаемым, который может быть интересен существующей клиентуре. К горизонтальной диверсификации можно отнести деятельность компании «Файзи Расул», которая производит широкий ассортимент молочных изделий (йогурт, кефир, сметана, творог и т.д.).

Применение стратегии горизонтальной диверсификации позволяет предприятиям:

- Работать в различных сегментах рынка;
- Увеличить рыночную долю компании за счет присутствия в нескольких сегментах рынка;
- Оптимизировать риски, связанные с продажей.

Горизонтальная диверсификация может осуществляться в следующих формах:

3) Концентрическая диверсификация

Стратегия концентрической диверсификации подразумевает расширение производственного портфеля промышленного предприятия. Обычно стратегию концентрической диверсификации в научной литературе называют также стратегией связанной диверсификации. Реализация стратегии концентрической диверсификации для промышленных предприятий позволяет производить дополнительные товары, пополнение ассортимента новинками, ввести дополнительные услуги. Примером реализации концентрической диверсификации может послужить маркетинговая стратегия ООО «Равзана», которая является ведущим производителем металлопластикового окна и дверей в Согдийской области. Начиная с 2009 года ООО «Равзана» заключило дилерское соглашение с несколькими зарубежными производителями оконных профилей из ПВХ, а также аксессуаров и фурнитуры. Данная стратегия позволила компании помимо непосредственного производства окон и

дверей, продавать местным предприятиям – производителям пластиковых окон и дверей все необходимые материалы и компоненты, принимаемые необходимых для данного производства. В нижеприведенной диаграмме показана результативность данной стратегии на увеличение объема производства окон и дверей ООО «Равзана».

Диаграмма 1




*Источник: статистические данные ООО «Равзана»*

Судя по данным диаграммы 1, начиная с 2009 года по 2018 год, объем производства окон и дверей из металлопластика в ООО «Равзана» имеет тенденцию роста. Сразу через год реализации стратегии, то есть в 2010 году объём производства вырос на 1504 кв.м. или на 36%. Резкий тем роста наблюдается в 2012 году, где по сравнению с 2011 годом темп роста составляет 175%. За 2018 год, по сравнению с 2009 годом, объём производства вырос почти в 5 раз, что говорит о хорошем уровне результативности реализации стратегии. На наш взгляд, к причинам такого успеха ООО «Равзана» следует отнести:

a) Доступность всех комплектующих на складе компании, что было возможно за счет их импорта не только на нужды компании, но и для других производителей окон и дверей. Доступность всех комплектующих важный фактор в деле оперативности выполнения заказов клиентов;

b) Относительная дешевизна профилей, комплектующих, что обеспечивалось за счет оптового закупа в качестве дилера.

4) Конгломератная диверсификация

Конгломератная диверсификация предусматривает расширение ассортимента новыми продукциями, которые не имеют отношения к применяемой компанией технологии, или к существующим товарам. Применяя конгломератную диверсификацию, компания выходит на другой рынок, развивая новое направление бизнеса, получая доступ к новым потребителям.

Конгломератная диверсификация имеет свои преимущества и недостатки.

К рискам или недостаткам данной стратегии следует отнести:

a) Сложность принятия управленческих решений, снижение фокуса на производство и реализацию из-за совершенно разных направлений бизнеса;

b) Возрастает потребность в инвестициях из-за внедрения новых технологий;

c) Требуется привлечение дополнительных профессиональных специалистов для развития бизнеса, что требует определенного времени.

К преимуществам реализации конгломератной диверсификации следует отнести:

- происходит распределение рисков по различным отраслям;

- происходит повышение эффективности использования инвестиций промышленных предприятий за счет вложения финансовых ресурсов в перспективные высокорентабельные отрасли;

- кризисные явления, вызывающие спад в одних отраслях, могут компенсироваться подъемом в других, что обеспечивает устойчивость промышленных предприятий.

Применение конгломератной стратегии диверсификации обосновано для промышленных предприятий, которые накопили достаточный опыт управления, имеют достаточные финансовые ресурсы для поддержки и развития нового направления бизнеса. В условиях Республики Таджикистан, потребительский рынок которого характеризуется низким уровнем емкости, данной стратегией пользуются достаточное количество компаний. Так, ООО «Файзи Расул», которое производит молочные продукции, начало развивать производство мясных изделий. По сути, ООО «Файзи Расул» функционирует в пищевой промышленности, однако, по разным направлениям производства.

Подытоживая данную статью, важно отметить следующие моменты:

1. Устойчивое развитие промышленных предприятий в условиях обеспечения ускоренной индустриализации национальной экономики Таджикистана носит актуальный характер. Обеспечение устойчивого развития промышленных предприятий является важным залогом реализации намеченных индикативных целей индустриального развития экономики Таджикистана в Национальном стратегии развития Республики Таджикистана на период до 2030 года.

2. Диверсификация промышленных предприятий, выбор направлений диверсификации с учетом наличия производственных, кадровых, финансовых и других ресурсов представляет собой одну из главных предпосылок обеспечения устойчивого развития промышленных предприятий.

3. Обеспечение устойчивого развития промышленных предприятий предполагает минимизацию негативных воздействий и элиминирование неопределенных ситуаций внешней среды.

4. Выбор конкретных типов диверсификации промышленных предприятий для целей обеспечения устойчивости зависит от стратегических целей развития, наличия ресурсов, а также сложностей бизнеса.

5. Несмотря на то, что в экономической литературе преобладает мнение о том, что в обеспечении устойчивого развития промышленных предприятий важную роль играют инновационная и инвестиционная деятельность, автор придерживается мнения ключевой роли кадрового потенциала в деле обеспечения устойчивого развития промышленных предприятий.

**Литературы**:


*1. Алферова Т. Концептуальное моделирование определения категории «устойчивое развитие» // Журнал экономической теории. 2012. № 4. С.10-11.*

*2. Бариленко В.И. Бизнес-анализ как инструмент обеспечения устойчивого развития хозяйствующих субъектов // Учет. Анализ. Аудит. 2014. №1. С. 25-31*

*3. Журова Л.И. Анализ подходов к устойчивому развитию интегрированных корпоративных систем // Вестник Волжского университетаим. В.Н. Татищева. 2015. №1(33). С. 17-24*

*4. Комилов С.Дж., Рахмонов Дж.Р. Основы институционализации инновационного развития промышленности Республики Таджикистан // Вестник РТСУ-№2(41)-2013*

*5. Кондаурова Д.С. Разработка рекомендаций по развитию механизма управления устойчивым развитием промышленных предприятий // Управление экономическими системами: электронный научный журнал. 2015. - №9 (81). С. 19-24*

*6. Коряков А.Г. Методологические вопросы устойчивого развития предприятий / А. Г. Коряков //Вопросы экономики и права. 2012. №4. С.110-114*

*7. Лолаев З.Х. Развитие малого и среднего предпринимательства как основа индустриализации национальной экономики (на материалах Республики Таджикистан):*

*Диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук-Душанбе:2019*

*8. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года. - Душанбе:2016*

*9. Приоритеты инновационного развития экономики Республики Таджикистан // Рахимов Р.К., Довгялло Я.П.: АН РТ Инс-т экономики и демографии. - Душанбе:2019*

*10. Рассветов С.А. Направления устойчивого развития промышленных предприятий // Вестник Томского государственного университета.- №112. – 2012*

*11. Стратегическая устойчивость предприятия / С. П. Бараненко, В. В. Шеметов; Рос. акад. предпринимательства. - М.: Центрполиграф, 2004. С.125-130*

**Сангин Илҳом**

## ДИВЕРСИФИКАТСИЯ ЧУН ОМИЛИ ТАЪМИНИ РУШДИ УСТУВОРИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

*Дар мақола аҳамияти рушди устувори корхонаҳои саноатӣ барои таъмини саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст. Дар тадқиқоти мазкур оид ба 4 равияи илмӣ барои таъмини рушди устувори корхонаҳо мушаххас таҳлилҳо пешниҳод шуда, вобаста ба моҳияти онҳо маълумот оварда шудааст.*

*Инчунин, дар мақола чаҳор намуди диверсификатсияи корхонаҳои саноатӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, хусусиятҳои мусбат ва манфии онҳо мушаххас таҳлил карда шудааст. Дар мисоли корхонаҳои мушаххаси ҷумҳурӣ, афзалиятҳо ва нуқсонҳои стратегияҳои интихобшуда номбар карда шудааст. Мақола бо хулосаи муаллиф оид ба сабабҳои интихоби намудҳои диверсификатсия барои таъмини рушди устувори корхонаҳои саноатӣ, далелҳои истифодаи намудҳои диверсификатсия дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъбаст карда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *рушди устувори корхонаҳои саноатӣ, диверсификатсия, диверсификатсияи уфуқӣ, диверсификатсияи амудӣ, диверсификатсияи конгломератӣ, диверсификатсияи консентрикӣ.*

**Sangin Ilhom**

## DIVERSIFICATION AS A FACTOR OF SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF INDUSTRIAL ENTERPRISES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Tajik state university of law, business and policy**

*The article shows the relevance of ensuring sustainable development of industrial enterprises to ensure the industrialization of the national economy of the Republic of Tajikistan. Within the framework of the research, 4 approaches to ensuring sustainable development of enterprises have been systematized.*

*The article examines 4 types of diversification of industrial enterprises, analyzes their positive and negative features. On the example of specific enterprises of the republic, the article examines the advantages and disadvantages of the selected strategies of diversification.*

*The article is summarized by the author's conclusion on the reasons for choosing the types of diversification, argumentation of the use of types of diversification in the conditions of the Republic of Tajikistan.*

***Keywords:*** *sustainable development of industrial enterprises, diversification, horizontal diversification, vertical diversification, conglomerate diversification, concentric diversification.*

***Сведения об авторе:***

***Сангин Илхом*** *– соискатель кафедры “Экономика предприятий и региона” Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики. E-mail: s.ilhom@rambler.ru*

УДК 31 (575.3) Маъруфов А. М.

# БАЪЗЕ АЗ МАСЪАЛАҲОИ АҲАМИЯТНОКИИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ ДАР РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ КИШВАР

**Институти иқтисодиёт ва демографияи**
**Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*Дар мақола мафҳум ва мазмуни «иқтисодиёти рақамӣ» равшан гардида, аҳамиятнокии амалӣ гардидани он дар рушди иқтисод ва иҷтимоиёти муосир мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *иқтисодиёти рақамӣ, рақамикунонӣ, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, соҳаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, иқтисодиёти иттилоотӣ, технологияҳои рақамӣ, бизнес-ҷараёнҳо, ҳосилнокӣ, бозорҳо.*

Дар асри муосир, ки асри компютеркунонӣ ва технологияҳои пешрафта номида мешавад, иқтисодиёти рақамӣ ба тамоми соҳаҳо роҳ меёбад: тандурустӣ, маориф, интернет-банкинг, соҳибкорӣ, бонкдорӣ, истеҳсолот ва ғайра. Иқтисодиёти рақамӣ дар ҳамаи мамлакатҳои мутараққӣ дар ҳолати инкишофёбӣ қарор дорад. Дар ҳалли масъалаҳои ҳамгироии иқтисодии ҷумҳурии мо ба хоҷагии ҷаҳонӣ, истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир, таъмини чор ҳадафи стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон - таъмини истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бумбасти коммуникатсионӣ, таъмини истиқлолияти озуқаворӣ, саноатикунонии мамлакат - иқтисодиёти рақамӣ нақши ҳалкунанда мебозад.

Дар шароити муосир прогресси илмӣ-техникӣ ба эволютсияи муносибатҳои хоҷагидорӣ, ки ба соҳаи иттилоотӣ гузаштанд ва ё иҷрои онҳо аз ҳисоби рушди технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ таъмин карда мешавад, мусоидат намуд. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки гузариш аз иқтисодиёти анъанавӣ ба иқтисодиёти рақамӣ бо суръати баланд ба амал меояд, ки зимнан истифодаи технологияҳои рақамӣ дар ҷараёни амалӣ кардани муносибатҳои хоҷагидорӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт фаҳмида мешавад [6].

Мафҳуми «рақамикунонӣ» аз нигоҳи фаҳмиши васеи он, маънои ба тариқи афзоиши бесобиқаи технологияҳои рақамӣ, истифодаи васеъи интернет ва технологияи истифодаи ҳамаҷонибаи онро дорад. Бори аввал мавҳуми «иқтисоди рақамӣ» ва зарурати истифодаи васеи он чун шарти асосии ҷаҳонишавӣ тавассути чунин як рӯйдоди аҳамияти ҷаҳонидошта солҳои 1970 ҳам аз ҷониби намояндагони ҷаҳони сотсиалистӣ мавриди назар ва баррасӣ гардидааст [6,7]. Аммо ба тариқи ҷиддӣ чун омили рушди иқтисод ё ҳиссаи «иқтисоди рақамӣ» ё худ маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва ё чун ҳиссаи он дар рушди саноат хеле баъдтар мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. Масалан, нишондиҳандаи «Ҳиссаи иқтисоди рақамӣ ва саноат дар сохтори шуғл» дар ШМА яке аз нишондиҳандаҳои арзёбии сатҳи рушди минтақа ва ё кишвари алоҳида мебошад [8,9].

Мафҳуми рақамикунонӣ имрӯз ҷараёни мутобиқшавӣ ва зиёд шудани истифодаи технологияҳои рақамӣ ва компютериро дар фаъолияти хоҷагидории корхонаҳо, хоҷагиҳои хонаводагӣ, соҳаҳои иқтисодиёт ва ё умуман иқтисодиёти миллӣ дар бар мегирад.

Мафҳуми «иқтисодиёти рақамӣ», ё худ «рақамикунонӣ) бори аввал аз ҷониби олими америкоӣ Николас Негропонте аз Донишгоҳи Массачуси ИМА муайян шудааст [7]. Минбаъд аз ҷониби олимони рус чунин мафҳум такмил дода шудааст. Зиёда аз ин дар Стратегияи рушди ҷомеаи рақамии Россия барои солҳои 2017-2030 ва Фармони Президенти Федератсияи Россия аз 09.05.2017 №203 тасдиқ шуда, мафҳуми «иқтисодиёти рақамӣ чунин шарҳ дода мешавад: «Иқтисодиёти рақамӣ - ин фаъолияти хоҷагидориест, ки дар он омили калидии истеҳсолот, маълумот дар намуди рақамҳо, коркарди ҳаҷми калони маълумот ва истифодаи натиҷаҳои таҳлил мебошад, ки дар муқоиса бо шаклҳои анъанавии хоҷагидорӣ имкон медиҳад самаранокии намудҳои

гуногуни истеҳсолот, технологияҳо, таҷҳизот, нигоҳдошт, фурӯш, таҳвили молҳо ва хизматрасониҳо хело баланд бардошта шавад» [1].

Ҳамин тариқ, мавҳуми «рақамикунонӣ» маънои гузариш ба иқтисодиёти рақамиро дорад.

Иқтисодиёти рақамӣ фаъолияти иқтисодӣ мебошад, ки дар он омили асосии истеҳсолот маълумоти рақамӣ мебошад, коркарди ҳаҷми калон ва истифодаи натиҷаҳои таҳлили онҳо дар муқоиса бо шаклҳои анъанавии идоракунӣ метавонад самаранокии намудҳои гуногуни истеҳсолот, технологияҳо, таҷҳизотро баланд бардорад , нигоҳдорӣ, фурӯш, таҳвили молҳо ва хидматҳо.

Технологияҳои нав нишонаи аз ҳама намоёни тағйироти низоми иқтисодӣ буда, онҳоро аксар вакт драйвери (муҳофизи) рушди иқтисодиёт меноманд. Ғояи асосии чунин андешаҳо дар он ифода меёбад, ки афзун шудани ҳаҷми технологияҳои инноватсионӣ дар самти коркард ва пешниҳоди маълумот ба азнавсозии муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ оварда мерасонад.

Бисёр тадқиқотчиён, аз ҷумла каминаи камтарин низ бар он назаранд, ки навовариҳои технологӣ, баробар ба навоварӣ дар технологияҳои компютерӣ тавонистанд соҳаи телекоммуникатсияро дигаргун сохта, ин технологияҳоро муттаҳид кунанд, ки натиҷаи он рушди чунин хизматрасониҳо мебошад: почтаи электронӣ, пешниҳоди маълумот дар намуди матн, файлҳои аудиоӣ ва видеоӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, мессенджерҳо, тамоми намудҳои ҳисоби математикӣ ва ғайра.

Паҳн шудани технологияҳои рақамӣ сабаби муҳокимаи масъалаҳо дар бораи ташаккули муносибатҳои нави иҷтимоӣ-иқтисодӣ, иқтисодиёти рақамӣ мегардад.

Иқтисодиёти рақамӣ дар доираи принсипҳои амалкунандаи ташкили идоракунии ҷараёни татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионии мавҷуда, аз ҷониби корхонаву ташкилотҳо, ба самтҳои бешумори иқтисодиёти субъектҳо (баҳисобгирии воситаҳои асосӣ, арзишҳои моддӣ, ҳайати шахсӣ, хароҷот, ташаккули фоида ва ғайра) ворид шуда, ба чунин муносибатҳои гуногунпаҳлу таъсир мерасонад: робитаи тарафайни бонкӣ; савдои чакана; хариду фурӯши маҳсулоти истеҳсолшуда; иштирок дар логистика, яъне дар ҷараёни идоракунии селаҳои моддӣ, иттилоотӣ ва инсонӣ; таҳлили ҳолати маркетинг ва менеджмент.

Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ усулҳои таъсири тарафайни иҷтимоӣ ва муносибатҳои шахсиро тағйир медиҳанд ва дар баробар шабеҳи ҳам гардидани шабакаҳои идоравӣ, мобилӣ ва шунавонанда, дастгоҳҳо ва асбобҳое, ки барои ташаккули хазинаи маълумоти интернетӣ бо ҳам хело наздик пайваст шудаанд, ба вуҷуд меоянд.

Соли 1995 информатики амрикоӣ Николас Негропонте (донишгоҳи Массачусет) мафҳуми «иқтисодиёти рақамӣ»-ро мавриди истифода қарор дод. Имрӯз ин мафҳум дар тамоми ҷаҳон истифода шуда, он ба таомули сиёсатмадорон, соҳибкорон, журналистон ворид гардидааст. Дар соли гузашта яке аз маърӯзаҳои асосии Бонки ҷаҳонӣ ба ҳисобот оиди ҳолати иқтисодиёти рақамӣ дар ҷаҳон бахшида шуда буд (маърӯза бо номи «Бахраҳои рақамӣ» нашр шуд). Вале то ҳанӯз мазмуни мафҳуми «иқтисодиёти рақамӣ» обшуста боқӣ монда, таърифи аниқи дар маърӯзаи Бонки ҷаҳонӣ низ дида намешавад [7, 8].

Юдина Т.Н. навиштааст, ки мафҳуми иқтисоди рақамӣ бо рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, ибтидои ҷараёни иттилоотикунонии насли дуюм алоқаманд мебошад. Дар ҳақиқат ҳамаи соҳаҳои фаъолияти ҳаётӣ (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ғайра) то ин ё он дараҷа маҳз ба шарофати пайдоиш ва рушди технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ тағйир ёфтааст [7].

Қисми зиёди соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёти миллӣ, махсусан, молия, савдо, инчунин мошинсозӣ, кишоварзӣ, сохтмон, нақлиёт, алоқа, тандурустӣ, маориф ва ғайра ба иқтисодиёти электронӣ ва рақамӣ ворид мешаванд [5]. Юдина Т.Н. қайд кардааст, ки технологияи рақамӣ дар ҷаҳони муосир дар самтҳои техникӣ-иқтисодӣ ва соҳаҳои иқтисодиёт мавқеи ҳукмронро ишғол намуда, ҳамаи соҳаҳои фаъолияти хоҷагидориро дар бар мегирад [6].

Евтянова Д.В., Тиранова М.В. дар зери мафҳуми иқтисоди рақамӣ идоракунии автоматикунонидашудаи хоҷагиро дар асоси технологияҳои пешқадами иттилоотӣ, инчунин, тарзи идоракунии самараноки иттилоотии истеҳсолотро мефаҳманд [2]. Дар ин таъриф муаллифон нишон медиҳанд, ки муҳимтарин қисми таркибӣ дар доираи иқтисодиёти иттилоотӣ сатҳи кифояи технологияи истифодашаванда мебошад, ки муносибати байни субъектҳои ҳаёти хоҷагидориро тағйир дода, бартариро ба технологияҳои рақамӣ медиҳад.

Васильев Н.В. дар мақолаи «Иқтисодиёти рақамӣ, фарзия ва воқеият» се қисми асосии таркибии иқтисоди рақамиро ҷудо кардааст [7]:

- инфрасохтор, ки воситаҳои идоракунӣ, таъминоти барномавӣ, телекоммуникатсия ва ғайраро дар бар мегирад;
- амалиёти электронӣ, ки бизнес-ҷараёнҳои тавассути шабакаҳои компютерӣ дар доираи робитаи фаъоли тарафайни байни субъектҳои бозор татбиқшавандаро дар бар мегирад;
- тиҷорати электронӣ, ки маънои таҳвили молҳоро ба воситаи интернет фаҳмонида, дар шароити муосир калонтарин қисми иқтисодиёти рақамӣ ба шумор меравад.

Аввалан, зарур аст таърифи маъмули иқтисодиёти «ба ҳам монанд»-ро ба хотир орем: ин фаъолияти хоҷагидории ҷамъиятӣ, инчунин маҷмӯи муносибатҳоест, ки дар системаи истеҳсол, тақсимот, мубодила ва истеъмол ба вуҷуд меоянд. Истифодаи компютер, интернет ва телефонҳои мобилиро аллакай ҳамчун «истеъмол» фаҳмидан мумкин аст. Дар чунин ҳолат иқтисодиёти рақамӣ ҳамон қисми муносибатҳои иқтисодие мебошад, ки бо Интернет, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, алоқаи шарикӣ робитаи ғайримустақим дорад.

Ҳамин тавр, иқтисодиёти рақамӣ имконияти хело хуб дорад, ки аз иқтисодиёти «ба ҳам монанд» хеле пеш гузарад.

Яъне, қайд кардан мумкин аст, ки мафҳуми иқтисодиёти рақамӣ ҳамаи он чиро, ки ба шаклпарастӣ, яъне табдилёбӣ ба нақшаи мантиқӣ алоқаманд аст, дар бар мегирад. Ҳаёт бошад худаш имкони ба системаи истеҳсол, тақсимот, мубодила ва истеъмол ворид шудани иқтисодиёти рақамиро пайдо менамояд. Ба андешаи мо, иқтисодиёти рақамӣ - маҷмӯи муносибатҳои иқтисодии рақамӣ байни объектҳои рақамӣ (объектҳое, ки дар фазои рақамӣ фаъолият мекунанд) ба шумор меравад. Ё худ, иқтисодиёти рақамӣ - фаъолияти иқтисодиест, ки дар натиҷа ва асоси татбиқи ҳамаҷонибаи технологияҳои иттилоотии рақамӣ дар ҷараёнҳои истеҳсолӣ, идоракунӣ, фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ғайра бо мақсади таъмини манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рақобатпазирии иқтисодиёти мамлакат ташкил шудааст.

Аҳамиятнокии рушди иқтисодиёти рақамӣ ва нишондиҳандаҳои арзёбии сатҳи таъсирнокӣ ва рушди он на танҳо дар сатҳи кишвар ва ё минтақа, балки дар сатҳи корхона, воҳиди истеҳсолкунанда бештар мавриди истифода қарор дода мешавад, чун барои баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва самаранокӣ, пардохтпазирии он ва рейтинги харидории таъсири бевосита дорад. Амалан, сухан аз он аст, ки рейтинг, ё худ нуфузи корхона чӣ истеҳсолӣ бошад ва ё бонки тиҷоратӣ бошад, аз ҷойивазкунии он дар бозори инвеститсионӣ вобаста аст ва он низ аз сатҳи истифодаи технологияи рақамӣ дар шароити муосир вобастагии амиқ дорад (ҷадвали 1).

Сударушкина И.В. ва Стефанова Н.А. ба мафҳуми иқтисодиёти рақамӣ чунин таъриф додаанд: натиҷаи шаклдигаркунии самараи технологияҳои нави таъиноти умумӣ дар соҳаи иттилоот ва алоқа мебошад, ки ба ҳамаи бахшҳои иқтисодиёт ва фаъолияти иҷтимоӣ таъсир мерасонад [4]. Ҳамин тавр, ба ақидаи ин муаллифон иқтисодиёти рақамӣ ғайр аз фаъолияти хоҷагидорӣ, инчунин, ҳаёти иҷтимоиро низ дар бар мегирад.

**Ҷадвали 1.**

**Самтҳои баланд бардоштани ҳосилнокӣ дар корхона дар натиҷаи истифодаи технологияҳои рақамӣ** [5]

| № | Самтҳои баланд бардоштани ҳосилнокӣ | Тавсиф |
|---|---|---|
| 1 | Мувофиқсозии ҷараёнҳо | Технологияҳои рақамӣ самаранокии идоракуниро ба воситаи ҳалқаи ташаккули арзиш дар корхона баланд мебардоранд. |
| 2 | Рухсат ба бозорҳои нав | Зиёд шудани имконияти гирифтани рухсат ва ишғоли ҷойҳои алоҳида. Имконияти ба таври глобалӣ ишғол кардани бозорҳо. Автоматикунонии тадқиқи маълумот дар бораи талаботи мизоҷон. |
| 3 | Маҳсулоти инноватсионӣ | Баланд гардидани самаранокии ҷараёнҳои тадқиқотӣ дар соҳаҳои маркетинг, реклама ва пешниҳоди маҳсулот. Моделҳои нави идоракунии ҷараёнҳо. Усулҳои нави муносибати тарафайн бо мизоҷон. |
| 4 | Зиёд намудани фаъолии касбӣ | Рушди корҳои дур аз объект ва машғул шудан ба технологияҳои иттилоотӣ. Тахассуснокшавӣ ҳамчун қисми ҷараёни технологӣ. |

Ба андешаи мо, иқтисодиёти рақамӣ на танҳо ҷараёни ташкили фаъолияти истеҳсолӣ ва ё дигар намуди фаъолиятро бо мақсади гирифтани фоида, балки тарзи ҳаёти фарди алоҳида ва ё гурӯҳи фардҳоро низ дар бар гирифта, онро тағйир медиҳад. Мисол, рушди воситаҳои глобалии алоқа робитаи овозӣ ва видеоиро дар ҳамаи нуқтаҳои ҷаҳон, ки он ҷо интернет ҳаст, таъмин намуда, бо ин роҳ барои зиёдтару беҳтар намудани алоқа байни одамон ва рушди муносибатҳои гуногуни онҳо мусоидат менамояд. Тағйирёбии бозори меҳнат ба амал омада, зарурат ба муносибати наздик аз байн меравад, яъне одамон бо истифодаи технологияҳои рақамӣ бо ҳам дар алоқа мешаванд. Соҳаҳои нави фаъолият ва фароғату истироҳати фард рушд меёбанд, ки ба ташаккули соҳаҳои нави фаъолият, бозорҳо ва дигар навигариҳо оварда мерасонад [10].

Ба андешаи мо, ҷабҳаҳои асосӣ ва мубрамияти иқтисодиёти рақамӣ бо унсурҳои зерин асоснок карда мешаванд:

- истифодаи технологияҳои рақамӣ ва компютерӣ дар фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолияти хоҷагиҳои хонаводагӣ, корхонаву ташкилот ва давлат;
- чизи асоситарине, ки фаъолияти иқтисодиёти рақамиро таъмин мекунад, интернет мебошад;
- омили калидии мубодила байни субъектҳои муносибатҳои гуногун, ба воситаи интернет иттило ба шумор меравад;
- барои фаъолияти иқтисодиёти рақамӣ рушди инфрасохтори рақамӣ зарур аст, ки ба воситаи он таҳвил ё супоридани иттилоъ ба амал меояд;
- ба воситаи истифодаи технологияҳои маълумоти калон тағйирёбии доимии иттилоъ ба таври мустақим сурат мегирад;
- ба воситаи истифодаи технологияҳои рақамӣ бартарафсозии монеаҳои ҷуғрофӣ дар ҷараёни амалисозии алоқа, мутобиқатсозӣ ва дигар намудҳои робитаи тарафайн байни субъектҳои муносибатҳои гуногун ба амал меояд;
- истифодаи технологияҳои рақамӣ ба автоматикунонии ҷараёнҳои хоҷагидорӣ ва паст кардани нақши одам дар ин ҷараёнҳо оварда мерасонад;
- мутобиқсозии «мизоҷ-ширкат-давлат» ба фазои виртуалӣ мегузарад;
- технологияҳои иттилоотӣ ба пайдоиши бозорҳо дар фазои виртуалӣ ва паст шудани нақши бозорҳо дар шакли моддӣ мусоидат мекунанд.

Мо чунин мешуморем, ки иқтисодиёти рақамӣ - ин ворид шудани технологияҳои рақамӣ ба ҳамаи самтҳои ҳаёти хоҷагидорӣ ва иҷтимоии ҷомеа буда, имкон медиҳад, тавассути интернет, бо истифодаи воситаҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, ҳар гуна

маълумот ба таври мустақим интиқол дода шуда, ҳамаи амалиёти хоҷагидорӣ, новобаста аз мавқеи ҷуғрофии ҷойгиршавии субъектҳои муносибатҳои хоҷагидорӣ амалӣ карда шавад.

Технологияҳои рақамӣ қариб ба тамоми самтҳои ҳамарӯзаи ҳаёт ва бизнес ворид шуда, аз бисёр ҷиҳат ба интизорӣ ва муносибати истеъмолкунандагон, рақобати озоди бозорӣ таъсир расонида, инчунин ба таҳия ва татбиқи бизнес-моделҳои нави хоҷагидорӣ мусоидат менамоянд. Дар ҳисоботи Accenture Technology Vision барои соли 2016 қайд гардидааст, ки ҳиссаи бизнес, ки ба технологияҳои рақамӣ асос ёфтааст, дар соли 2020 ба 25% аз шумораи умумӣ дар ҷаҳон баробар хоҳад шуд [3].

Барои ҳамаи иштирокчиёни ҷараёни иқтисодӣ, аз ҷумла, дар соҳаҳои ифрасохтор, соҳаҳои иҷтимоиёт ва дигар соҳаҳо, таъмини бехатарии таҳия, таҳвил, коркард ва нигоҳ доштани маълумот аҳамияти муҳим дорад, ки зарурати баҳисобгирии хавфҳо ва рушди технологияҳоро дар самти таъмини бехатарии кибернетикӣ ба миён меорад.

***Адабиёт***

*1. Стратегия развития информационного общества в России на 2017-2030 годы, утвержденная Указом Президента РФ от 09.05.2017 № 203,*

*2. Евтянова Д.В., Тиранова М.В. Цифровая экономика как механизм эффективной экологической и экономической политики // Науковедение. - 2017. - Т. 9. - №6. - С. 127-136.*

*3. Мальцев А.Ю. Цифровая экономика // Экономика и социум. - 2018. - №1 (44). - С. 98-106.*

*4. Сударушкина И.В., Стефанова Н.А. Цифровая экономика АНИ: экономика и управление. - 2017. - Т. 6. - № 1(18). - С. 247-254.*

*5. Устинова Л.Н. Роль цифровых технологий в эффективной работе инновационного кластера // Инновационные кластеры в цифровой экономике: теория и практика: труды научно-практической конференции с международным участием, 17-22 мая 2017 года / под ред. д-ра экон. наук, проф. А.В. Бабкина. - СПб.: Изд-во Политехн. ун-та, 2017. - 592 с.*

*6. Юдина Т.Н. Осмысление цифровой экономики // Теоретическая экономика. - 2016. - №3. - С. 145-156.*

*7. https://www.bigdataschool.ru.*

*8. Определение и измерение цифровой экономики. Подготовлено Бюро экономического анализа Соединенных Штатов Америки. Европейская экономическая комиссия. Конференция европейских статистиков Группа экспертов по национальным счетам, Восемнадцатая сессия, Женева, 10–12 апреля 2019 года, пункт 7 предварительной повестки дня, Текущие исследования в области цифровизации.*

*9. Цифровая Повестка Евразийского экономического союза до 2025 года: перспективы и рекомендации. Обзор на сайте https://documents.worldbank.org/curated/en/413921522436739705/pdf/EAEU-Overview-Full-RUS-Final.pdf.*

*10. Бабаджанов Р.М. Институциональные основы формирования цифровой экономики в Республике Таджикистан // Экономика Таджикистана. 2019. № 1. С. 159-162.*

**Маруфов А.М.**

## НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ЗНАЧЕНИЯ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ В СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОМ РАЗВИТИИ СТРАНЫ

**Институт экономики и демографии**

**Национальной академии наук Республики Таджикистан**

*В статье уточняются понятие и содержание «цифровой экономики» и обосновывается важность ее реализации в развитии современной экономики и социальной сферы страны.*

***Ключевые слова:*** *цифровая экономика, цифровизация, информационно-коммуникационные технологии, сферы хозяйственной деятельности, информационная экономика, цифровые технологии, бизнес-процессы, производительность, рынки.*

**Marufov A.M.**

## SOME ISSUES OF THE IMPORTANCE OF THE DIGITAL ECONOMY IN THE SOCIO-ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE COUNTRY

**Institute of economics and demography of the National academy of sciences of Tajikistan**

*The article clarifies the concept and content of the "digital economy" and substantiates the importance of its implementation in the development of the modern economy and social sphere of the country.*

***Key words:*** *digital economy, digitalization, information and communication technologies, spheres of economic activity, information economy, digital technologies, business processes, productivity, markets.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Маъруфов Абдуқаҳҳор Маъруфович*** *- аспиранти Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон,*

*E-mail.Abdulqahhor91@mail.ru.*

УДК:339.16

**Раҳимов Ф.С.**
**Бобомуродов П.У.**

# МАСЪАЛАҲОИ АРЗЁБИИ ТИҶОРАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ЧУН ШАКЛИ НАВИ ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДӢ

**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

*Дар мақола масъалаҳои назариявии тиҷорати электронӣ ва нақши он дар низоми иқтисоди бозорӣ ҳамчун шакли нави фаъолияти иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.*

***Калидвожаҳо:*** *тиҷорати электронӣ, иқтисодиёт, иттилоот, интернет-савдо, рақамикунонӣ, саноати иттилоотӣ, иқтисодиёти рақамӣ.*

Ҳолати муосири рушди иқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ аз рушди инноватсияҳо ва татбиқи онҳо дар бахшҳои гуногуни иҷтимоӣ-иқтисодӣ вобастагии зич дорад. Давлате, ки дар соҳаи иқтисодиёт технологияҳои нави иттилоотию коммуникатсиониро самаранок истифода мебарад, роҳҳои самараноки идоракунӣ, муносибат ва робитаҳои хориҷӣ пайдо мекунад, ки ин метавонад ба рушди иқтисодиёти миллӣ таъсири мусбӣ расонад. Истифодаи мунтазами технологияҳои иттилоотӣ барои шаклгирии фаъолияти хоҷагидорӣ, аз ҷумла тиҷорати электронӣ, таъмини талабот ба маҳсулот, хизматрасонӣ, қувваи корӣ ва ислоҳоти сиёсӣ саҳми беандоза дорад, ки ин аз прогресси илмӣ-техникӣ маншаъ мегирад.

Ҳарчанд, ки мавзуи мазкур дар таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон ҳалли худро ёфта бошад ҳам, аммо таҳқиқ ва омӯзиши он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти актуалӣ дошта, истифодаи таҷрибаи давлатҳои хориҷ барои таъмини ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти электронӣ, ки ба яке аз ҳадафҳои навбатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне рушди иқтисодиёти рақамӣ мусоидат менамояд, аҳамияти зарурӣ дорад.

Шабакаи иттилоотии иқтисодӣ ба таҷрибаи кишварҳои пешрафта ба мисли Амрико, Ҷопон, Чин, Германия ва м.и. асос ёфта, ба иқтисоди баъдисаноатӣ ва ба ҷомеаи иттилотӣ табдил ёфтааст[1, с.107]. Асоси ин гуна иқтисодиёти иттилоотиро саноати иттилоотӣ ном мебаранд, ки дар ин фазо асоси тиҷоратро иттилоот ташкил медиҳад. Тибқи таърифҳои пешниҳоднамудаи олимони соҳа «саноати иттилоотӣ (Information industry) – ин истеҳсоли васеи намудҳои гуногуни мол ва хадамоти иттилоотӣ дар асоси технологияҳои навтарини компютерӣ мебошад. Саноати иттилоотӣ аз ду қисмати асосӣ, яъне истеҳсоли технологияҳои иттилоотӣ ва истеҳсоли иттилоот иборат мебошад»[9].

Аз ин хотир қайд намудан ба маврид аст, ки гузариши инсоният аз ҷомеаи саноатӣ ба ҷомеаи иттилоотӣ зарурати иваз гардидани технологияи саноатӣ ба технологияи иттилоотиро ба вуҷуд меорад. Истеҳсолот ғайримоддӣ мешавад ва дар ивази маҳсулоти хом захираҳои иттилотӣ ва дониш ба миён меоянд, ки ҳамаи ин бо мафҳумҳои тиҷорати электронӣ, шабакаи иқтисодӣ, хадамоти электронӣ, иқтисоди иттилоотӣ, ва м.и. ҳамрадиф мебошанд.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва муносибатҳои иқтисоди бозорӣ рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ фазои фаъолияти иқтисодиро тавассути интернет, ки дар асоси принсипҳои иқтисоди шабакавӣ асос ёфтааст, дигаргун сохтааст. Дар муқоиса бо иқтисоди анъанавӣ, ки дорои хусусияти миллӣ мебошад, иқтисоди шабакавӣ характери глобалӣ дорад. Он ба таври чашмрас шумораи таъмингарон, фармоишгарон, шарикон ва рақибонро меафзоянд, ки дар натиҷаи бавуҷудоии ин омилҳо сатҳу сифати хизматрасонӣ ба мизоҷон ва маҳсулотҳои истеҳсолшаванда баланд мегардад.

Рушди тиҷорати электронӣ дар ҳар кишвар аз бисёр омилҳо вобастагӣ дорад. Аммо нишондиҳандаҳои асосӣ, ин ҳаҷми сармоягузорӣ дар соҳаи телекоммуникатсия,

миқдор ва сифати компютерҳои истифодашаванда дар саноати иттилоотӣ, инчунин шумораи истифодабарандагони шабакаи интернет мебошад. Вобаста ба ин бояд қайд намуд, ки «дар соли 2018 шумораи истифодабарандагони шабакаи интернет дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 млн. 500 ҳазор нафарро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2010 2,9 маротиба зиёд мебошад»[8]. Ин тамоюли рушд шаҳодат аз он медиҳад, ки сол то сол бо таъсири омили ҷаҳонишавӣ аҳолии Тоҷикистон низ мавқеи худро дар шабакаи интернет ишғол намуда истодаанд, ки ин муносибати онҳо ба рушди бозори электронии ватанӣ аз ҷумла тиҷорати электронӣ таъсири назаррас дорад.

Тиҷорати электронӣ – «ин нишон додани фаъолияти тиҷоратӣ дар шабакаи Интернет мебошад. Тиҷорати электронӣ як намуди нави фаъолияти иқтисодие мебошад, ки барои харидорӣ, фурӯш, хизматрасонӣ, гузаронидани ҷамъомадҳои маркетингӣ бо истифода аз шабакаҳои компютерӣ имконият фароҳам меоварад»[3, с.8]. Агар таърихи тиҷорати электрониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида намоем, пас маълум мегардад, ки ин намуди фаъолият аз соли 2000-ум инҷониб дар мамлакат арзи ҳастӣ дорад. Яъне аввалин хизматрасониҳо ва ё фурӯши молҳо тавассути интернет-мағозаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2000 пайдо гардида буданд ва дар ин давра шумораи начандон зиёди фирмаву ташкилотҳо иштирокчии ин фазои электронии иқтисодӣ буданд.

Муҳаққиқ Шамсов И.С., ки вобаста ба масъалаи рушди иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадқиқоти илмӣ мебарад, қайд менамояд, ки «ҳарчанд инфрасохтори иттилоотии Тоҷикистон дар марҳилаҳои ташаккулёбӣ қарор дорад, аммо ин маънои онро надорад, ки рушди тиҷорати электронӣ дар мамлакат мавқеи худро аз даст медиҳад. Ширкатҳои ватанӣ барои такмили шабакаҳои иттиҳодиявӣ (корпоративӣ) бояд кӯшишҳои назаррас намоянд, чунки бе онҳо тараққиёти ояндаи бизнеси электронӣ мушкил мегардад»[5, с.86]. Яъне ин гуфтаҳо далолат аз он мекунад, ки таъмини рушди тиҷорати электронӣ аз татбиқи босуръати ТИК дар ин соҳа ва муносибати инноватсионии корхонаву ташкилотҳои ватанӣ вобастагӣ дорад.

Назария ва амалияи илми иқтисодиёти электронӣ муайян намудааст, ки тиҷорати электронӣ дорои хусусиятҳои зерин мебошад[6, с.30]:

- бастани шартномаҳо ва контрактҳо;
- идоракунии электронии харидҳо;
- истеҳсоли молҳои рақамӣ;
- ташкилкунӣ ва коркарди фармоишҳо, фурӯш;
- расонидани мол;
- таҳлили маркетингӣ;
- таҳлили молиявӣ;
- пардохтҳои электронӣ;
- ҷустуҷӯи мутахассисон;
- дастгирии мизоҷон;
- дастгирии муносибатҳои ҳамкорӣ.

Ҳарчанд, ин хусусиятҳо характери глобалӣ дошта бошанд ҳам, аммо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши онҳо хело мушкил аст. Чунки вобаста ба масъалаи таҳқиқшаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон мақомот ва ё идора рақамҳои омории расмӣ пешниҳод намекунанд. Бинобар ин мо пешниҳод менамоем, ки барои муайян намудани вазъи кунунии тиҷорати электронӣ дар ҷумҳурӣ, маълумот дар бораи ҳаҷми гардиши мол дар бозори электронӣ, хизматрасониҳои электронӣ, пардохтҳои электронӣ ва танзими бозори электронии меҳнат дар «Омори солона»-и Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда шавад.

Ҳамчунин, агар хусусиятҳои дар боло овардашудаи тиҷорати электрониро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида намоем, пас маълум мегардад, ки ҳамаи ин хусусиятҳои тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзи ҳастӣ доранд. Масалан, яке аз бонкҳои инноватсионии Тоҷикистон "Алиф Бонк" хизматрасониҳои

худро тавассути сомонаҳои расмии худ « www.alif.shop.tj; www.online.alif.tj; www.alif.tj ва м.и.» барои мизоҷон пешниҳод менамояд. Ин бонк анҷомдиҳии амалиётҳои бастани шартномаҳо, ҳама гуна пардохтҳо, интиқоли маблағ, идоракунии суратҳисоби бонкӣ, харидории мол ва хизматҳо, гирифтани қарз, кушодани суратҳисоби бонкӣ, дастрас намудани корти бонкӣ ва м.и. дар шакли электронӣ пурра ба мизоҷон пешниҳод менамояд. Мисоли дигар шуда метавонад, сомонаи расмии www.Somon.tj, ки яке аз тахтаи электронии эълонҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар ин сомона ҳама гуна шахсон новобаста аз шакли моликият мол ва хизматҳоро барои ҳамдигар пешниҳод менамоянд ва дар натиҷа дар ин бозори электронӣ амалиётҳои хариду фурӯш тавассути электронӣ анҷом меёбад, ки ифодакунандаи хусусиятҳои тиҷорати электронӣ мебошад. Ингуна мисолҳоро дар шароити Тоҷикистон гирд орем, хело зиёд ҳастанд, аммо ба ҳамаи ин муваффақиятҳо набояд қаноатманд гардид, мо бояд кӯшишҳои худро вобаста ба ҳалли ин масъала боз ҳам бештар намоем.

Маълум аст, ки шабакаи иқтисодӣ – ин фаъолияти хоҷагидорие мебошад, ки ба воситаи шабакаҳои электронии вуҷуддошта ба роҳ монда мешавад. Ин сифатан як навъи шакли идоракунӣ, ки аз фармонӣ-иеархӣ ва шакли бозории идоракунии фаъолияти тиҷоратӣ иборат аст. Шабакаи иқтисодӣ ҳамчун манба барои тиҷорати электронӣ ҳисоб меёбад. Ташкилкунандаи асосӣ, ки тиҷорати электронӣ ба ҳисоб меравад, бе шабака вуҷуд дошта наметавонад.

Рушди иттилоотӣ ва технологияҳои телекоммуникатсионӣ барои фаъолияти иқтисодӣ дар интернет мусоидат намуда, роҳҳои нави ҳамкории ширкатҳоро бо шарикони тиҷоратӣ ва мизоҷон ба вуҷуд овардааст. Бинобар ин имрӯз фаъолияти иқтисодӣ дар интернет ба ҳамагон дастрас аст. Имрӯзҳо ҳар як нафар интернетро чун як воситае истифода мекунад. Яке дар он иттилооти заруриро ҷустуҷӯ мекунад, дигаре иттилоотро паҳн мекунад. Ба яке шабакаи интернет ҳамчун олот барои ба даст овардани фоида хизмат мекунад, ба дигаре бошад, ҳамчун манбаи маълумотӣ ва ё манбаи фароғатӣ мебошад.

Дар айни замон ду роҳи асосии истифодаи интернет дар фаъолияти иқтисодӣ вуҷуд дорад[2, с.12]:

1. Интернет ҳамчун воситаи коммуникатсионӣ, манбаи маълумоти иттилоотӣ, воситаи рекламавӣ ва маркетингӣ барои бурдани тиҷорат (фаъолияти хоҷагидорӣ) бидуни шабакаҳои электронӣ;
2. Интернет ҳамчун олот (инструмент) барои бурдани тиҷорати электронӣ, дар асоси принсипҳои шабакаи иқтисодӣ.

Дар самти якум корхонаҳо шабакаи интернетро бо мақсади ташфиқот ва тарғибот истифода мебаранд. Яъне барои намоиш додани маҳсулоти корхона, сифат ва арзиши он бо мақсади ҷалб намудани мизоҷони зиёд. Дар самти дуввум корхонаҳое дар назар дошта шудаанд, ки онҳо пурра фаъолияти худро тавассути шабакаи интернет бароҳ мондаанд. Яъне амалиёти хариду фурӯш ва пардохти маблағ тавассути интернет сурат мегирад.

**Қабул ва хатми донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ аз рӯи намудҳои таҳсил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, нафар**

| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2018/2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Донишҷӯёне, ки ба муассисаҳои олии касбӣ қабул карда шуданд | 31443 | 38540 | 42693 | 46558 | 51424 | 163,55 |
| рӯзона | 26492 | 31186 | 36025 | 37906 | 40801 | 154,01 |
| ғоибона | 4951 | 7354 | 6668 | 8652 | 10623 | 214,56 |
| Баъд аз хатм аз муассисаҳои маълумоти олии касбӣ ҷавоб шуданд | 30202 | 29504 | 33153 | 38465 | 44606 | 147,69 |
| рузона | 20351 | 20337 | 22581 | 25999 | 27308 | 134,19 |
| ғоибона | 9851 | 4346 | 4937 | 12466 | 17298 | 175,60 |

***Манбаъ:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (чопи расмӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе. 2015, - С.58.*

Аз соли 2014 то 2018 ҳиссаи донишҷӯёни ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ қабулшуда аз 31443 нафар то 51424 нафар ё 63,55% афзун гардид. Дар ин давра шумораи донишҷӯёни қабулшуда дар шӯъбаҳои рӯзона аз 26492 ба 40801 расида, ё

54,01% зиёд шуд. Авҷи афзоиши донишҷӯёни ғоибона ба соли таҳсили 2017/118рост меояд. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки бо тағйир ёфтани шаклҳои таҳсил, дар рафти хониш шумораи донишҷӯёни ғоибона меафзояд. Масалан, агар соли 2014 9851 нафар донишҷӯёни ғоибона хатм карда бошанд, пас дар соли 2018 ин рақам ба 17298 расида, 75,6% зиёд шуд. Коҳиши контингенти донишҷӯёни рӯзона дар муассисаҳои олӣ пеш аз ҳама ба вазъи молиявии онҳо вобаста аст, ки дар баробари таълим ба кор машғуланд. Таносуби донишҷӯёни ғоибона дар шумораи умумии донишҷӯён аз ихтисос ва самти омодасозӣ вобаста аст.

**Ҷадвали 4.**

**Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар минтақаҳо**

| | | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2018/2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | Адади муассисаҳо, воҳид | 38 | 39 | 39 | 39 | 39 |
| | донишҷӯёни онҳо, нафар | 165304 | 176461 | 186914 | 195657 | 209768 |
| Вилояти мухтори куҳистони Бадахшон | Адади муассисаҳо, воҳид | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| | донишҷӯѐни онҳо, нафар | 4250 | 4509 | 4712 | 4765 | 4604 |
| Вилояти Хатлон | Адади муассисаҳо, воҳид | 5 | 5 | 6 | 6 | 6 |
| | донишҷӯѐни онҳо, нафар | 26222 | 28330 | 29453 | 32979 | 37522 |
| Вилояти Суғд | Адади муассисаҳо, воҳид | 7 | 7 | 7 | 7 | 7 |
| | донишҷӯѐни онҳо, нафар | 34166 | 37881 | 40657 | 40046 | 43139 |
| ш. Душанбе | Адади муассисаҳо, воҳид | 24 | 24 | 24 | 24 | 24 |
| | донишҷӯѐни онҳо, нафар | 99005 | 103561 | 109894 | 115042 | 121188 |
| Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | Адади муассисаҳо, воҳид | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| | донишҷӯѐни онҳо, нафар | 1,7 | 2,2 | 2198 | 2825 | 3315 |

**Манбаъ:** *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (нашри расмӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе. 2020, - С.58.*

Имрӯз дар рушди хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳимро рушди муносибатҳои мақомоти танзимкунандаи соҳа бо барномаҳои таҳсилотии давлатҳои пешрафта аз қабили Иттиҳоди Аврупо мебозад. Соҳаи таҳсилот дар доираи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо нақши муҳим мебозад. Ин соҳаро ИА ҳамчун яке аз самтҳои асосии ҳамкориҳои дуҷониба бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Стратегияи Иттиҳоди Аврупо барои Осиёи Марказӣ қайд кард). Аз 251 миллион евро, ки Иттиҳоди Аврупо ба Тоҷикистон дар доираи

барномаи бисёрсолаи нишондиҳанда барои солҳои 2014-2020 ҷудо кардааст, 75 миллион евро барои ҳамкорӣ дар соҳаи маориф ҷудо карда шудааст.

Муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо дар соҳаи маориф дар доираи барномаҳои гуногуни ИА, ки то соли 2014 асосии онҳо Темпус ва Эразмус Мундус буданд, барқарор карда мешаванд. Дар соли 2014, Комиссияи Аврупо ба татбиқи барномаи нави Erasmus + дар доираи лоиҳаи ИА оид ба таълим, омӯзиш, ҷавонон ва варзиш дар солҳои 2014-2020 шурӯъ кард. Барномаи Эразмус + барномаҳои таълимии гузаштаи ИА дар соҳаи таҳсилоти олӣ (Темпус, Эразмус Мундус, Алфа ва Эдулинк) -ро муттаҳид кардааст (10), ки барои таҳкими ҳамкориҳо байни кишварҳои иштирокчии барномаи мазкур пешбинӣ шудааст.

Дар даъвати солҳои 2015-2016 лоиҳаи «Такмили потенсиал дар таҳсилоти олӣ» Тоҷикистон ба 11% дархостҳо аз минтақаи Осиёи Марказӣ (дар маҷмӯъ 80 ариза) ҷалб карда шудааст, ки ин 9 дархостро ташкил медиҳад. Аз ин 9 дархости марбут ба Тоҷикистон, 2-тои он барои маблағгузорӣ интихоб шудааст (1-лоиҳаи муштарак ва 1 лоиҳаи сохторӣ). Дар натиҷа, Тоҷикистон дар доираи лоиҳаи «Такмили иқтидор дар таҳсилоти олӣ» ба ҳисоби миёна дар 9% лоиҳаҳое, ки ба кишварҳои Осиёи Марказӣ нигаронида шудаанд, ширкат меварзад, ки ин нисбат ба натиҷаи миёнаи барномаи Темпус IV хеле камтар аст (сатҳи миёнаи иштирок дар ин барнома 35% -ро ташкил додааст) [4].

**Адабиёт**

*1. Рашидов А. Образование для всех: Оценка на 2000 год по Республике Таджикистан / А. Рашидов. - Душанбе, 2000. - с.121.*

*2. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмӯаи оморӣ). Душанбе, 2019. - с.88.*

*3. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмӯаи оморӣ). Душанбе, 2015. - с.60.*

*4. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (чопи расмӣ). Душанбе, 2015. - с.58.*

*5. Шмулев Г.А., Чернышова И.Г. Особенности образовательных услуг как объект исследования// Вестник высших учебных заведений Черноземья №1(23) 2011, - с.33.*

*6. Государственная программа развития образования Республики Таджикистан на 2010-2015 годы. Душанбе, 2009. - с.53.*

*7. Государственные образовательные стандарты. Душанбе, 2011. - с. 241.*

*8. Джабборов А.А., Хамроев Б.А. Особенности дистанционного обучения в системе образовании (на примере ИЭТ ТГУК) // Вестник ТНУ. - № 2 (34). - с.54-61.*

9. *Закон Республики Таджикистан об образовании (Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2013 г., №7, ст. 532; 2014 г., №3, ст. 156; 2014 г., №7, ч. 2, ст. 422; Законы РТ от 15.03.2016 г., №1295; от 23.07.2016 г., №1346).*

**Мухаков М.А.**

# ЭТАПЫ РАЗВИТИЯ ВЫСШЕГО И ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ В ТАДЖИКИСТАНЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ ЕГО РАЗВИТИЯ С УЧЕТОМ НАЦИОНАЛЬНЫХ ОСОБЕННОСТЕЙ

**Институт экономики и демографии**
**Национальной академии наук Таджикистана**

*Данная статья посвящена научной дискуссии о состоянии и направлениях развития образовательных услуг в Таджикистане. В научном процессе анализа развития профессионального образования сделана попытка раскрыть все его аспекты с практической точки зрения и дать четкую и всестороннюю оценку.*

***Ключевые слова:*** *образовательные услуги, высшее образование, экономическое развитие страны, научно-практическое сотрудничество.*

**Mukhakov M.A.**

**STAGES OF DEVELOPMENT OF HIGHER AND PROFESSIONAL EDUCATION IN TAJIKISTAN AND THE PROSPECTS OF ITS DEVELOPMENT TAKING INTO ACCOUNT NATIONAL SPECIFICATIONS**

**Institute of economics and demography**
**of the National academy of sciences of Tajikistan**

*This article is devoted to a scientific discussion about the state and directions of development of educational services in Tajikistan. In the scientific process of analyzing the development of vocational education, an attempt is made to reveal all its aspects from a practical point of view and to give a clear and comprehensive assessment.*

***Key words:*** *educational services, higher education, economic development of the country, scientific and practical cooperation.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Мухаков Манучехр Амирхонович, -*** *унвонҷӯи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.*

УДК 314.74

Бабаев А. А.
Мирзоева М. У.

# САБАБҲОИ БУДУБОШИ ҒАЙРИҚОНУНИИ МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ ДАР КИШВАРИ ҚАБУЛ ВА ТАДБИРҲО ОИД БА ПЕШГИРИИ АФЗОИШИ ОН

**Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**
**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*Дар мақолаи мазкур масъалаҳои муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва чораҳо ҷиҳати пешгирии ин зуҳурот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Доир ба вазъи муҳоҷирони меҳнатии кишварамон, ки даҳҳо ҳазор нафари онҳо бо сабаби риоя накардани қонунгузории Федератсияи Россия ҳамчун муҳоҷирони ғайриқонунӣ ба рӯйхати "манъшудагон"дохил карда шудаанд ва ҳуқуқ надоранд, ки аз 3 то 5 сол ба ҳудуди ин кишвар ворид гарданд, диққати ҷиддӣ зоҳир карда шудааст. Инчунин, масъалаи муҳоҷирати ғайриқонунии шаҳрвандони хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тадбирҳои Ҳукумати мамлакат оид ба пешгирии ин раванд омӯхта шудааст. Дар бораи таъсис додани ҷойҳои нави корӣ бо маоши арзанда дар дохили кишвар ва бо ин роҳ паст кардани шиддати муҳоҷирати меҳнатии беруна, ки яке аз сабабҳои зиёдшавии шумораи муҳоҷирони ғайриқонунӣ ҳам дар дохили мамлакат ва ҳам дар хориҷа мебошад, фикру ақидаҳо пешниҳод гардидаанд.*

***<u>Калидвожаҳо:</u>*** *муҳоҷирати ғайриқонунӣ, муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ, терроризм, экстремизм, равандҳои муҳоҷират," манъшудагон".*

Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ тайи солҳои охир ба душвориҳои нав дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ дучор гардид, ки он бо баргаштани шумораи зиёди муҳоҷирон ва аъзои оилаи онҳо аз ҳудуди Федератсияи Россия вобастагӣ дорад. Сабаби асосии он, ҳангоми будубош дар қаламрави Россия, риоя накардани қонунгузории ин кишвар ва дар ҳолати муҳоҷирати ғайриқонунӣ қарор доштани шаҳрвандони Тоҷикистон мебошад.

Инчунин, бо сабаби аз тарафи ШМА ва давлатҳои Иттиҳоди Аврупо татбиқ кардани муҷозоти иқтисодӣ нисбати Федератсияи Россия дар соли 2014, вазъияти молиявию иқтисодии ин мамлакат хеле душвор гардид, ки он бевосита ба ҳолату зиндагии муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ дар қаламрави Россия таъсири манфии худро расонида истодааст. Бо мақсади пешгирии муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва ба танзим овардани равандҳои муҳоҷират дар қаламрави Федератсияи Россия соли 2013 дар ин кишвар барномаи автоматикунонидашуда оид ба муайян намудани муҳоҷирони ғайриқонунӣ ва баъдан солҳои 2014 – 2015 ба қонунгузории муҳоҷирати он тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд, ки он будубоши муҳоҷирони меҳнатии хориҷиро дар Россия дучанд вазнину ғайриманфиатдор гардонид.

Ин гуна шароити ба вуҷуд омада шумораи шаҳрвандони хориҷиро, ки қонунгузории муҳоҷирати Федератсияи Россияро вайрон кардаанд, хеле зиёд намуд ва ҳамаи онҳо дар рӯйхати «манъшудагон» дарҷ карда шуда истодаанд. Чунин шаҳрвандони хориҷӣ минбаъд ҳуқуқ надоранд, ки аз 3 то 5 сол ва дар баъзе ҳолатҳо ҳатто то 10 сол ба қаламрави Россия ворид гарданд. Дар рӯйхати «манъшудагон» мисли дигар шаҳрвандони хориҷӣ, инчунин шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба қайд гирифта мешаванд ва шумораи онҳо ҳар сол садҳо ҳазор нафарро ташкил медиҳад, ки чунин ҳолат мушкилиҳои бе ҳамин ҳам зиёди молиявии муҳоҷирон ва аъзои оилаи онҳоро дучанд мегардонад.

Соли 2014 миқдори шаҳрвандони кишварамон, ки ба рӯйхати «манъшудагон»-и Федератсияи Россия дохил шуда буданд, 71 ҳазор нафарро ташкил медод. Соли 2015 миқдори онҳо то 202 ҳазор ва соли 2016 то 329 ҳазор нафар зиёд гардид [4]. Мутобиқи маълумоти Хадамоти муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2017 шумораи шаҳрвандони кишварамон, ки воридшавиашон ба ҳудуди Россия манъ шуда буд, 181127 нафарро ташкил медод ва шумораи онҳо соли 2018 то 240749 нафар зиёд шуд.

Баъдан, солҳои 2019-2020 шумораи “манъшудагон”-и кишварамон мутаносибан 267324 нафар ва 286442 нафарро ташкил кард, ки ин гуна ҳолат боиси нигаронист.

**Ҷадвали 1.**

**Маълумот оид ба муҳоҷирони меҳнатӣ-шаҳрвандони ҶТ, ки ба рӯйхати “манъшудагон”-и ФР солҳои 2014-2020 дохил карда шуданд (*нафар*)**

| Р/т | Солҳо | Шумораи “манъшудагон” |
|---|---|---|
| 1. | 2014 | 71 000 |
| 2. | 2015 | 202 000 |
| 3. | 2016 | 329 000 |
| 4. | 2017 | 181 127 |
| 5. | 2018 | 240 749 |
| 6. | 2019 | 267324 |
| 7. | 2020 | 286442 |

***Сарчашма:*** *Ҳисоботҳои Хадамоти муҳоҷирати ҶТ, солҳои 2014-2020.*

Сабабҳои ҳарсола афзоиш ёфтани шумораи шаҳрвандони «манъшуда»-и кишварамонро чунин ифода кардан мумкин аст: тибқи талабот ва муоширати тарзи зист надонистани забони русӣ, риоя накардани қонунгузории муҳоҷирати Россия, паст будани сатҳи донишу малакаи тахассусии шаҳрвандони кишварамон, сари вақт аз қайд нагузаштан мутобиқи ҷойи зисти муваққатӣ, надоштани сертификати дахлдор ҷиҳати гирифтани патент ва расмӣ гардонидани фаъолияти кории худ. Инчунин дигар сабабҳои риоя накардани қонунгузории Россия низ мавҷуд мебошанд, ки нисбати ислоҳи ин гуна камбудиҳо мақомотҳои дахлдори давлатӣ бояд бо муҳоҷирон корҳои иттилоотию фаҳмондадиҳиро дучанд зиёд гардонанд. Зеро то ин андоза афзоиш ёфтани шумораи муҳоҷирони ғайриқонунӣ бар манфиати давлат ва худи муҳоҷирон намебошад ва чунин вазъиятро ҳарчи зудтар ислоҳ намудан зарур аст.

Ҷорӣ кардани санксияҳои иқтисодии ШМА ва Иттиҳоди Аврупо нисбати Россия фаъолияти бисёр корхонаҳою муассисаҳо ва кордиҳандагони Россияро маҳдуд кард ва ин ба он оварда расонид, ки ҷойҳои корӣ дар ин кишвар ихтисор мегардиданд. Чунин вазъият ҳам ба шаҳрвандони Россия ва ҳам ба муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ, ки дар қаламрави ин кишвар ҳарсола бо шумораи 10-12 млн. нафар фаъолияти кориро ба анҷом мерасониданд, зарари калони молиявӣ ва маънавӣ расонид. Вобаста ба ин, дар қатори дигар шаҳрвандони хориҷӣ даҳҳо ҳазор нафар муҳоҷирони меҳнатии кишварамон низ бекор монда, ба ватани худ бармегарданд.

Вазъияти душвори сиёсию иқтисодии байналхалқӣ ва тағйир ёфтани сиёсати Россияро дар самти муҳоҷират ба инобат гирифта, оғоз аз соли 2014 шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ – шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба Федератсияи Россия равона мешуданд, сол аз сол кам шуда истодааст. Мутобиқи маълумоти Хадамоти муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2014 нисбат ба соли 2013 шумораи муҳоҷирони меҳнатии кишварамон, ки ба хориҷа ва асосан ба Федератсияи Россия равона мегардиданд, то 20% кам шуд.

**Ҷадвали 2.**

**Маълумот оид ба муҳоҷирати меҳнатии берунаи шаҳрвандони ҶТ дар давраи солҳои 2013-2020 (*нафар*).**

| Р/т | Солҳо | Шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ |
|---|---|---|
| 1. | 2013 | 799698 |
| 2. | 2014 | 670806 |
| 3. | 2015 | 552596 |
| 4. | 2016 | 517308 |
| 5. | 2017 | 487757 |
| 6. | 2018 | 484176 |
| 7. | 2019 | 530883 |
| 8. | 2020 | 129807 |

***Сарчашма:*** *Ҳисоботҳои Хадамоти муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2013-2020.*

Агар соли 2013 миқдори муҳоҷирони меҳнатӣ – шаҳрвандлни Ҷумҳурии Тоҷикистон 799698 нафарро ташкил дода бошад, пас соли 2014 шумораи онҳо то 670806 нафар кам гардид [2], ки фарқият -128892 нафар мебошад. Соли 2015 ба хориҷа 552596 нафар [4] муҳоҷирони меҳнатӣ равона гардиданд, ки нисбат ба соли 2014 боз - 118210 нафар кам аст. Ин гуна тамоюли пастшавии муҳоҷирати меҳнатии беруна солҳои 2016 – 2020 низ давом дошт, ки шумораи муҳоҷирон дар он солҳо мутаносибан 517308 нафар, 487757 нафар, 484176 нафар, 530883 нафар, 129807 нафарро ташкил дод [4].

Дар чунин вазъияти ғайриоддӣ ва санҷишӣ Тоҷикистонро лозим аст, ки тадбирҳои саривақтӣ ва механизми дастгирии иқтисодию иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатии бозгаштаро кор карда бароянд, зеро даҳҳо ҳазор нафар муҳоҷирон умедвори пайдо кардани ҷойҳои кории доимӣ ва арзанда дар дохили мамлакат буда, ба ҳамгироии онҳо дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ниёз доранд.

Бо дарназардошти ба амал омадани буҳрони молиявию иқтисодӣ дар минтақа ва хавфи баргаштан – рондан ё берун кардани оммавии муҳоҷирони меҳнатии ғайриқонунии кишварамон аз Федератсияи Россия, ки чунин ҳолат метавонад ба вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии мамлакат таъсири манфӣ расонад, инчунин ҷиҳати муътадил гардонидани вазъи баамаломадаи иқтисодию иҷтимоӣ дар мамлакат 5 феврали соли 2015 таҳти №50 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нақшаи чорабиниҳо оид ба пешгирии таъсири хатарҳои эҳтимолӣ ба иқтисодиёти миллӣ» қабул карда шуд.

Ҳуҷҷати мазкур дар баробари пешгирии ҳолатҳои ғайричашмдошти эҳтимолӣ, муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар дохил ва хориҷи мамлакат ва паиҳам ҳал намудани масъалаҳои гуногуни иқтисодию иҷтимоӣ, инчунин якчанд чорабиниҳоро нисбати бо кор таъмин кардани муҳоҷирони меҳнатии баргашта дар дохили ҷумҳурӣ, таъмини ҳифзи иҷтимоии онҳо, фаро гирифтан ба омӯзиши касбҳои нави замонавӣ ва супоридани шаҳодатномаҳо оид ба малакаҳои касбии муҳоҷирони меҳнатӣ, такмил додани қонунгузорӣ барои ба танзим овардани муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар масъалаҳои ҳалталабро пешбинӣ намуда буд.

Қарори болозикри Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [5] миёнамуҳлат буда, иҷрои бандҳои нақшаи чорабинӣ то соли 2018 муайян шуда буданд ва мутобиқи он вазорату идораҳои ҷумҳурӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ чорабиниҳои дар нақша зикргардидаро дар муҳлатҳои муқарраршуда ҳаллу фасл намуданд.

Масъалаҳои баргаштани муҳоҷирони меҳнатии ғайриқонунӣ ва ҳамгироии онҳо дар ҷамъият, дар Стратегияи миллии муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа дар давраи солҳои 2011-2015, ки бо қарори Ҳукумати мамлакат аз 4 октябри соли 2011, №460 тасдиқ гардидааст, низ пешбинӣ шуда буданд ва дар яке аз бандҳои он иҷрои чорабинии зерин дарҷ гардида буд: *«...ташкил кардани механизми ҳамгироии муҳоҷирони баргашта ба иқтисодиёти мамлакат, баланд бардоштани фаъолияти иқтисодии аъзоёни оилаи муҳоҷирони меҳнатӣ тавассути омӯзиши касбӣ, тиҷоратӣ, ҷудо кардани қарзҳои хурд ва фаро гирифтан ба худиштиғолии расмӣ, коркард ва татбиқи лоиҳаҳои иқтисодӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатии муҳоҷирони меҳнатӣ, коркарди пакети лоиҳаҳои иҷтимоӣ барои ҷалб намудани сармоягузорон».*

Аз матни Стратегияи болозикр [6] маълум мегардад, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш мекунад то ҳадди имкон душвориҳои муҳоҷирони меҳнатии баргаштаро ҳаллу фасл намояд, лекин иқдомҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ на ҳама вақт пайравони худро пайдо мекунанд. Муҳлати иҷрои Стратегияи болозикр соли 2015 ба охир расид, аммо баъдан Стратегияи навбатии давлатӣ қабул карда нашуд ва ин гуна ҳолат вазъи муҳоҷирон ва аъзои оилаи онҳоро душвор гардонд. Саривақт қабул накардани Стратегияи муҳоҷиратӣ сабабгори суст шудани ҳамкориҳои байнидавлатию байниидоравӣ оид ба танзими равандҳои муҳоҷират ва афзоиш ёфтани шумораи муҳоҷирони ғайриқонунӣ аз ҳисоби шаҳрвандони кишварамон мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки 26,4%-и муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон аз ҷавонони синну солашон 18-29-сола ва 33,4% аз шаҳрвандони 30-39-сола иборат мебошад ва маҳз ҳамин гурӯҳҳо шумораи зиёди муҳоҷирони меҳнатии ғайриқонунии кишварамонро ташкил медиҳанд. Ҳангоми бозгашт ба ватан, онҳо бояд бо ягон намуди шуғл фаро гирифта шаванд, зеро дар ҳолати бекорӣ ва надоштани маблағи кофӣ барои пешбурди рӯзгор, ҷавонон метавонанд аз тарафи қувваҳои носолим ба ҳодисаҳои ғайриқонунӣ ва роҳҳои фиреб ҷалб карда шаванд.

Қисми зиёди ҷавонони баргашта мактаби миёнаро баъд аз барҳам хӯрдани собиқ давлати Иттиҳоди Шӯравӣ, яъне аз давраи солҳои 90-уми асри гузашта, ки он дар ҳаёти мардуми Тоҷикистон як давраи мудҳиш буд, хатм намудаанд ва аз омӯзиши хуби забони русӣ ва касбу ихтисосҳои замонавии коргарӣ маҳрум буданд. Бо ин сабаб ҷавонон ҳангоми будубош ва амалӣ намудани фаъолияти корӣ дар ҳудуди Федератсияи Россия, ба душвориҳои гуногун дучор гардида, имконият пайдо намекунанд, ки дар муҳлатҳои муқарраршуда дорои сертификат оид ба донистани забони русӣ, таърих ва қонунгузории муҳоҷирати Россия, инчунин дорои патент ва қарордод оид ба фаъолияти кории расмӣ гарданд. Ин гуна мушкилиҳо ҷавононро ноумед мегардонад ва дар чунин вазъияти ноилоҷӣ онҳо қодир ҳастанд ба амалҳои ғайриқонунӣ даст зананд. Бояд зикр намуд, ки тайи солҳои охир аз давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва аз он ҷумла Тоҷикистон шомил шудани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳо ва ташкилотҳои террористиву экстремистӣ ба назар мерасад ва ин гуна вазъият бисёри давлатҳои ҷаҳонро аз лиҳози таъмини амнияти кишварашон, ба ташвиш овардааст.

Дар ҳудуди Федератсияи Россия низ, ки садҳо ҳазор нафар шаҳрвандони кишварамон дар он фаъолияти корӣ доранд, қувваҳои носолими ифротгароии фаъолияташон зиддиинсонӣ пайдо шудаанд, ки онҳо ҷавонони бекору сустиродаро ба гурӯҳҳои террористӣ ҷалб намуда, ба ҳудуди давлатҳои интихоб кардаашон барои иштирок ва амалӣ намудани задухӯрдҳои ҳарбию террористӣ равона месозанд. Аз ин хотир, давлатҳои ҷаҳонро лозим аст, ки ҳамкориҳоро дар ин раванд пурзур намоянд ва дар якҷоягӣ оид ба пешгирии ҳодисаҳои террористӣ чораҳои заруриро андешанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли дигар кишварҳои хориҷи дуру наздик муҳоҷирони меҳнатии хориҷиро барои иштирок дар рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат даъват менамояд ва ҳамзамон, доир ба пешгирии муҳоҷирати ғайриқонунӣ чораҷӯӣ менамояд. Аз ҷадвали 3-и дар поён овардашуда шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ, ки дар давоми солҳои 2009-2020 дар қаламрави кишварамон фаъолияти корӣ доштанд, бо дарназардошти шумораи занҳои хориҷӣ маълум карда шудааст [1].

**Ҷадвали 3.**

**Ҷараёни муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2009-2020 (нафар)**

| № т/т | Муҳоҷирони хориҷӣ | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Ҳамагӣ | 1260 | 2361 | 4069 | 5211 | 6000 | 7668 | 10218 | 11330 | 6645 | 6590 | 6700 | 4743 |
| 2. | Мардҳо | 1181 | 2225 | 3846 | 4898 | 5387 | 5461 | 6687 | - | - | - | - | - |
| 3. | Занҳо | 79 | 136 | 223 | 313 | 613 | 2207 | 3531 | - | - | - | - | - |

***Сарчашма:*** *Административные данные о миграции в РТ.* *https://www.unece.org/3.taqikistan;*

*Миграционная служба Министерства труда, миграции и занятости населения РТ.*

Мутобиқи ҷадвали болозикр муайян мегардад, ки аз соли 2009 то соли 2016 шумораи муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ дар кишварамон ҳарсола афзоиш ёфтааст ва баъд аз соли 2017 то соли 2020 коҳиш меёбад. Чунин вазъияти ивазшаванда аз бад гардидани шароити иқтисодӣ дар давлатҳои минтақаи АвруОсиё, паст шудани муҳити сармоягузорӣ ва баргаштани шумораи зиёди муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон аз хориҷа мебошад, ки дар мадди аввал мақомотҳои дахлдори давлатӣ ҷиҳати дар дохили мамлакат бо кор таъмин кардани шаҳрвандони маҳаллӣ тадбирҳо меандешанд. Ин гуна

сиёсатро ҳамаи кишварҳои ҷаҳон татбиқ менамоянд ва Тоҷикистон низ чунин таҷрибаро амалӣ менамояд.

Ҳамзамон қайд кардан ба маврид аст, ки шаҳвандони хориҷӣ, ки дар ҳудуди кишварамон фаъолияти кориро анҷом медиҳанд, мисли шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷа дар баъзе мавридҳо ба риоя накардани қонунгузории муҳоҷиратӣ роҳ медиҳанд. Дар ин гуна ҳолат мақомотҳои дахлдори давлатии кишварамон дар асоси санадҳои меъёрию ҳуқуқии миллии амалкунанда чораҳоро оид ба пешгирии муҳоҷирати ғайриқонунӣ ба анҷом мерасонанд.

Яке аз санадҳои меъёрию ҳуқуқии муҳими Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолият доир ба мубориза бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар байни шаҳрвандони хориҷӣ, ин Низомнома оид ба тартиби амалӣ намудани назорати муҳоҷиратӣ мебошад, ки он бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 ноябри соли 2001, №493 тасдиқ карда шудааст. Дар асоси қарори болозикр, вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳуриявӣ амалиётҳои якҷояро бо мақсади пешгирии ҳолатҳои муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар қаламрави кишварамон тибқи нақшаи тасдиқгардида мавриди санҷиши доимӣ ва иҷро қарор медиҳанд.

**Ҷадвали 4.**

**Таҳлили муқоисавӣ оид ба сатҳи муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар ҶТ ва берун кардани муҳоҷирони хориҷӣ аз ҳудуди кишварамон дар солҳои 2012-2013 ва 2017-2018 (нафар)**

| № т/т | Чораҳои қабулшуда | 2012 (шумораи умумии хориҷиён 5211 нафар) | 2013 (шумораи умумии хориҷиён 6000 нафар) | 2017 (шумораи умумии хориҷиён 6645 нафар) | 2018 (шумораи умумии хориҷиён 6590 нафар) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Берун кардан | 1659 | 2923 | 173 | 152 |
| 2. | Рондан | 157 | 292 | - | - |

***Сарчашма:*** *Ҳисоботҳои Хадамоти муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2012 - 2013 ва 2017-2018.*

Дар ҷадвали 4-и дар боло овардашуда сатҳи муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва шумораи умумии муҳоҷирони ғайриқонунӣ аз ҳисоби шаҳрвандони хориҷӣ, ки барои риоя накардани қонунгузории миллии муҳоҷиратии кишварамон аз ҳудуди он берун карда шудаанд, дарҷ гардидааст. Ҷадвали мазкур ба тариқи таҳлили мукоисавӣ гузаронида шудааст ва ду давраи интихобиро барои солҳои 2012-2013 ва солҳои 2017-2018 дар бар мегирад.

Мутобиқи ҷадвали 4 маълум мегардад, ки шумораи муҳоҷирони ғайриқонунӣ аз ҳисоби шаҳрвандони хориҷӣ дар ҳудуди кишварамон тайи солҳои 2017-2018 нисбат ба солҳои 2012-2013 ба маротиб кам гардидааст ва чунин ҳолат боиси қаноатмандӣ мебошад.

Олимон ва коршиносони соҳаи муҳоҷират тазаккур медиҳанд, ки дар оғози асри XX1 муҳоҷирати аҳолӣ ба раванди ҷаҳонӣ ва падидаи глобалӣ табдил ёфтааст ва айни замон ягон давлати дунё қотеъона тасдиқ карда наметавонад, ки дар ҳудуди он равандҳои муҳоҷират вуҷуд надоранд. Зеро, илм исбот менамояд, ки муҳоҷирати аҳолӣ қонуниятҳои ҳуқуқӣ ва табиии худро дорад ва вобаста ба ин ҳаракати муҳоҷиратӣ дар ҳамаи кишварҳои ҷаҳон мавриди амал қарор дорад [7].

Мутобиқи маълумоти Созмони Милали Муттаҳид, ба ҳолати соли 2019 шумораи муҳоҷирони байналхалқӣ дар ҷаҳон 272 млн. нафарро ташкил дод [8] ва дар асоси пешбиниҳои коршиносони ин ташкилоти бонуфузи байналмилалӣ, то соли 2050 теъдоди муҳоҷирон дар дунё ба 405 миллион нафар хоҳад расид [9]. Рақамҳои овардашуда тасдиқи он мебошанд, ки вобаста ба омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, демографӣ, экологӣ ва ғайраҳо, шиддати муҳоҷират дар миқёси ҷаҳон пурзӯр мегардад ва мушкилиҳоро дар ин самт давлатҳои хориҷи дуру наздик танҳо дар ҳамкориҳои судманд метавонанд ҳаллу фасл намоянд. Тоҷикистон низ бо иштироки садҳо ҳазор нафар шаҳрвандони кишварамон дар раванди муҳоҷирати байналхалқӣ қарор дорад ва

бо сабаби душвориҳои ҷойдошта дар бозори меҳнати дохили мамлакат, кишвари мо дар давоми даҳсолаҳои наздик мисли дигар давлатҳо аз ҷараёни пуршиддати муҳоҷират дар канор монда наметавонад.

Тайи соли охир ҳамаи кишварҳои ҷаҳон ба касалии сирояткунандаи коронавирус дучор гардидаанд ва он ба вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва аз он ҷумла, ба ҷараёни муҳоҷирати байналхалқӣ таъсири манфӣ расонид. Лекин, бояд дарк кард, ки ин гуна вазъияти ба амаломада бо касалии коронавирус муваққатӣ мебошад ва баъд аз гузаштани он ҷараёни муҳоҷирати аҳолӣ маҷрои пештараи пуршиддати худро барқарор менамояд. Бинобар ин, мо бояд айни замон дар баробари татбиқ намудани нақшаҳои кӯтоҳмуддат оид ба пешгирии пандемия, ҳамзамон нақшаҳои миёнамуҳлат ва дарозмуддати давлатиро дар самти сиёсати муҳоҷират ва пешгирии муҳоҷирати ғайриқонунӣ амалӣ намоем.

Аз солҳои аввали пайдоиши раванди муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, зиёда аз 95%-и муҳоҷирони кишварамон ҳарсола ба Федератсияи Россия равона мегарданд ва интихоби ин давлат аз тарафи шаҳрвандони мо бесабаб нест. Зеро ҳамкориҳои савдоию иқтисодии байнидавлатии Тоҷикистону Россия таърихи садсолаҳоро дар бар мегирад ва ба ғайр аз ин, дар давоми ин солҳо муносибатҳои дӯстонаю хешутаборании мардуми ду кишвар рушд ёфтаанд ва ин омилҳо имконият медиҳанд, ки муҳоҷират ба ин мамлакат давом дода шавад. Ҳамзамон қайд кардан лозим аст, ки Федератсияи Россия ба душвориҳои демографӣ дучор гардидааст ва бозори меҳнати ин кишвар ба қувваи корӣ ниёз дорад. Ин гуна вазъият тарафи Россияро водор месозад, ки муҳоҷирони меҳнатиро аз Тоҷикистон ва дигар кишварҳо ба давлати худ бо мақсади пур кардани ҷойҳои кории холӣ ва пешбурди соҳаи иқтисодиёт даъват намояд.

Тоҷикистон айни замон кӯшиш карда истодааст, ки ҷуғрофияи муҳоҷирати меҳнатии хориҷиро дигаргун сохта, бо дигар давлатҳои хориҷи дур созишномаҳои ҳамкориро ба имзо расонад. Ҳамзамон, тибқи дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар дохили мамлакат таъсис додани ҷойҳои нави кории арзанда лозим аст, то ин ки раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа паст карда шавад. Инчунин, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳибкории хурду миёна ва худиштиғолӣ ниҳоят зарур аст, ки дар ҳалли он муҳоҷирони меҳнатӣ метавонанд саҳмгузор бошанд. Вале, мутаассифона то ҳоло дар кишварамон масъалаҳои қайдшуда то дараҷаи дилхоҳ иҷро нагардидаанд ва он сабабҳои худро дорад, ки пеш аз ҳама ба фаъолияти ношаффофу ғаразнок ва бесалоҳияти баъзе мақомотҳои дахлдори давлатӣ вобаста аст.

Ба камбудиҳои зикргардида нигоҳ накарда, қисми муайяни муҳоҷирони меҳнатӣ кӯшиш менамоянд, ки ҳангоми дар сафари хориҷа будан бо омӯзиши забонҳои хориҷӣ машғул шаванд, малакаю дониши худро баланд бардоранд ва ҳангоми бозгашт ба ватан маблағи кофиро барои шуғлнокӣ ворид намоянд. Ин гуна муҳоҷирони меҳнатии баргашта метавонанд дар рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат саҳмгузор бошанд, зеро онҳо бо дарназардошти шиносоӣ бо технологияҳои муосир дар хориҷа тавонистанд то сатҳи мутахассиси варзида тахассуси худро баланд бардоранд.

Ҳангоми бо фаъолияти кории доимӣ ва шуғли пурмаҳсул фаро гирифтани муҳоҷирони меҳнатии баргашта ва дар маҷмӯъ ҳамаи шаҳрвандони кишварамон, шиддат ба раванди муҳоҷирати меҳнатии беруна паст мегардад ва ин омил пеши роҳи муҳоҷирати ғайриқонуниро низ гирифта метавонад. Дар баробари ин, ҳодисаҳои террористӣ ва экстремистӣ низ коҳиш меёбанд ва бо мурури замон ба ин намуди фаъолияти зиддиинсонии ташкилоту иттиҳодияҳои террористӣ хотима бахшидан мумкин аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти таҷрибаи хуби солҳои пешин дар соҳаи муҳоҷирати аҳолӣ қодир аст, ки дар солҳои наздиктарин дар ҳалли масъалаҳои саноатикунонии босуръати мамлакат, ташкили ҷойҳои нави корӣ бо маоши арзанда, ташаккул ва муаррифии имкониятҳои сармоягузорӣ, сайёҳӣ ва пешбурди маҳсулоти содироти кишвар ба хориҷа, таблиғи мероси таърихию фарҳангии тоҷикон ва таҳкими

мавқеи давлат дар арсаи байналмилалӣ, ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гардад ва дар қатори давлатҳои бомуваффақи дунё ҷойи худро интихоб намояд.

*Адабиёт:*


1. *Административные данные о миграции в РТ. https://www.unece.org/3.taqikistan; Миграционная служба Министерства труда, миграции и занятости населения РТ.*
2. *Бабаев А.А., Джуразода Т. Возвращение трудящихся мигрантов – граждан Республики Таджикистан: проблемы и новые вызовы. Душанбе, 2016. – с.11.*
3. *Евразийский юридический журнал, №2(93). Москва. 2016.*
4. *Ҳисоботи Хадамоти муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2014-2020.*
5. *Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 феврали соли 2015, №50 «Дар бораи нақшаи чорабиниҳо оид ба пешгирии таъсири хатарҳои эҳтимолӣ ба иқтисодиёти миллӣ».*
6. *Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2011, №460 «Дар бораи Стратегияи миллии муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа дар давраи солҳои 2011-2015».*
7. *Бабаджанов Р.М. Инклюзивный рост для устойчивого человеческого развития в Таджикистане - Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). 2013. № 3 (42). С. 92-97.*
8. *UN news migrants remittances in 2019.*
9. *Бабаев А.А. Современные проблемы миграции населения Республики Таджикистан: ее потенциал в процессе развития. Душанбе. 2020. – с. 10.*


**Бабаев А. А.**
**Мирзоева М. У.**

## ПРИЧИНЫ НЕЗАКОННОГО ПРЕБЫВАНИЯ ТРУДЯЩИХСЯ МИГРАНТОВ В СТРАНЕ ПРИЕМА И МЕРЫ ПО ПРЕДОТВРАЩЕНИЮ ЕЕ РОСТА

**Институт экономики и демографии Национальной Академии наук Таджикистана**

*В данной статье изучены проблемы незаконной миграции и меры по предотвращению этого явления в Республике Таджикистан. Уделено особое внимание положению трудящихся мигрантов страны, десятки тысяч которых по причине нарушения миграционного законодательства Российской Федерации были включены в список "запретников" как незаконные мигранты, и которые лишены права въезда на территорию этого государства сроком от 3-х до 5-ти лет. Также изучены вопросы незаконной миграции иностранных граждан на территории Республики Таджикистан и меры Правительства страны по предупреждению этого процесса. В качестве рекомендаций высказаны некоторые идеи и мнения относительно создания новых рабочих мест с достойной заработной платой внутри страны, и таким образом, снизить напряжение внешней трудовой миграции, которая является одной из причин увеличения численности незаконных мигрантов, как на территории республики, так и за рубежом.*

**Ключевые слова:** *незаконная миграция, внешняя трудовая миграция, терроризм, экстремизм, миграционные процессы, "запретники".*

**Babaev A. A.**
**Mirzoeva M. U.**

## REASONS FOR THE ILLEGAL STAY OF MIGRANT WORKERS AND MEASURES TO PREVENT ITS GROWTH IN THE RECEPTION COUNTRY

**Institute of economics and demography of the National academy of sciences of Tajikistan**

*This article examines the problems of illegal migration and measures to prevent this phenomenon in the Republic of Tajikistan. Particular attention is paid to the situation of migrant workers in the country, tens of thousands of whom, due to violation of the migration legislation of the Russian Federation, were included in the list of "banned" as illegal migrants, and who are deprived of the right to enter the territory of this state for a period of 3 to 5 years. The issues of illegal migration of foreign citizens on the territory of the Republic of Tajikistan and measures of the Government of the country to prevent this process were also studied. As recommendations, some ideas and opinions were expressed regarding the creation of new jobs with decent wages within the country, and thus, to reduce the tension of external labor migration, which is one of the reasons for the increase in the number of illegal migrants, both on the territory of the republic and abroad.*

***Key words:*** *illegal migration, external labor migration, terrorism, extremism, migration processes, "forbidden".*

***Маълумот дар бораи муаллифон:***

***Бобоев Анвар Абдуллоевич-*** *номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири бахши муҳоҷирати аҳолии шӯъбаи таҳқиқотҳои демографии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, почтаи электронӣ: anvar.boboeb2016@gmail.com*

***Мирзоева Меҳрбону Умаровна-*** *ассистенти кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, почтаи электронӣ: bonu.6664@mail.ru*

УДК: 336.532.330 **Тоҷибоева М.Н.**

# ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ БОЗГАШТИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ БА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

*Масъалаҳо марбут ба идора кардани равандҳои муҳоҷират ва андешидани тадбирҳо ҷиҳати пайдо кардани роҳҳои ҳалли он чандин маротиба аз ҷониби пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва коршиносони дохилию хориҷӣ омӯхта шудаанд ва хулосаҳои зарурӣ доир ба беҳтар намудани вазъи муҳоҷират, доимо мавриди коркард ва пешниҳод ба мақомоти дахлдори давлатӣ қарор дорад.*

*Равандҳои муҳоҷирати аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ афзоиш ёфта истодаанд ва сабабҳои асосии он ба вазъияти иқтисодию иҷтимоии мамлакат вобастагӣ дорад. Коршиносони дохилӣ ва хориҷӣ дар соҳаи муҳоҷират чунин ақида доранд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли дигар давлатҳои хориҷи дуру наздик аз ҳалли масъалаҳои муҳоҷирати аҳолӣ ва алалхусус муҳоҷирати меҳнатӣ дур шуда наметавонанд, зеро ин соҳа дар миқёси ҷаҳон ва кишвари мо хусусияти глобалиро гирифтааст.*

***<u>Калидвожаҳо:</u>*** *ҷанбаҳои назариявӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, дохилӣ ва хориҷӣ, бозгашт, Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Муҳоҷирати меҳнатӣ мавқеи махсусро мегирад, ки онро чунин тавсиф додан мумкин аст: ин ҷойивазкунии аҳолии ба захираҳои меҳнатӣ дохилшаванда бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти кории расмӣ дар қаламрави давлатҳои хориҷа мебошад.

Зери мафҳуми истилоҳи «зуҳурот» дар илмҳои табиӣ - ҳар гуна зоҳиршавии ашё, тағйиротҳо фаҳмида мешавад, дар илмҳои ҷамъиятӣ бошад, қисман, фалсафаи зуҳурот дар намуди умумӣ - ин зоҳиршавии берунаи ин ё он моҳият, шакли бақайдгирифташудаи он мебошад.

Тасаввур менамоем, ки табиати зуҳурот дар соҳаи муҳоҷиратӣ, соҳаи демографӣ ба вуқӯъ мепайвандад, онро бояд бо мафҳуми қаблан боздидшудаи «ҳодиса» алоқаманд сохт. Дар ин маврид, масалан, ҳодисаҳои ҷудогонаи таваллуд, ки дар вақту фазо маҳдуд гардонида шудааст, (фарз кардем, дар байни аҳолии ин ё он ноҳия дар давоми сол рӯйдода), зуҳурот чун таваллудёбӣ, ҷойивазкунии одамонро нишон медиҳад.

Имконияти ҷойивазкунии фазоӣ – ин яке аз хусусият ё қобилиятҳои инсонӣ мебошад. Олими рус Соболёва С.В. онро хеле дақиқ ифода намудааст: «Табиати муҳоҷирати аҳолӣ - ин, қабл аз ҳама, ҷойивазкунии маҳаллии он мебошад» [1]. Дар гузашта, дар адабиёти собиқ давлати Шӯравӣ оиди табиати муҳоҷирати аҳолӣ баъзан шарҳу эзоҳоти дигар дучор мешуданд. Қисман чунин ақида мавҷуд буд, ки табиати муҳоҷират – ин на танҳо ҷойивазкунии фазоӣ бо ивазнамоӣ ё бе ивазнамоии ҷойи истиқомат, балки, ҳамроҳ бо ин ҷойивазкунии «табдили ҷойи кор» мебошад. Ба онҳое, ки чунин нуқтаи назарро дастгирӣ менамуданд, иқтисодчии рус Вечканов Г.С., демографи украинӣ Хомра А.У, олимони тоҷик Раҳмон Улмасов, Одилбой Қоситов ва дигарҳо дохил мешаванд. Ҳамин тавр, ин олимон ақида доранд, ки мафҳуми дар тафаккурҳо ҷойшудаи муҳоҷиратро ҳамчун ҷойивазкунии одамон, ки бо тағйири ҷойи истиқомат вобастагӣ дорад, қаноатбахш эътироф намудан мумкин нест.

Ба муҳоҷирати меҳнатӣ, илова бар ин, аҳолии захираи меҳнати дошта, аломати дуввум низ хос аст – дигаргуншавии ҷойи корӣ [2]. Хомра А.У., чунин меҳисобад, ки зери мафҳуми муҳоҷират «санади дигаргуншавии меҳнат (ҷойи корӣ)-ро бояд эътироф намуд» [3]. Ғайр аз ин, барои аҳолии дорои қобилияти меҳнатӣ «табдили меҳнат» на ҳама вақт чораи ҳатмӣ ба ҳисоб меравад, зеро, мақсади муҳоҷират ба ғайр аз меҳнатӣ, инчунин эҳтимолан таҳсил ё истироҳат ва дигарҳо шуда метавонанд.

Мафҳуми муҳоҷират дар монографияи ҷуғрофишиноси полякӣ Ягелский А.низ дучор мегардад: «Муҳоҷират шакли қонеъ гардонидани талаботҳое мебошад, ки амалӣ намудани он тағйири ҷойи маҳалли зистро тақозо дорад» [4].

Ҳамин тавр, хусусияти муҳоҷират аз қобилияти қонеъ гардонида тавонистани ҳар гуна талаботҳои гуногуни инсонӣ иборат аст, ки байни онҳо – соҳиб шудан ба ҷойи кор, беҳтар намудани вазъи некӯаҳволии моддӣ, ворид шудан ба таҳсил, таъминнокӣ бо истироҳату фароғат ва дигарҳо мебошад [5].

Дар бораи муҳоҷирати аҳолӣ ҳамчун зуҳуроте, ки силсилаи ҳодисаҳоро дар бар мегирад, муҳокима намуда, боз як хусусияти хоси раванди мазкурро бояд қайд намуд. Моҳияти он дар ҳамин ифода меёбад, ки шумораи чунин ҷойивазкуниҳо, кадоме дар вақту фазо маҳдуд карда шудаанд ба адади иштирокчиёни ин ҷойивазкуниҳо мувофиқат намекунанд. Ин боз як махсусиятнокии муҳоҷирати аҳолӣ буда, онро аз зуҳуротҳои асосии демографӣ ба тафовут меандозад. Ҳамин тавр, миқдори таваллуд ба миқдори фавт, наметавонад аз миқдори шахсоне, ки ин ҳодисаҳо ба онҳо тааллуқдор аст, таъсир намояд. Дар тафовут аз ин, маъмулан, миқдори ҷойивазкуниҳои фазогӣ аз миқдори таваллуду фавт ба таври назаррас зиёд аст.

Шарти муҳимтарини ҳаммонандии зуҳуротҳои гуногуни муҳоҷирати аҳолӣ ин таснифоти он мебошад. Таснифот - ин роҳу тарзи методологӣ буда, барои батартибандозии нишонаҳои гуногунтарзи ин ё он зуҳурот аз тарафи ҳар як илм истифода бурда мешавад. Ин тарзи тақсимоти бисёрзинавии ҳамон як мафҳумҳои монанд аз рӯи синфҳо тибқи аломатҳои фарқкунандаи онҳо мебошад. Натиҷаи он низоми (дараҷаҳои мартабавӣ)-и таксонҳои баробар тобеъшуда мебошад, ки барои муайян сохтани хусусияти мафҳуми мазкур бештар мувофиқ меоянд. Ҳамаи он чӣ, ки зикраш дар боло рафт, ба ҳамон қисмати ҷойивазкунии ҳудудии аҳолӣ, кадоме чунин мафҳум, чун «муҳоҷирати аҳолӣ»-ро ташкил медиҳад, комилан пурра дохил мешавад.

Таснифот ба тақсимоти муҳоҷират ба идроку фаҳмиши тангу васеи он тааллуқ надорад. Мақсади он – фаро гирифтани тамоми гуногуншаклии муҳоҷиратӣ, тамоми спектри ҷойивазкуниҳои ҳудудӣ, яъне ҳамаи он чӣ ба «муҳоҷират ба маънои том»-аш тааллуқ дорад, мебошад. Муҳоҷират ба маънои фишурдашуда метавонад худ аз худ низ таснифот ёбад, инчунин, ҳамчун ҷузъиёт дар дарку фаҳмиши васеи муҳоҷирати аҳолӣ низ таснифоти худро ёфта метавонад.

Қайд кардан зарур аст, ки равандҳои муҳоҷирати дохилиҷумҳуриявӣ масъалаҳои бо кор таъминшавиро дар ҷойҳои ҷойгиршавӣ, истифода набурдани заминро дар ҷойҳои деҳот, вайроншавии сохтори ҷинсӣ-синнусолии аҳолиро ба миён меоваранд. Чунин равандҳои иҷтимоии манфӣ, ба монанди ҷиноятсодиркунӣ, порахӯрӣ, фоҳишагӣ ва монанди ин зиёд мешаванд. Зикр намудан лозим аст, ки аз рӯи миқёси ҷараёнҳо дар бурриши ҳудудии ҷумҳурӣ динамикаи муҳоҷирати аҳолӣ ба мо имконияти хулоса бароварданро оиди он, ки азнавтақсимоти муосири аҳолӣ байни шаҳру деҳаро дар пешрафти ҷойивазкунии дохилиҷумҳуриявии аҳолӣ ҳамчун тамоюли куллан шаклдигаркунанда баҳо додан мумкин нест, медиҳад. Дар шароити имрӯзаи давраи гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, якбора аз кор мондани истеҳсолот, бекорӣ, рафтани аҳолӣ аз деҳа ба шаҳр танзими муваққатии аҳолиро ба вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодии бамиёномада дар минтақа зоҳир менамояд.

Дар асоси сиёсати муҳоҷирии ҷойивазкунии деҳотӣ-шаҳрӣ, ба назари мо, бояд маҷмӯи чораҳое бунёд шуда бошад, ки барои равандҳои муътадилкунанда дар ҷойҳои деҳот ва ҷалби захираҳои меҳнатӣ барои азнавбунёдсозии деҳа дар асоси ворид кардан ва истифодаи шаклҳои нави хоҷагидорӣ равона карда шудаанд. Барои ба даст овардани ин мақсад такмил додани асноди ҳуқуқӣ-меъёрӣ ва принсипҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ оид ба ҳавасмандкунӣ ва доштани коргарон дар минтақаҳои муаммовии ҷумҳурӣ ва такмил додани тартиби маблағгузории деҳот зарур аст. Ҳангоми амалӣ намудани сиёсати шуғл ва танзими муҳоҷирати қувваи корӣ муҳайё намудани шароити мусоид ҳам барои сармоягузорони дохилӣ ва ҳам барои сармоягузорони беруна баҳри маблағгузорӣ ба истеҳсолот ва таъсис додани ҷойҳои нави корӣ дар ҷумҳурӣ зарур аст. Барои паст кардани суръатнокии муҳоҷирати дохилиҷумҳуриявӣ ҷалби сармояҳои хориҷӣ муҳим аст, ки барои ин дар баъзе аз минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин шаклҳои истеҳсолии дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) таъсисёфта мусоидат карда метавонанд. Танҳо таъсири фаъоли давлат ба равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ метавонад

боиси паст шудани сатҳи нодорӣ гардида, равандҳои муҳоҷирии микёси дохилиҷумҳуриявиро суст кунад.

Натиҷаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии муҳоҷирати дохилиҷумҳуриявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи пас аз шӯравӣ ба тағйиротҳои муайян дучор гаштанд. Ба дараҷаи маълум дар давраи ИҶШС дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зуҳуроти тамоюлии «Марказгурез» дар равандҳои муҳоҷирати дохилӣ ба қайд гирифта шуда буданд. Ҷараёни муҳоҷирии аҳолӣ ҳоло ба ҷойҳои азхуднашудаи ҷумҳурӣ равона карда мешаванд. Дар шароити ислоҳоти иқтисодӣ, буҳрони иқтисодӣ, аз кор боз мондани бисёр корхонаҳои истеҳсолӣ равандҳои муҳоҷирии дохилиҷумҳуриявӣ хусусияти «кӯшиш ба марказ»-ро ба худ касб карда истодаанд. Қайд кардан зарур аст, ки муҳоҷирати дохилӣ ва берунӣ мавзӯи омӯзиши олимон, сохторҳои давлатии ҷумҳурӣ гашта истодааст.

Дар солҳои ба даст овардани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рафтани аҳолӣ сабабгори талафоти қисми аҳолии захираҳои меҳнатӣ дошта, инчунин мутахассисони соҳибихтисос гардид. Тахминан қариб нисфи муҳоҷирони синнусолашон калон маълумоти олӣ ва миёнаи махсус доштанд. Масалан, муҳоҷирон дар соли 1998 аз рӯи сатҳи маълумотнокӣ аз шумораи умумии муҳоҷирони синнашон 16-сола ва аз он болоро ташкил доданд, ки миқдори онҳо чунин буд: олӣ – 14,1%, миёнаи махсус – 28,9%, олии нопурра – 1,9%, миёнаи умумӣ – 38,3%, миёнаи нопурра – 11,2%, ибтидоӣ ва аз он поён – 5,6%. Чунин тамоюл дар муҳоҷирати дохилии аҳолӣ низ зоҳир мешуд. Дар муҳоҷирати дохилии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир трендҳои асосии зерин зоҳир мегарданд :

- муҳоҷирати аҳолӣ аз деҳа ба шаҳр;
- муҳоҷирати аҳолӣ аз шаҳрҳои минтақавӣ ба шаҳрҳои калон (ш. Душанбе, Хуҷанд, Бохтар);
- муҳоҷирати аҳолӣ аз минтақаҳои дорои тараққиёти иқтисодии заиф, номусоид ба минтақаҳои нисбатан пешрафта ва мусоид.

Дар ҷумҳурӣ вилояти Суғд ва шаҳри Душанбе аз ҳама бештар минтақаҳои ҷалбкунанда маҳсуб меёбанд. Дар давоми бист соли охир аз тамоми воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудӣ, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд, танҳо шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд афзоиши муҳоҷирии аҳолиро соҳибанд. Дигар минтақаҳои боқимондаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати захираҳои меҳнатӣ талафотҳои калон ёфтаанд. Аз ҳама бештар вилояти Хатлон аз ҷиҳати аҳолӣ талафот дид. Талафоти аҳолии вилояти Хатлон, дар навбати аввал, бо шароитҳои иқтисодӣ, мавҷуд набудани ҷойи корӣ муайян мегардад.

Робитаҳои хешутабории таърихӣ барои муҳоҷирати бозгаштӣ асос шуда метавонанд. Масалан, дар рафти барпошавии муносибатҳои бозорӣ дар ҷумҳурӣ бисёр зодагони қисми шимолӣ аз мавзеъҳои ҷанубӣ ба шимолӣ кӯчиданд. Сиёсати муҳоҷирии протексионии мақомоти маҳаллии минтақаҳо ба омадани муҳоҷирон ба минтақаҳои гуногуни ҳудуди ҷумҳурӣ мусоидат карданд.

Дар ҷумҳурӣ дар сохтори умумии ҷараёни муҳоҷирии Ҷумҳурии Тоҷикистон кариб нисфи тамоми ҷойивазкуниҳои аҳолӣ ба муҳоҷирати дохилиҷумҳуриявӣ рост меояд. Зикр намудан ҷоиз аст, ки бисёр намудхои муҳоҷирати дохилӣ аз ҷониби таҳлили оморӣ ба инобат гирифта намешаванд (масалан: муҳоҷирати муваққатӣ бо сабаби меҳнатӣ, бахусус муҳоҷирати «мокугӣ», муҳоҷирати лангарӣ).

Муҳоҷирати дохилиҷумҳуриявӣ, ба ақидаи мо, бо якчанд омилҳо тоб оварда метавонад:

- бо пастшавии сатҳи зиндагии аҳолӣ ба дараҷаи муайян. Даромаднокии пасти қисми муқарраргаштаи аҳолӣ барои дигар кардани ҷойи истиқомат имконият намедиҳад;
- дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сабаби тиҷоратӣ шудани таҳсилоти олӣ дар бисёр ҳолат таҷрибаи тақсимоти мутахассисони ҷавон ба минтақаҳои ҷумҳурӣ аз амал бозмонд. Мутахассисони ҷавон аз дастгирии давлат маҳрум шуданд, онҳо ба дигар минтақаҳо ба кор рафта наметавонанд;

- тартиби бақайдгирии ҷойи сукунат ва истиқоматро, ки муҳоҷиронро ба ҷустуҷӯи роҳҳои ғайриқонунии намудҳои кор маҷбур месозад, нисбатан соддатар кардан лозим аст;

Муҳоҷирати дохилӣ ва берунӣ ба сохтори ҳайати миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир расонид. Муҳоҷирати аҳолии русзабон тамоюли тағйирёбии ҳайати миллии аҳолиро сабаб гардид. Раванди муосири муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун яке аз ҷанбаъҳои робитаи байнимиллӣ, ба сабаби маҳрумият аз иқтидори инсонӣ метавонад таҳдиди ҷиддии дохилиро баҳри бехатарии миллӣ ба миён орад.

Раванди муҳоҷирати меҳнатӣ чи хеле, ки баён намудем ду самти асосӣ дорад: дохилӣ (асосан муҳоҷирати мокувор – сафарҳои ҳаррӯза аз деҳот ба шаҳр) ва берунӣ (дар ҷустуҷӯи кор ба хориҷа сафар кардан) [6]. Аз таҳлилҳои дар боло овардашуда ба чунин хулоса омадан мумкин, ки ҷамъбасти умумии муҳоҷирати аҳолӣ дар сатҳи минтақаҳо дар солҳои охир бисёр ҳам ба натиҷаҳои мусбӣ ва манфӣ ноил гаштааст. Аз ҷумла дар ноҳияи ВМКБ қисман ба натиҷаи мусбӣ, инчунин ноҳияҳои тобеъи Ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе афзоиши аҳолӣ ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба назар мерасад.

Боби мазкури дисертатсияро хулоса намуда, метавон ба лоиҳаи нақшавии рушди равандҳо ва ахлоқу рафтори муҳоҷирӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мавқеи тавъамкунии минбаъдаи институтҳои муҳоҷиратӣ ва равандҳои муҳоҷиратӣ далел оварда метавонем [7].

То аввали солҳои 2000-ум раванди баргардонидани гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷбории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом расид ва зиёда аз 1 миллион нафар шаҳрвандони кишварамон дар ҷойҳои муқимии худ ҷо ба ҷо карда шуданд. Лекин, оқибатҳои ҷанги хонумонсӯз ва муносибати ғоратгаронаи баъзе афроди нобакор, ки қисми зиёди корхонаҳои истеҳсолӣ ва дигар ташкилоту идораҳоро аз кор бароварда буданд, имконияти дар дохили мамлакат дарёфти ҷойҳои кории арзанда ва шароити хӯронидану пӯшонидани оилаҳои шаҳрвандонро маҳдуд карда буданд. Бо ин сабаб, қисми зиёди шаҳрвандони баргардонидашуда маҷбур буданд боз хонадони худро тарк карда, ба давлатҳои хориҷа барои пайдо кардани ҷойҳои корӣ ва таъмин намудани оилаҳояшон равона гарданд [8]. Ба ҳамин тариқ, дар таърихи навини Тоҷикистон мо тағйирёбии як намуди муҳоҷирати аҳолиро ба намуди дигар бо иштироки садҳо ҳазор нафар шаҳрвандон мушоҳида менамоем ва ин раванд дар Ҷумхурии Тоҷикистон бо дарназардошти зиёд будани қувваҳои қобили меҳнат ва мавҷуд набудани ҷойҳои кории арзанда дахсолаҳо давом меёбад.

Масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон дар баробари масъалаҳои истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз ҳалқаи коммуникатсионӣ ва таъмини барномаи озуқаворӣ, яке аз афзалиятҳои муҳим ба ҳисоб рафта, ҳалли саривақтии худро талаб менамояд. Зеро, раванди муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ барои шаҳрвандони кишварамон хусусияти глобалӣ гирифтааст ва муҳоҷирони меҳнатӣ нигарони он ҳастанд, ки мақомотҳои дахлдори давлатӣ доир ба таъмин намудани ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо чораҳои зарурӣ меандешанд.

Айни замон бошад, вазъи муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон начандон хуб аст ва барои ноил гардидан ба натиҷаҳои дилхоҳ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро лозим аст, ки масъалаҳои ҳалталаби имрӯзаро ҳарчи зудтар ҳаллу фасл намояд, зеро равандҳои муҳоҷират сол аз сол пурзӯр гардида, метавонанд ба ҳолати иҷтимоиву сиёсии давлат таъсири манфӣ расонанд [9].

Давлатҳои хориҷи дуру наздик ба масъалаи ворид гардидани маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва истифодаи оқилонаи он дар рушди оила ва ҷомеаи шаҳрвандӣ диққати ҷиддӣ медиҳанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар давоми зиёда аз даҳ соли охир мутобиқ ба маблағгузории муҳоҷирони меҳнатӣ, тавонист якбора ду масъаларо ҳал намояд: якум – шиддати бозори меҳнати дохили кишвар хеле паст карда шуд ва дуюм - вазъи иқтисодиву иҷтимоии мамлакат муътадил гашт.

Ҳамчунин, дар мисоли давлатҳои хориҷи дуру наздик, ки ба натиҷаҳои арзанда дар соҳаи муҳоҷират ноил гардиданд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ба танзим

